ИМОНИ БА ҲАМА ЛОЗИМ

Мавлоно Холиди Бағдодӣ



Таҳияи
Ҳусейн Ҳилмӣ Ишиқ



ИМОНИ БА ҲАМА ЛОЗИМ

Мавлоно Холиди Бағдодӣ

Таҳияи
Ҳусейн Ҳилмӣ Ишиқ

www.hakikatbooks.com

МУНДАРИҶА

- I- ИМОНИ БА ҲАМА ЛОЗИМ
[Имон ва Ислом] ПЕШГУФТОР 5

-1- САРСУХАН 10

-2- ИМОН ва ИСЛОМ 16

- 3 - ШАРТҲОИ ИСЛОМ 20

-4- ШАРТҲОИ ИМОН 26

- 5 - МАКТУБИ ШАРАФУДДИН МУНИР
(раҳимаҳумуллоҳу таъоло)
(Сабабҳоро иҷро кардан лозим) 78

- 6 - АЛЛОҲ ТАЪОЛО ҲАСТ ВА ЯГОНА
АСТ, ТАМОМИ МАВҶУДОТ ҒАЙРИ Ӯ
ДАР ҲОЛАТИ НЕСТӢ БУДАНД ВА
БОЗ НЕСТ МЕШАВАНД 86

ЛУҒАТ 94

(Субҳонналлоҳи ва биҳамдиҳи субҳонналлоҳи-л-азим). Ҳар касе, ки ин калимотро субҳ ва шом сад бор мехонад, гуноҳонаш авф мешаванд. Аз гуноҳ кардан эмин мемонад. Ин дуо, ки дар "**Тарҷумаи Мактубот"** дар мактубҳои 307 ва 308-и китоб оварда шудааст, сабаби рафъи ҳамаи дардҳост.

- I-
ИМОНИ БА ҲАМА ЛОЗИМ
[Имон ва Ислом]
ПЕШГУФТОР

Китобро бо бисмиллоҳ оғоз кунем,
Номи Аллоҳ беҳтарин муҳофиз аст.
Неъматҳои Ӯ беҳисоб аст,
Ниҳоят Меҳрубон ва бахшанда аст.

Худованди мутаъол ба тамоми инсонҳои рӯи олам раҳм мекунад ва аз ин сабаб эҳтиёҷоти онҳоро офарида ба онҳо равон мекунад. Роҳи ба саодати абадӣ расиданро нишон медиҳад. Ӯ онҳоеро, ки нафсҳояшонро, рафиқони бадашонро, китобҳои зарароварро пайравӣ карда аз роҳи рост баромадаанд ва аз пайравии куфру гумроҳӣ пушаймон шудаанд, мебахшад. Онҳоро аз фалокати абадӣ мераҳонад. Ин неъматро ба золимон ва онҳое, ки аз ҳад мегузаранд, ато намекунад. Онҳоро бо хоҳишоташон дар роҳи куфр мегузорад. Дар охират аз муъминони гунаҳкор, ки ба ҷаҳаннам мераванд, касеро, ки хоҳад, интихоб мекунад ва мебахшад. Онҳоро ба биҳишт дохил менамояд. Холиқи тамоми мавҷудоти зинда, нигаҳдорандаи ҳамешагии тамоми махлуқот ва муҳофизи ҳама чиз аз тарс ва даҳшат Ӯст. Ба номи шарифи ин Аллоҳ паноҳ бурда, аз Ӯ мадад пурсида навиштани ин китобро оғоз мекунем.

Ҳамд Парвардигорро. Дуруду салавот бар Паёмбари дӯстдори Ӯ – Муҳаммад алайҳиссалом. Дуруду дуо бар аҳли байт ва асҳоби одил ва содиқи ин Паёмбари бузург бод.

Ҳамд ин боварӣ ва иқрор ба халқ кардан ва фиристодани тамоми неъматҳо аз ҷониби Аллоҳу таъоло аст. Шукр бошад, мувофиқи Ислом истифода кардани ҳамаи неъматҳо мебошад.

Ҳазорон китоб дар бораи эътиқодҳои дини ислом ва амрҳову манъкардаҳои ин дин иншо шудаву бисёре аз онҳо бо забонҳои гуногун тарҷума шудааст. Аз тарафи дигар, дар ҳар замон бадхоҳон, кӯтоҳандешон, ҷоҳилони дин ва худоногоҳон ба аҳкоми фоиданок ва бофайзи ислом, яъне ба амрҳояш, манъкунандаҳояш ҳуҷум кардаву барои доғдор ва тағйир додани онҳо ва фиреби мусалмонҳо кӯшишҳо ба харҷ додаанд.

Аммо боиси хушнудист ки ҳоло ҳам олимони Ислом дар ҳар гӯшаву канори дунё барои паҳн кардан ва ҳифз кардани эътиқоди исломӣ кӯшиш доранд. Олимони роҳи ҳақро, ки Исломро аз асҳоби киром шунидаву дар китобҳо ҷой додаанд, олимони аҳли суннат мегӯянд. Он бехабароне, ки китобҳои олимони аҳли суннатро нахондаанд ё нафаҳмидаанд ва аз Қуръони Карим ва ҳадисҳои шариф фаҳмиши ноодуруст баровардаанд, агарчи бо суханҳову навиштаҳои хилофи аҳли суннат баромад кардаанд, аммо ин гуфтаҳову навиштаҳо имони мустаҳками мусалмононро коҳиш нахоаҳд дод. Баръакс, ноогоҳ будани соҳибонашро мефаҳмонаду бас.

Оне, ки даъвои мусалмонӣ мекунад ва ё бо ҷамоат намоз мехонад, мусалмон дониста мешавад. Баъдтар, агар дар гуфтору рафтораш ё дар навиштааш ҳарфи зидди масъалаҳои имонӣ, ки аз тарафи олимони аҳли суннат донисташудааст, дида шавад, бояд фаҳмонда шавад, ки ин куфр ва аз ҷумлаи мункарот аст. Бояд ба ӯ гуфта шавад, ки аз ин кораш даст кашад ва тавба кунад. Ва агар бо камақлӣ ва нофаҳмӣ ҷавоб дода даст накашад, аз ин бармеояд, ки муртад, мункир ва фурӯхташудаи аҷнабиҳо мебошад. Агарчи намоз ҳам хонад, ба зиёрати Каъба ҳам равад ва то абад кори хайр кунад, аз ин фалокат наҷот намеёбад. Аз чизҳое, ки сабаби куфр мешаванд, даст накашад ва тавба накунад, мусалмон буда наметавонад. Ҳар як мусалмон чизҳоеро, ки сабаби куфр мешаванд, хуб омӯхта, аз муртад шудан худашро бояд ҳифз кунад ва инчунин кофиронро ва ё ба зоҳир мусалмон ва мунофиқонро хуб шинохта аз зарарашон худро эмин нигоҳ дорад.

*Қуръони Карим ва ҳадисҳои шарифро нодуруст ва хато шарҳ додан, ба ҳафтоду ду гурӯҳи мунҳариф ҷудо шудани мусалмононро Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳам хабар дода буд. Китобҳои **“Барика”** ва **“Ҳадика”** ин ҳадиси шарифро аз китобҳои **Бухорӣ** ва **Муслим** шарҳ додаанд. Мо бояд фирефтаи китобҳо ва суханроniҳои олимони дини ин гурӯҳҳо нашавем ва аз доми ин дуздони дину имон бояд ҳушёр бошем. Ғайр аз ин мусалмонони ноогоҳ, коммунистон ва массонҳо, мубаллиғо-*

ни насронӣ, ваҳҳобиҳо ва сиёнистони яҳудӣ аз ҳар тараф бо усулҳои гуногун барои аз роҳ задани насли мусалмон кӯшишҳо доранд. Бо мақолаву филмҳо, театр ва радио, нашри телевизионии сохта, барои нест кардани Ислому имон кӯшишҳо ба харҷ дода истодаанд. Ва дар ин роҳ миллионҳо маблағ харҷ мекунанд. Олимони Ислом (раҳимаҳумуллоҳу таъолао) ба ҳами инҳо ҷавобҳои зарурирo додаанд. Ва дини Аллоҳу таъоло ва роҳи дуруст ва наҷотро нишон додаанд.

Китоби ***"Эътиқоднома"***-и *яке аз олимони бузурги ислом Мавлоно Халиди Бағдодии Усмониро (қуддиса сирруҳу) интихоб кардем. Ин китоб аз тарафи Ҳоҷӣ Файзуллоҳ Афандӣ ба туркӣ тарҷума ва* ***"Фароъизу-л-фавоъид"*** *номгузорӣ шуда соли 1312 дар Миср ба табъ расидааст. Ин тарҷумаро содда карда* ***"Имони ба ҳама лозим"*** *номидем. Нашри якуми ин китоб соли 1966 баромада буд. Барои ҷудо кардани тавзеҳоти худамон ин гуна қавсҳо[ ] гузоштем. Ҳамду ситоиш Аллоҳу таъолоро, ки нашр кардани ин китобро насибамон гардонид. Китоб дар асл форсӣ буда, дар кибохонаи Донишгоҳи Истанбул, қисми Ибн ал Амин Маҳмуд Камол бо номи* ***"Эътиқоднома"*** *таҳти рақами F. 2639 нигаҳдорӣ мешавад. Тарҷумаи туркӣ бо номи* ***"Ҳақиқат Китабэви", "Имон ва Ислом"*** *ба табъ расонида шудааст.*

Нависандаи китоби ***"Дурру-л-мухтор"*** *Алоуддини Ҳаскафӣ (раҳимаҳуллоҳу таъоло) дар баҳси никоҳи кофир мегӯяд: "Як зани болиғи мусалмони шавҳаркарда агар мусалмониро надонад, никоҳаш вайрон мешавад [яъне муртад мешавад]. Сифатҳои Аллоҳу таъолоро ба ӯ бояд гуфт. Ва ӯ ҳам такрор карда бояд бовар кардам бигӯяд". Ибни Обидин инро ин гуна шарҳ медиҳад: "Духтар вақте хурд аст, зери итоати падару модараш мусалмон аст. Вақте болиғ мешавад, тобеияти падару модараш давом намеёбад. Агар болиғ шуда исломиятро надонад, муртад мешавад. То даме ки шаш чизеро, ки барои имон овардан заруранд, омӯхта бовар накунад, лозим будани риояти исломиятро бовар накунад, агар к****алимаи тавҳид (Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадан Расулуллоҳ)*** *гӯяд ҳам, мусалмонияш давом намеёбад. Шаш шарти* ***Оманту биллоҳи****ро омӯхта онҳоро бовар кардам ва амрҳову манъкардаҳои Аллоҳу таъолоро қабул кардам, гуфтанаш лозим аст". Аз ин сухани Ибни Обидин бармеояд, ки кофир пас аз гуфтани Калимаи Тавҳид ва бовар кардан ба он мусалмон мешавад. Фақат мисли ҳар як мусалмон ӯ ҳам агар имкон ёбад,* ***Оманту биллоҳи ва малоикатиҳи ва кутубиҳи ва русулиҳи вал явмил охири ва бил қадари хайриҳи ва шарриҳи миналлоҳи таъоло вал баъсу баъдал-***

мавти ҳаққун, ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоху ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуху ва расулуху *гуфта асосҳои омантуро аз бар карда, маъноияш ва аз илмҳои ислом чизҳои ба худаш лозимаро бояд омӯзад. Як кӯдаки мусалмон ҳам, агар ин шаш чиз ва илмҳои исломиро наомӯзад ва бовар накунад, пас аз боақл ва болиғ шудан муртад мешавад. Баъди имон овардан,* ***илмҳои ислом****ро, яъне фарзҳо, ҳаром, таҳорат, ғусл, намоз хондан ва макони авратро дарҳол пӯшиданаш ҳам фарз мешавад. Омӯзондан ва ё ҳадди ақал ёрӣ расондан барои ёфтани китобҳои ҳақиқии динӣ ба шахси пурсанда ҳам фарз мешавад. Агар касе барои пурсидан ва ё китобе барои омӯхтан наёбад, ҷустуҷӯ карданаш ҳам фарз мешавад. Агар наҷӯяд, кофир мешавад. То пайдо карданаш, надонистанаш узр ба ҳисоб меравад. Касе, ки фарзҳоро дар вақташ анҷом намедиҳад ва баръакс, корҳои ҳаромро анҷом медиҳад, дар ҷаҳаннам азоб мекашад. Дар ин китоб дар бораи шаш асоси имон маълумоти зиёд дода шудааст. Ҳар як мусалмон ин китобро бояд хуб мутолиа кунад ва барои хондани кӯдаконаш ва ҳамаи шиносҳояш кӯшишу ғайрат намояд.*

Дар вақти навиштани маъноҳои ояти карима калимаи "маолан" истифода шудааст, ки маъноияш "мувофиқи тафсири олимон" мебошад. Зеро маънои оятҳои каримаро танҳо Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фаҳмида онро ба асҳобашон фаҳмонидаанд. Олимони тафсир ин ҳадисҳои шарифро аз ҳадисҳое, ки мунофиқону ходимони бемазҳаби дин тафсир кардаанд, ҷудо намудаанд. Он ҳадисҳои шарифро, ки пайдо карда натавонистанд, бо рияои илми тафсир он оятҳои каримаро худашон маънидод кардаанд. Фаҳмиши он ҷоҳилоне, ки танҳо арабиро медонанду аз дин хабаре надоранд, ***тафсири Қуръон*** *дониста намешавад. Аз ҳамин сабаб, дар ҳадиси шариф омадааст:* ***"Оне, ки Қуръони Каримро аз пеши худ маънидод мекунад, кофир мешавад".***

Аллоҳу таъоло ҳамаамонро ба роҳи олимони аҳли суннат ҳидоят кунад! Аллоҳ моро ба доми олимони ҷоҳили ислом ва бемазҳабоне, ки ба худ номи олими исломро доранд ва ҳамчунин ба доми макру фиреби душманони ислом фирефта накунад!

Китобҳои нашркардаи Ҳақиқат Китабэви ба тамоми забонҳо ба воситаи интернет паҳн шуда истодааст.

соли мелодӣ	ҳичрӣ-шамсӣ	ҳичрӣ-қамарӣ
2001	1380	1422

Шарҳ: Миссионерҳо барои паҳн кардани насроният, яҳудиҳо барои паҳн кардани Талмут, Ҳақиқат Китабэвии Истанбул барои паҳн кардани исломият, массонҳо бошанд, барои аз байн бурдани динҳо кӯшиш доранд. Оне, ки ақлу илму инсоф дорад, аз инҳо дурусташро дарёфта, онро интихоб мекунад. Барои паҳн кардани он ёрӣ расонда, сабаби ба саодат расидани тамоми инсонҳо ҳам дар дунё ва ҳам дар охират мешавад.

Имрӯз дар дунё мусалмонҳо ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд. Гурӯҳи якум, ононе ки дар роҳи асҳоби киром ҳастанд. Онҳо мусалмонҳои ҳақиқианд. Онҳоро **аҳли суннат, суннӣ** ва **фирқаи ноҷия,** яъне гурӯҳи аз ҷаҳаннам наҷотёфтагон меноманд. Гурӯҳи дуюм, онҳоеанд, ки душмани асҳоби киромонд. Онҳоро ш**иа** ва **фирқаи золла,** яъне гурӯҳи роҳгумшуда меноманд. Гурӯҳи сеюм, душмани сунниҳо ва шиаҳо мебошанд. Онҳоро **ваҳҳобӣ** ва **наҷдӣ** меноманд. Чунки онҳо аввалин бор, дар шаҳри Наҷди Арабистони Саудӣ пайдо шудаанд. Онҳоро **фирқаи малъун** мегӯянд. Мусалмонҳоро кофир номидани онҳо дар китобҳои **“Саодати абадия”** ва **“Қиёмат ва охират”** оварда шудааст. Пайғамбарамон гӯяндагони ин хел суханҳоро лаънат кардаанд. Сабаби ба ин се гурӯҳ тақсим шудани мусалмонон яҳудиҳо ва англисҳо мебошанд.

Ҳар як муъмин барои тазкияи нафс ва пок шудан аз гуноҳ ҳар замон бояд **ло илоҳа иллаллоҳ** гӯяд ва барои тасфияи нафс, яъне барои халосӣ аз гуноҳоне, ки аз нафс, шайтон, рафиқи бад ва китобҳои зараровар бармеояд, бояд **астағфируллоҳ** гӯяд. Оне, ки исломро риоят карда барои гуноҳонаш тавба мекунад, дуоҳояш қабул мегардад. Оне, ки намоз намегузорад, ба занони урён ва аврати кушодаи дигарон нигоҳ мекунад, ҳаром мехӯрад ва менӯшад, аз рӯи таълимоти ислом амал намекунад. Дуоҳои ин гуна шахс қабул намегарданд. Иловаи саҳифаи баъдиро нигаред!

-1-
САРСУХАН

Мавлоно Холиди Бағдодӣ (қаддасаллоҳу таъоло сирраҳул азиз) пеш аз оғози китоб, мактуби ҳабдаҳуми ҷилди сеюми китоби "**Мактубот"**-и **Имоми Раббонӣ Аҳмад Форуқи Сарҳиндиро (раҳматуллоҳу алайҳи)** навишта китобашро зиннату баракат додааст. **Имоми Раббонӣ (**қуддиса сирруҳ)[1] дар ин мактуб мефармояд:

Мактубамро бо Бисмиллоҳ оғоз мекунам. Ҳамд ва шукр Аллоҳу таъолоро, ки тамоми неъматҳоро ба мо фиристод ва аз ҳама неъмати бузург, моро мусалмон гардонид ва бо уммати Муҳаммад алайҳиссалом шудан қадри моро баланд гардонид.

Бояд хуб фикр кард ва фаҳмид, ки фиристандаи тамоми неъматҳо фақат Аллоҳу таъоло аст. Ҳама чизро танҳо Ӯ ҳаст кардааст. Нигаҳдорандаи ҳар лаҳзаи ҳастии тамоми махлуқот танҳо Ӯст. Сифатҳои хуб ва волои банда эҳсони ва лутфи Ӯст. Ризқро халқкунанда ва расонанда танҳо Ӯст. Эҳсонаш ончунон бузург аст, ки ҳатто ризқи гунаҳкоронро қатъ намекунад. Он қадар пардапӯш аст, ки онҳоеро ки ба амрҳояш итоат намекунанд ва аз манъкардаҳояш дӯрӣ намечӯянд, шармандаю шармсор намегардонад ва пардаи номусашонро намедарад. Авфу марҳаматаш ончунон бузург аст, ки ҳатто барои ҷазо додани онҳое, ки лоиқи ҷазову азоб ҳастанд, шитоб намекунад. Неъматҳояшро, эҳсонҳояшро ба дӯсту душман арзонӣ медорад. Аз ҳеҷ кас ҳеҷ чизро дареғ намедорад. Бузургтарин ва беҳтарини неъматҳо - роҳи рост, роҳи саодат ва наҷотро нишон медиҳад. Барои аз ин роҳ берун нашудан ва ба биҳишт дохил шудан ташвиқ мекунад. Барои расидан ба неъматҳои абадӣ, завқҳои тамомнашаванда ва бебаҳои биҳишт ва розигии Худаш моро ба итоат кардани Пайғамбари дӯстдораш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр мекунад. Ҳамин тавр, неъматҳои Аллоҳу таъоло мисли офтоб ба ҳама равшан аст. Неъматҳое, ки аз дигарон меояд, дар асл аз Ӯ меояд. Ва Ӯ аст, ки дигаронро ҳамчун восита гузошта, дар вуҷуди онҳо хоҳиш ва қувваи хайр карданро пайдо мекунад. Аз ин сабаб, неъматҳои аз ҳар ҷо ва аз ҳар кас омада дар асл аз тарафи Ӯст. Аз ғайри Ӯ хостан ва интизор будан ба мисли аз амонатдор амонат хостан ва ё аз фақир садақа талабидан аст. Ин гуфтаҳоро ҷоҳилон ҳам ба монанди олимон, нодонон ҳам мисли до-

1 Имоми Раббонӣ соли 1034 [1624-и мелодӣ] вафот мекунад.

ноён дурусту равшан медонанд, чунки барои дарки ин гуфтаҳо ҳатто фикр кардан ҳам лозим нест.

Вазифаи инсон аст, ки ба Аллоҳу таъоло, ки ин ҳама неъматҳоро фиристод, чи қадаре ки тавонад, шукр кунад. Вазифае, ки ақл амр мекунад, ҳатмӣ аст. Ин шукри Худоро ба ҷо овардан на он қадар осон аст. Чунки инсонҳо, ки аз ҳеҷ чиз офарида шудаанд, заиф, муҳтоҷ, боайб ва бонуқсонанд. Аллоҳу таъоло абадӣ аст. Аз айбу нуқсон пок аст. Соҳиби тамоми бузургист. Инсонҳо аз ягон чиҳат бо Аллоҳу таъоло монандӣ ва наздикӣ надоранд. Оё инсон, ки дар мақоми бандагии худаш метавонад шукри он Зоти бузургро чуноне ки бояд баҷо орад? Чизҳое ҳастанд, ки дар назари инсонҳо зебо ва пурқиммат менамоянд, аммо онро Аллоҳу таъоло хуш надорад. Шояд чизҳоеро, ки мо дӯст медорем ва қадр мекунем, барои Худованд нохушоянд бошанд. Инсон бо ақли кӯтоҳи худ чизҳои лоиқи шукр ва эҳтиромро намеёбад. Ӯст, ки роҳи шукр кардан ва эҳтиром гузоштанро ба мо нишон медиҳад, вагарна он чизҳое, ки мо хуб мепиндорем, дар асл метавонад хуб набошад.

Ҳамин тавр, вазифаҳои бандагӣ, ба ҷо овардани қарзи шукргузорӣ бо қалбу забон ва тамоми аъзои дигар аз тарафи Аллоҳу таъоло муйяншуда, аз тарафи Пайғамбари дӯстдораш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён гардидаанд. Вазифаҳои бандаро, ки Аллоҳу таъоло амр ва муайян кардааст, **Исломият** мегӯянд. Шукри неъматҳои Аллоҳу таъолоро ба ҷо овардан бо пайравӣ кардан аз роҳи Пайғамбари Ӯ ба амал бароварда мешавад. Ҳеҷ як шукре, ки мувофиқи ин роҳ нест ва ё берун аз он аст, аз тарафи Аллоҳу таъоло қабул карда намешавад. Зеро бисёр чизҳое ҳастанд, ки инсон онро хубу зебо медонад, аммо таълимоти ислом онҳоро қабул надорад ва баръакс нодуруст ва ноҷо меҳисобад.

Аз ин бармеояд, ки инсони оқил барои шукри Аллоҳу таъолоро ба ҷо овардан бояд пайрави Муҳаммад (алайҳиссалом) бошад. Роҳи Муҳаммад пайғамбарро (алайҳиссалом) **Исломият** меноманд. Пайрави Муҳаммадро (алайҳиссалом) **мусалмон** мегӯянд. Шукр кардан ба неъматҳои Аллоҳу таъоло, яъне пайравӣ аз Муҳаммад алайҳиссаломро **ибодат кардан** мегӯянд. Илмҳои исломӣ ду қисм аст: динӣ ва илмӣ. Ислоҳотчиёни дин улуми диниро **илмҳои схоластикӣ** ва фанҳои илмиро **улуми ратсионалӣ** (ақлӣ) номидаанд. Улуми динӣ ҳам ба ду қисм ҷудо мешавад:

1 – Илмҳое, ки бо қалб эътиқод кардани онҳо, яъне бовар кардани онҳо лозим аст. Ин илмҳоро **Усули дин** ва ё омӯзиши **Имон** мегӯянд. Агар муфассалтар гӯем, **Имон** бовар кардан ба шаш чизе, ки Муҳаммад (алайҳиссалом) омӯзондаанд, исломиятро қабул кардан ва дурӣ ҷустан аз чизҳое мебошад, ки дар онҳо куфр ҷой дорад. Ҳар як мусалмон чизҳое, ки дар онҳо куфр ҷой дорад, бояд омӯзад ва аз онҳо дурӣ ҷӯяд. Шахси соҳиби имонро **мусалмон** меноманд.

2 – Илмҳои ибодат, ки бо дил ё аъзои дигари бадан ба ҷо оварда мешавад ва ё аз он дурӣ ҷуста мешавад. Илмҳоеро, ки иҷро карданашон амр шудааст, **фарз** ва дурӣ ҷустанашон амр шудааст, **ҳаром** меноманд. Инҳоро **фуруи дин** ва ё аҳкоми исломӣ ё таълимоти **Ислом** мегӯянд.

[Чизе, ки пеш аз ҳама донистани он барои ҳамагон лозим аст **калимаи тавҳид** гуфтан ва маъноашро бовар кардан мебошад. Калимаи тавҳид **Ло илоҳа иллалоҳу Муҳаммадун расулуллоҳ** гуфтан аст, ки маънои "Аллоҳ яккаву ягона аст. Муҳаммад (алайҳиссалом) пайғамбари Ӯст"-ро дорад. Ба ин бовар доштанро "имон овардан" ва "мусалмон шудан" мегӯянд. Ва касе ки ба ин бовар дорад, **муъмин** ва **мусалмон** аст. Имони ӯ бояд бардавом бошад. Аз ин сабаб, аз чизҳое, ки сабаби куфр мешаванд ва чизҳое, ки дар онҳо куфр ҷой дорад, дур будан лозим.

Қуръони Карим каломи Аллоҳ аст. Аллоҳу таъоло Қуръони Каримро ба воситаи фариштаи Ҷабраил (алайҳиссалом) ба Муҳаммад (алайҳиссалом) фиристодааст. Калимаҳои Қуръон арабиянд. Ин калимаҳоро Аллоҳу таъоло батартиб гузоштааст. Калимаҳои арабии Қуръон аз тарафи Аллоҳу таъоло ба тартиб гузошта шуда дар шакли оят, ҳарф ва калима омадааст. Маънои ин ҳарф ва калимаҳо каломи илоҳиро баён мекунад. Ин ҳарфу калимаҳоро **Қуръон** мегӯянд. Қуръон ҳамчунин маънохое мебошад, ки дар каломи илоҳӣ ифода ёфтаанд. Ин каломи илоҳӣ махлуқ нест. Мисли дигар сифатҳои Аллоҳ абадию азалӣ аст. Ҷабраил (алайҳиссалом) ҳар сол як бор омада, оятҳоеро, ки то он вақт нозил шуда будаанд, бо тартиби Лавҳи Маҳфуз ба Пайғамбарамон мерасонд. Соли вафоташон ду маротиба омада аз аввал то охирашро расонид. Пайғамбарамон ва бисёре аз асҳоб Қуръонро ба пуррагӣ азёд медонистаанд. Соле, ки вафот карданд, халифа Абубакри Сиддиқ, ҳофизони Қуръонро ҷамъ карда, навиштаҷотҳоро оварда Қуръонро ба пуррагӣ китобат кунониданд. Ҳамин тавр, **Мусҳаф** пайдо шуд. Сиву як ҳазор саҳоба дуруст будани ҳар як ҳарфи ин мусҳафро эътироф намуданд.

Суханони Муҳаммад (алайҳиссалом)-ро **ҳадиси шариф** меноманд. Он ҳадисҳоя, ки маъноияш аз тарафи Аллоҳу таъоло ва лафзаш (калимаҳояш) аз тарафи Муҳаммад (алайҳиссалом) гуфта шудааст, **ҳадиси қудсӣ** мегӯянд. Китобҳои ҳадис бисёранд, аммо машҳуртарини онҳо китоби **Бухорӣ** ва **Муслим** мебошанд.

Илме, ки бовар кардани амрҳои илоҳиро меомӯзад, **имон** номида мешавад. Амалаҳое, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошанд, **фарз** ва амалҳое, ки аз онҳо бояд дурӣ ҷуста шавад, **ҳаром** номида мешаванд. Фарз ва ҳаромро **аҳкоми ислом** меноманд. Он касе, ки ҳатто ба яке аз таълимотҳои ислом бовар надорад, **кофир** аст.

Чизи дуюме, ки ба инсон лозим, тоза кардани қалб мебошад. Вақте қалб мегӯем, ду чиз пеши назар меояд. Як пораи гӯшти бадани моро қалб мегӯянд. Ин қалбро ҳайвонҳо ҳам доранд. Онро дил меноманд. Қалби дуюм, қалби ноаёне аст, ки дар дохили дил аст. Ва онро қалб мегӯянд. Дар китобҳои динӣ дил гуфта қалбро дар назар доранд. Қалб макони таълимоти ислом аст. Ҳамин қалб аст, ки имон меоварад ё намеоварад. Қалби имондор тоза аст, қалби беимон чиркин ва мурда аст. Вазифаи аввалиндараҷаи мо ин аст, ки барои тоза будани қалбамон кӯшиш кунем. Қалби моро ибодат кардан, хусусан, намозу истиғфор тоза мекунад. Даст задан ба амалҳои ҳаром қалбро вайрон мекунад. Пайғамбарамон фармудаанд: “**Истиғфорро бисёр гӯед. Касе, ки хондани дуои истиғфорро давом медиҳад, Аллоҳу таъоло аз ҳар гуна беморӣ ва дард нигоҳ медорад. Аз ҷое, ки ҳеҷ тасаввур карда намешавад, ризқу рӯзӣ медиҳад”.** Истиғфор ин **астағфируллоҳ** гуфтан аст. Дуои касе қабул карда мешавад, ки ӯ мусалмон бошад, ба гуноҳони худ тавба карда бошад, маънои дуоро донад ва ба иҷобат шудани он бовар кунад. Дуо бо қалби сиёҳшуда (ки дар натиҷаи гуноҳ сиёҳ шудааст) қабул намешавад. Касе, ки се маротиба дуоро мехонад ва намозҳояшро давом медиҳад, қалбаш тоза мешавад. Ҳамчунин қалбаш низ ба зикри Худо машғул мешавад. Дуое, ки бе ҳузури қалб, танҳо бо забон гуфта мешавад, фоидае надорад.

Таълимоти динӣ, ки Ислом муқаррар кардааст, дар китоби олимони **аҳли суннат** навишта шудааст. Касе, ки ба таълимот дар бораи имон ва ислом, ки дар китоби олимони аҳли суннат аз **насс -** оятҳои карима ва ҳадисҳои шариф омадааст, бовар намекунад, **кофир** аст. Бовар накарданашро пинҳон кунад, **мунофиқ** аст. Ва агар пинҳон кунад ва ҳам худро мусалмон гуфта, мусалмонони дигарро фиреб диҳад,

зиндиқ (бедин, бехудо) аст. Агар насҳоеро (матнҳоеро), ки маъноя-шон равшан нест, таъвил дода, хато бовар кунад, кофир намешавад. Танҳо барои он ки аз роҳи рости аҳли суннат баромааст, ба ҷаҳаннам меравад. Ба хотири бовар карданаш ба оятҳое, ки маъноя-шон ошкор аст, абадан дар азоб намемонад. Аз ҷаҳаннам бароварда ва ба ҷаннат фиристода мешавад. Инҳоро **аҳли бидъат** ва ё **фирқаҳои залолат** ме-гӯянд. Ҳафтоду ду намуд фирқаи залолат ҳаст. Ибодатҳо, хизматҳо ва хайроте, ки ин гурӯҳҳо, ҳамчунин кофирон ва муртаддон мекунанд, ҳеҷ кадомаш қабул намешавад ва дар охират ба кор намеояд. Мусал-мононе, ки эътиқоди дуруст доранд, **аҳли суннат вал ҷамоат** ё **суннӣ** мегӯянд. Сунниҳо дар ибодат кардан ба чор мазҳаб ҷудо шудаанд. Ва аҳли ин чор мазҳаб, якдигарашонро дӯст медоранд ва аз аҳли суннат буданашонро медонанд. Оне, ки берун аз ин чор мазҳаб аст, аҳли сун-нат буда наметавонад. Кофир ё аҳли бидъат шудани оне, ки аҳли сун-нат нест, дар мактубҳои Имом Раббонӣ, хусусан дар ҷилди як, мактуби дусаду ҳаждаҳум, ва қисми “Забоеҳ”-и ҳошияи **“Дурру-л-мухтор”**-и Таҳтавӣ ва дар китоби **“ал-Басоир лимункири-т-тавассули биаҳ-ли-л- мақобир”** бо далелҳо оварда шудааст. Ин ду китоб ба забони арабӣ навишта шудаанд. Китоби дуюм дар Ҳиндустон навишта шуда соли 1395 [м. 1975] дар он ҷо ба табъ расидааст ва баъдтар дар Истан-бул аз тарафи Ҳақиқат Китабэви борҳо нашр шудааст.

Онҳое, ки ба тарзи яке аз ин чор мазҳаб ибодат мекунанд, гуноҳ кунанд ва ё ибодатҳояшонро бонуқсон анҷом диҳанд ҳам ва тавба ку-нанд, гуноҳояшон авф мешавад. Тавба накунанд, Аллоҳу таъоло агар хоҳад, онҳоро мебахшад, ба ҷаҳаннам намефиристад. Агар хоҳад, ба қадри гуноҳҳояш азоб мекунад ва боз аз азоб наҷот меёбанд. Онҳое, ки ба чизҳои муҳим ва маълум дар дин ва ё таълимоти кушоду равша-ни он, ки ҳатто ҷоҳилон ҳам онро медонанд, бовар намекунанд, дар ҷаҳаннам то абад азоб мекашанд. Онҳоро **кофир** ва **муртад** мегӯянд.

Кофирон ҳам ду намуд мешаванд: бокитоб ва бекитоб. Агар фар-занди мусалмоне буда баъдан аз дин баромада бошад, **муртад** ме-гӯянд. Ибни Обидин (раҳимаҳуллоҳу таъоло) онҳоеро, ки аз саба-би ширк, никоҳашон ҳаром аст, муайян карда мефармояд: “Муртад, мулҳид, зиндиқ, маҷусӣ, бутпараст, файласуфони Юнони Қадим, мунофиқ ва он ҳафтоду ду фирқа (браҳман, буддист), ботинӣ, ибоҳӣ, дурзӣ ҳамаашон кофирони бекитоб мебошанд”. Коммунистҳо ва ма-сонҳо ҳам ҳамин тавр. Насронӣ ва яҳудиёне, ки ба китобҳои осмонии

Таврот ва **Инҷил,** ки баъдан иваз шудаанд ва бекор гардиданд, бовар доранд, кофирони бокитобанд. Агар онҳо ба сифати улуҳият доштани ягон махлуқ бовар кунанд, **мушрик** мешаванд. **Сифати зотия** ва **сифати субутия**и Аллоҳу таъолоро **сифатҳои улуҳият** мегӯянд.

Кадоме аз кофирони бокитоб ва бекитоб, мусалмон шавад, аз ҷаҳаннам наҷот меёбад. Мусалмони тамоман бегуноҳ ва пок будан мумкин аст. Аммо барои ин мусалмони **сунни мазҳаб** шудан лозим аст. Суннӣ шудан, ин китобҳои олимони аҳли сунатро хонда, омӯхта, бовар карда ва дар амал татбиқ кардан аст. Дар дунё мусалмон будан ё набудани як инсон, аз сухан ва корҳояш маълум мегардад. Ба охират имондор ва ё беимон рафтанаш аз нафаси охиронаш маълум мешавад. Мард ё зане, ки гуноҳи бузург анҷом додаст, агар аз таҳти дил тавба кунад, гуноҳҳояш яқин аст, ки авф мешаванд. Бегуноҳ ва пок мешавад. Чӣ будани **тавба,** чӣ тавр иҷро карданаш, дар китобҳои илми ҳол, масалан **Имон ва Ислом** ва **Саодати абадия** – и туркӣ ва арабӣ муфассал оварда шудааст.]

-2-
ИМОН ва ИСЛОМ

Дар ин китоби **“ЭТИҚОДНОМА”** як ҳадиси шарифи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи имон ва ислом шарҳ дода шудааст. Умед дорем, ки бо баракати ин ҳадиси шариф эътиқодҳои мусалмонон қавӣ шуда, он сабаби ҳидоят ёфтани гумроҳон ва боиси наҷоти ин Холид (қуддиса сурруҳу) хоҳад шуд.

Бовар дорам, ки Аллоҳу таъоло, ки муҳтоҷи чизе нест ва эҳсону карамаш бепоёну асту нисбати бандаҳояш ниҳоят меҳрубон, ин Холидеро, ки сармояаш кам асту қалбаш аз гуноҳони зиёд сиёҳ, мебахшад, суханҳои ноҷоашро авф ва ибодатҳои бонуқсонашро қабул фармояд! Аз шарри шайтони фиребкору дурӯғгӯй [ва аз навиштаҳои хатову дурӯғи душманони ислом] моро муҳофизат намо ва шод гардонад! Байни раҳимон аз ҳама раҳим ва байни соҳибони эҳсон аз ҳама саховатманд танҳо Аллоҳу таъолост.

Олимони ислом мефармоянд, ки шахси **мукаллаф,** яъне ҳар як зан ва марди мусалмоне, ки боақл ва болиғ аст, бояд [Аллоҳу таъолоро шиносад, донад, яъне] сифатҳои зотия ва сифатҳои субутияи Аллоҳу таъолоро дуруст дониста бовар кунад. Аввалин чизе, ки барои ҳама фарз шуд, ин буд. Надонистан узр нест, балки гуноҳ аст. Аҳмад писари Холиди Бағдодӣ ин китобро на барои худро аз дигарон боло доистан, илм фурӯхтан ва машҳур шудан, балки барои кори хайр ва аз худ ёдгоре боқӣ гузоштан навиштааст. Аллоҳу таъоло ба ин Холиди[2] оҷиз ва ҳамаи мусалмонон мадад кунад! Омин.

[**(Сифатҳои зотия**и Аллоҳу таъоло шашто аст: **Вуҷуд, Қидам, Бақо, Ваҳдоният, Мухолафатун лил-ҳаводис** ва **Қиёму би нафсиҳи.** Вуҷуд аз худ ҳаст кардан аст. Қидам ҳастии азалӣ аст, яъне буданашро ибтидое нест. Бақо ҳастии абадист, нестнашаванда аст. Ваҳдоният аз ҳеҷ ҷиҳат шарик, назир ва монанд надоштан аст. Мухолафатун ли-л-ҳаводис маънои ба ҳеҷ чиз, ба ҳеҷ як махлуқ монанд набуданро дорад. Қиёму би нафсиҳи ин ҳастӣ аз худаш ва барои вуҷуд доштан ба ҳеҷ чиз муҳтоҷ набудан аст. Ин шаш сифат дар ягон махлуқ дида намешавад. Инҳо ба махлуқот аз ягон ҷиҳат таалуқ ва ё пайвастагӣ ҳам надоранд. Баъзе олимон бар ин назаранд, ки Ваҳдоният ва Мухолафатун ли-л-ҳаводис як аст. Ва мегӯянд, ки **(сифати зотия панҷто аст)**].

2 Холиди Бағдодӣ соли 1242 [1826-и мелодӣ] дар Шом вафот мекунад.

Ғайр аз Аллоҳу таъоло, дигар ҳама чизро **(Мосиво)** ва ё **(Олам)**, ҳоло **(Табиат)** мегӯянд. Оламе вуҷуд надошт. Ҳамаашро Аллоҳу таъоло офарид. Ҳамаи оламҳо мумкин ё ҳодис аст. Яъне агар вуҷуд надошта бошад, ҳаст шуда метавонад ва агар вуҷуд дошта бошад, нест шуда метавонад. Дар ҳадиси шариф ҳам ба ин маъно омадааст: **(Замоне ки ҳеҷ чиз вуҷуд надошт, Аллоҳу таъоло вуҷуд дошт).**

Далели дигари ҳодис будани олам, ин ҳар замон вайрон шудаву иваз шудани он аст. Ҳама чиз иваз мешавад. Чизҳои қадим бошанд, ҳеҷ иваз намешаванд. Зоти Аллоҳу таъоло [яъне худаш] ва сифатҳояш ингунаанд. Ҳеҷ иваз намешаванд. [Ҳарчанд, дар олам дар ҳодисаҳои физикӣ, ивазшавии вазъи моддаҳо дида мешавад. Дар реаксияҳои кимиёвӣ моддаҳо иваз мешаванд. Ҷисмҳо нест шуда ба дигар ҷисмҳо табдил меёбанд. Имрӯзҳо дар тағйироти атомӣ, реаксияҳои ядроӣ, модда, элемент ҳам нест шуда ба энергия табдил меёбад.] Ин тавр ивазшавии дунё, аз якдигар ҳосил шудани онҳо далели он аст, ки онҳо абадӣ нестанд. Инҳо бояд ибтидо дошта бошанд, яъне аз аввалин моддаҳо ва элементҳо, ки аз ҳеҷ чиз офарида шудаанд, сохта шудаанд.

Далели мумкин будани дунё, яъне вуҷуд надошт, аммо маънои вуҷуд дошта тавонистани он ҳодис будани дунёст. Яъне, вуҷуд доштани ҳама чизе, ки вуҷуд надошт. [Вуҷуд ҳаст шудан аст. Се намуди вуҷуд муайян гардидааст: якум, **(Воҷибулвуҷуд) аст**. Яъне ҳастие, ки бояд бошад. Ҳамеша ҳаст. Аз ибтидо то интиҳо нест намешавад. Танҳо Аллоҳу таъоло воҷибулвуҷуд аст. Дуюм, **(Мумтанеъулвуҷуд).** Яъне, ҳаст намешавад. Ҳамеша набояд бошад. Шарики Борӣ ҳамин тавр аст. Яъне, мисли Аллоҳу таъоло худои дигаре буда наметавонад. Сеюм, **(Мумкинулвуҷуд)**. Яъне, буда ва ҳам набуда метавонад. Тамоми оламҳо ва махлуқот ҳамин тавранд. Баръакси калимаи **(Вуҷуд),** калимаи **(Адам)** аст. Маънои адам нестист. Оламҳо, яъне ҳама чиз пеш аз ҳаст шудан дам буданд. Яъне вуҷуд надоштанд.]

Мавҷуд, яъне ҳама чизе, ки ҳаст, ду намуд дорад: якум **(Мумкин),** дуюм **(Воҷиб).** Агар мавҷуд фақат мумкин мебуд ва воҷибулвуҷуд намебуд, ҳеҷ чиз ҳаст намешуд. [Зеро ҳаст шудани чизе, ки вуҷуд надошт, як ҳодисаи ивазшавист. Мувофиқи қонунҳои физикӣ, барои ивазшавии ҷисм бояд ба ҷисм ягон қувваи беруна таъсир кунад. Ва ин қувва ҳам аз ибтидо бояд мавҷуд бошад.] Аз ҳамин сабаб, мавҷуде ки мумкин аст, худ аз худ ҳаст шуда ва буда наметавонад. Ба ӯ ягон қувва таъсир намекард, ҳамеша дар нестӣ мемонд, ҳаст шуда наметавонист. Вақте худашро ҳаст

карда наметавонад, албатта, дигар мумкинҳоро ҳам халқ карда наметавонад. Офаридгори мумкинҳо худаш бояд воҷибулвуҷуд бошад. Ҳаст шудани оламҳо, вуҷуд доштани як офаридгореро нишон медиҳад, ки дунёро аз нестӣ ҳаст кард. Мебинем, ки на ҳодис на мумкин, балки офаридгори ҳамаи мумкинҳо танҳо воҷибулвуҷуд аст. Ӯ қадим аст. Яъне ҳамеша буд. Маънои воҷибулвуҷуд вуҷудаш аз дигарон не, балки аз худаш вобаста будан аст. Яъне худ ба худ ҳамеша ҳаст. Аз тарафи касе ё чизи дигар офарида нашудааст. Агар ин тавр набошад, ҳодис ва мумкин бошад, аз тарафи кас ё чизи дигар офарида шуданаш лозим аст. Ва ин як натиҷаи баръакси фикр мешавад. Дар форсӣ калимаи **(Худо)** маънои худ аз худ вуҷуд дошта, яъне қадимро дорад. [Дар қисми 1, моддаи 6, саҳифаи 74-и китобамон маълумоти бештаре оварда шудааст].

Дар як низоми ҳайратовар будани оламҳоро мушоҳида мекунем. Илм ҳам ҳар сол дастовардҳои навро соҳиб мешавад. Офаридгори ин низом **(Ҳай)** зинда**, (Олим)** дониста, **(Қодир)** тавоно, **(Ирода)** ҷӯянда**,** хоҳанда**, (Самӣ)** шунаванда, **(Басир)** бинанда, **(Мутакаллим)** гӯянда ва **(Холиқ)** офаринанда буданаш лозим. Чунки мурдан, ҷоҳил будан, нотавонӣ ва ба зӯр анҷом додан, ношунаво ва нобино будан, сухан нагуфтан нуқсон аст. Офаридгоре, ки ин коинотро, ин дунёро бар ин низоми муҳташам офарид ва аз нест шудан ҳифз мекунад, ин нуқсонҳоро набояд дошта бошад.

[Аз атомҳо сар карда то ситораҳо, тамоми ҳастӣ бо як ҳисоб ва қонун офарида шудаанд. Низоми қонунҳо ва робитаҳое, ки дар физика, кимиё, астрономия ва биология кашф мешаванд, ақлҳоро дар ҳайрат меоранд. Ҳатто Дарвин гуфта буд: “Вақте нозукиҳои сохти чашмро фикр мекунам, аз ҳайрат торҳои асабам таранг мешаванд”. 78% и ҳаво аз азот, 21% аз оксиген, 1% аз газҳои дигар таркиб ёфтааст. Онҳо пайвастагӣ нестанд, омехтаанд. Оксиген аз 21% зиёд мешуд, ҷигарҳоямонро месӯзонд. Аз 21% кам мебуд, моддаҳои хӯрокро дар хун нест намекард. Инсонҳо ва ҳайвонҳо зиндагӣ карда наметавонистанд. Ин ин миқдор, яъне 21%, дар ҳама ҷост ва дар борон ҳам иваз намешавад. Ин як неъмати бузург аст. Оё ин вуҷуд доштан, қудрат ва марҳамати Алоҳ таъолоро нишон намедиҳад? Дар қиёс бо ин аҷоибот сохти чашм ҳеҷ аст. Оё офаридгори ин ҳама қонунҳо, ҳисобҳои нозук ва формулаҳои гуногуни илм нуқсон дошта метавонад?]

Гузашта аз ин, сифатҳои камолро дар махлуқоти Ӯ ҳам мебинем. Ин сифатҳоро дар махлуқоти Худ офаридааст. Агар ин сифатҳоро на-

медошт, чӣ хел дар махлуқоташ меофарид? Вагарна, махлуқот аз Ӯ боло мешуданд.

Батакрор мегӯем, ки офаридгори ҷаҳон ҳама сифатҳои камол, олиро дорад ва аз сифатҳои нуқсон пок аст. Зеро нуқсондор ва нопок Худо буда наметавонад.

Агар ин далелҳои ақлониро як тараф бимонем, оятҳои карима ва ҳадисҳои шариф ҳам соҳиби сифатҳои камол будани Аллоҳу таъолоро ошкору равшан нишон медиҳанд. Ба ин шубҳа кардан, ҷоиз нест. Шубҳа кардан сабаби куфр мешавад. Ҳашт сифати дар боло овардашударо **(Сифати субутия)** мегӯянд. Яъне сифати субутияи Аллоҳу таъоло ҳашт аст. Аллоҳу таъоло тамоми сифатҳои камолро дорад. Дар зот ва сифатҳои Аллоҳу таъоло ҳеҷ як нуқсон, сардаргумӣ ва тағйирот нест. **(Сифати Зотия)** ва **(Сифати субутия) –** ро **(Сифатҳои Улуҳият)** мегӯянд. Оне, ки дар махлуқот вуҷуд доштани сифати улуҳиятро бовар дорад, мушрик аст.

- 3 -
ШАРТҲОИ ИСЛОМ

Бо ёрии Аллоҳу таъоло, ки нигоҳдорандаи тамоми оламҳост, ҳар дам ҳозир ва нозир ва атокунандаи тамоми хубиҳову неъматҳост, ба фаҳмондани сухани мубораки Пайғамбарамон (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) оғоз мекунем.

Имоми қаҳрамони мусалмонон, аз бузургони Асҳоби киром, ки бо сухани рост гуфтан машҳур аст, Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳ) мефармояд: “Рӯзе, баъзе аз Асҳоби киром дар хидмати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) будем. Он рӯз, он соат, он қадар рӯзи бошараф ва пурқиммат ва такрорнашаванда буд. Он рӯз дар сӯҳбати Расулуллоҳ будан, рӯҳҳоро ғизо ва ҷонҳоро завқу сафо медод ва моро дидори ҷамоли муборакашон насиб шуда буд. Барои фаҳмондани шараф ва фазилати ин рӯз, “Он рӯзе буд, ки ...“ гуфтанд. Оё аз ин рӯз, ки Ҷабраил (алайҳиссалом)-ро дар шакли инсон дидан, овозашро шунидан, маълумоти барои бандаҳо заруриро зебо ва кушоду равшан аз забони мубораки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидан насиб мешавад, пуршарафтар ва афзалтаре ҳаст?

“Он рӯз марде наздамон омад, мисли баромадани моҳ. Либосҳояш сап- сафед ва мӯйҳояш сиёҳ буд. Дар вай хоку ҷанг ва ё аломатҳои сафар дида намешуд. Аз мо, асҳоби Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) касе ӯро намешинохт. Яъне каси дида ва ё медониста дар миёни мо набуд. Дар ҳузури Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишаст. Зонуҳояшро бо зонуҳои мубораки Расулуллоҳ наздик кард”. Ин, Ҷабраил ном малоика буд дар шакли инсон даромада. Ин тавр нишастани Ҷабраил (алайҳиссалом) адабро риоя накунад ҳам, чизи муҳимеро мефаҳмонд. Яъне дар вақти омӯхтани илми динӣ шарм надоштан, барои устод зебанда набудани ғурур ва кибрро нишон медод. Ҷабраил (алайҳиссалом) хост Асҳоби киромро нишон диҳад, ки ҳар кас дар дин чизҳои мехостагиашро бе хиҷолат, озодона аз муаллим пурсиданаш лозим аст. Дар омӯхтани дин шарм доштан ва дар омӯхтану омӯзондану адо кардани ҳаққи Аллоҳу таъоло дилгир шудан дуруст нест.

“Он марди шариф, дастҳояшро болои зонувони мубораки Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гузошт. Аз Расулуллоҳ пурсид: **“Эй Расулаллоҳ! Ба ман исломро бифаҳмон”**.

Ислом дар луғат таслим шудан аст. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) калимаи исломро ба маънои номи панҷ амал дар дин баён намуданд:

Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

1 – Яке аз аввалин шартҳои Ислом **(Калимаи шаҳодат овардан аст).** Калимаи шаҳодат овардан, ин **(Ашҳаду анна ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу)** гуфтан аст. Яъне одами боақл ва болиғ, ки сухан гуфта метавонад, бояд **(Дар замину Осмон ғайри Ӯ касе лоиқи ибодат нест ва шоистагии ибодатро надорад. Маъбуди ҳақиқӣ танҳо Аллоҳу таъолост).** Ӯ воҷибул вуҷуд аст. Ҳама бартарӣ дар Ӯст. Дар Ӯ ҳеҷ як нуқсоне нест. Гуфтани номи Ӯ **(Аллоҳ)** бо забон аст ва бо қалб бовар кардан аст. Ва боз он марди гулобипӯст, сафеду дурахшону дӯстдоштанӣ ва сурхчеҳра ва қошсиёҳу чашмсиёҳ, пешонакалон, бо хулқи зебо, касе ки сояаш ҳаргиз ба замин намеафтад, ширинсухан, касе, ки барои дар Арабистон, дар Макка таваллуд шуданаш араб садояш мекунанд, аз авлоди Ҳошим **(Зоти муборак, ки номаш Муҳаммад писари Абдуллост, банда ва расули Аллоҳу таъолост, яъне Пайғамбар аст).** Писари Омина духтари Ваҳб аст. [Соли 571-и мелодӣ, 20-уми апрел, субҳи душанбе ҳангоми дамидани субҳ] дар шаҳри Макка ба дунё меояд. Ва дар синни чил солагӣ ба пайғамбарӣ баргузида шуд. Ин солро **(Сол ё санаи Биъсат)** мегӯянд. Пас аз ин, сездаҳ сол одамонро дар Макка ба дини Ислом даъват кард. Бо амри Аллоҳу таъоло ба Мадина ҳиҷрат кард. Дар ин ҷо, исломро ба ҳар тараф паҳн кард. Баъди даҳ соли ҳиҷрат, яъне моҳи июни соли 632-и мелодӣ, душанбеи дувоздаҳуми моҳи Рабиулаввал дар Мадина вафот мекунад. [Мувофиқи маълумоти таърихнависон, замони ҳиҷрат аз Маккаи мукаррама ба Мадинаи мунаввара, соли 622-и милодӣ, панҷшанбеи 27-уми моҳи Сафар, наздики бегоҳ, ба ғори Савр медарояд. Шаби Душанбе аз ғор баромада, 8-уми Рабиулаввал (27-уми сентябр бо тақвими Григориянӣ ва 7-уми сентябр бо тақвими Ҷулианӣ) ба Мадина деҳаи Кубо мерасад. Ин рӯзи хуш, оғози соли мусалмонон **(ҳиҷрии шамсӣ)** шуд. Оғози соли ҳиҷри шамсии шиаҳо шаш моҳ пештар аст. Яъне, мутобиқ ба 20-уми март, ҷашни Наврӯз, ки иди оташпарастон ба ҳисоб меравад. Шабу рӯзи панҷшанбе дар Қубо монда, рӯзи ҷумъа ба роҳ баромад ва ҳамон рӯз ба Мадина расид. Рӯзи якуми моҳи Муҳаррам, оғози солшумории **(ҳиҷрии қамарӣ)** қабул шуд. Ин

рӯз ҷумъаи 16-уми моҳи июл буд. Ҳар соли ҳиҷрӣ шамсӣ, ки ба оғози соли мелодӣ рост меояд, 622 сол пеш аз соли нави мелодист. Ва ҳар соли мелодӣ, ки ба оғози соли ҳиҷрии шамсӣ рост меояд, аз соли нави ҳиҷрии шамсӣ 621 сол дертар аст]

2 – Дуюмин шарти ислом мувофиқи шартҳову фарзҳо, ҳар рӯз панҷ маротиба **(дар вақтҳои муайян намоз хондан аст).** Ҳар як мусалмонро фарз аст, ки ҳар рӯз панҷ маротиба дар вақтҳои муайян намоз гузорад. Агар аз рӯи тақвими хато тайёркардашуда намозро аз вақташ пештар хонем, гуноҳи бузург аст ва намоз саҳеҳ намешавад. Инчунин сабаби дар вақти кароҳат хондани намозҳои суннати аввали пешин ва фарзи шом мегардад. [Вақти намоз, бо азон хондани муаззин маълум мешавад. Чизҳои хондаи кофирон ва аҳли бидъатро **(Азони Муҳаммадӣ)** гуфта намешавад]. Намозҳоро бо диққат додани фарзҳо, воҷибҳо, суннатҳо ва бо ҳузури қалб ба Аллоҳу таъоло, дар вақташ гузоштан зарур аст. Дар Қуръони Карим намозро **(Салот)** мегӯянд. “Салот” дар луғат маънои дуо кардани инсонҳо, истиғфор кардани малоикаҳо, меҳрубонӣ ва марҳамат кардани Аллоҳу таъолоро дорад. Дар ислом дар китобҳои илми ҳол, маънои **(Салот)**, ҳаракатҳои махсус кардан ва чизҳои махсусро хондан мебошад. Гузоштани намоз бо **(такбири ифтитоҳ)** оғоз меёбад. Яъне, мардҳо дастҳояшонро то гӯшҳояшон бардошта ба таги шикам ва занҳо дастҳоашонро то китфашон бардошта сипас дар поёни қафаси сина гузошта **(Аллоҳу акбар)** мегӯянд. Дар нишасти охирон, сарро ба росту чап гардонда, салом дода намозро ба охир мерасонанд.

3 – Сеюмин шарти Ислом, **(Закоти молро додан аст).** Маънои луғавии закот, тозагӣ ситоиш кардан ва ба ҳоли хубу зебо омадан аст. Дар ислом закотро шахсе медиҳад, ки аз эҳтиёҷоти худ ва миқдори муайяни закоти мол, ки нисоб ном дорад, зиёдтар мол дорад. Закотдиҳанда як миқдори мушаххаси молашро бояд ҷудо карда ба дигар мусалмонон, ки Қуръони Карим фармудааст, бидиҳад. Закот ба ҳафт тоифаи мардум дода мешавад. Дар чаҳор мазҳаб, чаҳор намуд закоти мол вуҷуд дорад. Закоти тиллову нуқра, закоти моли тиҷорат, закоти ҳайвони чорпо, ки зиёда аз ним сол дар саҳро чаридааст ва закоти маҳсулоти замин. Ин закоти чаҳорумро **(Ушр)** меноманд. Аз замин маҳсул гирад, нагирад ҳам бояд ушр диҳад. Се намуди дигари закот баъд аз як сол, ҳангоми расидан ба миқдори нисоб дода мешаванд.

4 – Чаҳорум шарти Ислом, **(Дар моҳи шарифи Рамазон рӯза доштан аст).** Рӯза доштанро **(Савм)** мегӯянд. “Савм” дар луғат як чизро аз чизи дигар муҳофизат кардан аст. Дар ислом бошад, дар моҳи Рамазон, аз сабаби амр кардани Аллоҳу таъоло, ҳар рӯз, худро аз се чиз муҳофизат кардан аст. Ин се чиз, хӯрдан, нӯшидан ва ҷимоъ мебошад. Моҳи Рамазон, бо дидани ҳилол [моҳи нав] дар осмон оғоз меёбад. Бо ҳисоб кардани пешакии тақвим сар намешавад.

5 – Панҷумин шарти Ислом, **(касоне, ки имконият доранд, дар умрашон як бор ҳаҷ кардан аст).** Барои одами тавонманд, ки барои ба шаҳри Макка рафтан ва омадан ва барои дар ин муддат рӯзгузаронии оилааш пулу сарват дорад, тавофи Каъбаи муаззама ва ист кардан дар майдони Арафот фарз аст.

Он мард ин ҷавобҳоро шунида, гуфт: **“Дуруст гуфтӣ, эй Расулаллоҳ”.** Ва Умар (разияллоҳу анҳ) аз он мард дар ҳайрат мондани Асҳоби киромро мегӯяд, ки ҳам савол медиҳад ва ҳам ҷавоби додашударо тасдиқ мекунад. Як чизро пурсидан, ин хоҳиши омӯхтани чизи нав аст. Тасдиқи “дуруст гуфтӣ” бошад, нишон медиҳад, ки саволдиҳанда он ҳамаро медонад.

Аз шартҳои дар боло овардашуда, аз ҳама аввал, **(Калимаи шаҳодат)** гуфтан ва ба он бовар кардан омадааст. Баъдан, намоз гузоштан аст. Баъд аз вай рӯза доштан ва баъд ҳаҷ кардан аст. Ва аз ҳама охир закот додан аст. Ин ҳама аҳамияти зиёд ва мақоми баланд доштани калимаи шаҳодатро тасдиқ мекунад. Ва дигар чаҳор шарт мувофиқи бисёре аз олимон, бо он тартиб аст, ки дар боло овардем. Калимаи шаҳодат аз ибтидои мусалмонӣ аввалан шуда фарз шуд. Панҷ вақт намоз, дар соли дувоздаҳуми биъсат ва як солу чанд моҳ пеш аз ҳичрат, дар шаби меъроҷ фарз шуд. Рӯзаи моҳи шарифи Рамазон, дар соли дувуми ҳичрат, дар моҳи Шаъбон фарз шуд. Закот, соле ки рӯза фарз шуд, дар моҳи Рамазон фарз шуд. Ва Ҳаҷ бошад, соли нуҳуми ҳичрат фарз шуд.

Касе аз ин панҷ шарт якеашро инкор мекунад, яъне бовар ва қабул накарда, баръакс масхара карда, эҳтиром накунад, наъузубиллоҳ, кофир мешавад. Ҳамчунин, касоне ки ҳалолу ҳаромро, ки кушоду равшан маълум аст, қабул намекунанд, яъне ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол мегӯянд, кофир мешаванд. Касоне, ки аз маълумоти зарурии диниро, ки ба ҳама маълум аст, инкор кунанд ва ё маъқул надоранд, кофир мешаванд.

[Масалан, хӯрдани гушти хук, нӯшидани шароб, қиморбозӣ ва ба берун баромадани занҳои сарлучу нимаурён, мардҳое ҳам, ки макони авраташон пӯшида нест (аз зону то шикам) ҳаром аст. Яъне инҳоро Аллоҳу таъоло мамнуъ кард. Барои ҳар як мусалмон фарз аст, ки макони авраташро, ки аз тарафи чор мазҳаби ҳақ маълум шудааст, пӯшонад. Ва ба ин қисматҳои мамнуъ нигаристани дигарон ҳаром аст. Дар **“Кимиёи саодат”** омадааст, ки “барои занон, ки бо сару мӯй, дасту пойҳои кушода берун баромадан ҳаром аст, инчунин бо либосҳои тунук, танг, пур аз ороиш ва хушбуй берун баромадан ҳам ҳаром аст. Падару модар, бародар ё шавҳаре ки барои ин гуна берун баромадан Мӯсоидат мекунанд ва розӣ мешаванд, дар гуноҳ ва азобаш шарик мешаванд”. Яъне дар ҷаҳаннам баробар месӯзанд. Агар тавба кунанд, авф мешаванд. Аллоҳу таъоло тавбакунандагонро дӯст медорад. Муносибат накардани духтарони боақл ва болиғ бо писарони бегона соли сеюми ҳичрӣ амр шуд. Ба ҷосусону ҷоҳилон, ки мегӯянд, занҳо пеш аз ин маҷбур набуданд худро пӯшонанд, балки инро олимони фиқҳ баровардаанд, набояд бовар кард.

Оне, ки даъвои мусалмонӣ мекунад, бояд донад, ки амалҳояш мувофиқи ислом ҳаст ё не. Агар надонад, аз олимони Аҳли Суннат пурсиданаш ва ё аз китобҳои онҳо омӯхтанаш лозим аст. Агар амал бо таълимоти ислом мувофиқ набошад, аз гуноҳ ва куфр наҷот ёфта наметавонад. Ҳар рӯз аз таҳти дил тавба карданаш лозим аст. Гуноҳи тавбакунанда, дар ҳақиқат, авф мешавад. Агар тавба накунад, дар дунё ва охират азобашро, яъне ҷазояшро мебинад. Мусалмоне, ки гуноҳи бузург анҷом медиҳад, ба миқдори гуноҳаш азоб кашида, аз ҷаҳаннам бароварда мешавад. Ва он кофирону бехудоёне, ки ба Аллоҳу таъоло бовар надошта барои нест кардани ислом кӯшиш мекунанд, дар ҷаҳаннам абадӣ месӯзанд.

Ҷойҳое, ки мардону занон дар намоз ва ҳар ҷои дигар бояд пӯшонанд, **(Маҳалли аврат)** мегӯянд. Маҳалли авратро кушодан ва ба маҳалли аврати каси дигар нигоҳ кардан ҳаром аст. Оне, ки мегӯяд дар ислом маҳалли аврат нест, кофир мешавад. Дар иҷмоъ, яъне дар чаҳор мазҳаб, касе ки кушодани маҳалли аврат ва нигаристан ба маҳалли аврати каси дигарро ҳалол гуфта, аҳамият надода, аз азоб наметарсад, кофир мешавад. Занҳое, ки маҳалли авраташонро кушода дар назди мардҳо суруд мехонанд ё мавлуд мехонанд, ҳамин тавранд. Дар мазҳаби ҳанбалӣ барои мардҳо ба ғайр аз байни ноф то зону маҳалли аврат ҳисобида намешавад.

Оне, ки “ман мусалмонам” мегӯяд, шартҳои имон ва ислом ва фарзҳову ҳаромҳоеро, ки иҷмои чаҳор мазҳаб муайян кардааст, бояд омӯзад ва аҳамият диҳад. Надонистанаш узр намешавад. Яъне ба монанди дониста бовар накардан аст. Ғайр аз рӯй ва дастҳои занҳо дигар ҷойҳо дар чаҳор мазҳаб аврат аст. Оне, ки маҳалли дар яке аз ин мазҳабҳо маҳали аврат набударо мекушояд, кофир нашавад ҳам, мувофиқи мазҳаби худаш гунаҳкор мешавад. Маҳалли аз ноф то зонуи мардон ҳамин гуна аст. Оне, ки намедонад, омӯхтанаш фарз аст. Баъди омӯхтан, дарҳол бояд тавба карда пӯшонад.

Дурӯғ гуфтан, ғайбат, ифтиро, дуздӣ, ҳилаву найранг, хиёнат, дил шикастан, фитна, моли каси дигарро бе иҷозати вай истифода бурдан, ҳаққи коргарро надодан, ба давлат исён кардан, яъне ба қонунҳо ва ҳукумат зид баромадан, андозҳоро насупоридан ҳам гуноҳ аст. Инҳоро бар зидди кофирон ва ё дар давлатҳои ғайримусалмон анҷом додан ҳам ҳаром аст. Надонистани маълумотҳои на он қадар ҳатмӣ ва зарурӣ тарафи ҷоҳилон куфр намешавад, вале фисқ, яъне гуноҳ мешавад]. Ба саҳ. 475 нигаред!

-4-
ШАРТҲОИ ИМОН

(Он мард боз пурсид: “Эй Расулаллоҳ, (саллаллоҳу алайҳи васаллам) **Имон чист?”** Баъди пурсидан ва гирифтани ҷавоб дар бораи ислом, Ҷабраил (алайҳиссалом) аз Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳақиқату моҳияти имонро пурсид. Маънои луғавии “имон” як касро ростгӯ донистан ва бовар кардан аст. Дар ислом бошад, боварӣ доштан ба ин, ки Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пайғамбари Аллоҳу таъолост. Ӯ набӣ ва аз тарафи Аллоҳу таъоло пайғамбар интихоб шудааст. Ва инро бо боварӣ, аз самими қалб гуфтан аст. Ва гуфтаҳои кӯтоҳе, ки аз тарафи Аллоҳу таъоло ба Ӯ омадааст, кӯтоҳ бовар кардан ва ба гуфтаҳои васеъ батафсил бовар кардан ва калимаи шаҳодат гуфтан аст. Имони боқувват ин гунааст: Чи тавре, ки ба сӯзондани оташи бузург бовар дорем, ба кушандагии мор бовар дорем ва аз он мегурезем, ҳамин тавр сифатҳои Аллоҳу таъолоро бузург дониста, ба он бовар карда, барои хушнудӣ ва дидори ҷамолаш шитофтан ва аз ғазаб ва азобаш гурехтан лозим аст. Ва имонро дар дилҳо мисли навиштаҷоти болои санги мармар устувор доштан лозим аст.

Имон ва исломи гуфтаи Муҳаммад (алайҳиссалом) як аст. Боварӣ ба калимаи шаҳодат дар ҳар ду ҳам ҳаст. Баъзе фарқиятҳои умумӣ ва хусусӣ дошта бошад ҳам, дар ислом фарқе надорад.

Оё имон як чиз аст ё муттаҳидии якчанд чиз? Муттаҳид бошад, аз чӣ чиз иборат аст? Амалҳо, ибодатҳо аз имон аст ё не? Вақти гуфтани имон дорам, иншоаллоҳ гуфтан ҷоиз аст ё нест? Дар имон каму зиёдҳо ҳаст? Имон махлуқ аст? Имон овардан дар дасти инсон аст? Магар муъминҳо маҷбур имон овардаанд? Агар дар имон, душворӣ ва ҷабр бошад, имон овардан чаро амр шуд? Ба ин ҳама дар алоҳидагӣ ҷавоб додан, вақти зиёд мегирад. Фақат ҳаминро донистан лозим аст, ки мувофиқи мазҳаби Ашъарӣ ва Муътазила, амр кардани Аллоҳу таъоло ба корҳои ичро карданашон номумкин, ҷоиз нест. Мувофиқи мазҳаби Муътазила амр кардани Аллоҳу таъоло ба корҳое, ки ичро карданашон мумкин аст, аммо берун аз тавонии инсон аст, ҷоиз нест. Барои ашъариён ин ҷоиз аст. Дар имону ибодату амалҳо, Аллоҳу таъоло чизҳоеро, ки бандаҳо наметавонанд, нахостааст. Аз ҳамин сабаб, мусалмоне, ки девона мешавад, ғофил мемонад, хоб меравад ё мемирад, ҳанӯз ҳам мусалмон боқӣ мемонад.

Дар ин ҳадиси шариф, маънои луғавии имон дар назар дошта на-

шудааст. Зеро маънои луғавияш, ки тасдиқ ва бовар кардан аст, барои ягон шахси одии араб ҳам нофаҳмо набуд. Асҳоби киром ҳам инро медонистанд. Аммо Ҷабраил (алайҳиссалом) хост, ки бо пурсидан аз Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), чӣ будани имонро дар ислом, ба Асҳоби киром фаҳмонад. **(Имон)** ба сухане, ки аз тариқи кашф ё вичдон, бо дарки зеҳнӣ интихоб шудааст, бовар карда, шаш чизи маълумро аз таҳти дил тасдиқ кардан ва ба забон гуфтан аст. Ва Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин шаш чизро ин гуна шарҳ додаанд:

1 – Яке аз ин шаш чиз, **ба воҷибулвуҷуд ва мабъуди ҳақиқӣ ва офаридгори тамомӣ ҳастӣ будани Аллоҳу таъоло бовар кардан аст.** Бояд дақиқан бовар кунем, ки танҳо Аллоҳу таъоло ҳама чизе [тамоми моддаҳо, зарраҳо, молекулаҳо, элементҳо, пайвастаҳо, ҷисмҳои органикӣ, ҳуҷайраҳо, ҳаёт, марг, ҳодисаҳо, ҳама намуди қувва, энергияҳо, ҳаракатҳо, қонунҳо, рӯҳ, малоик, ҳама махлуқоти ҷондору беҷонро аз ҳеҷ ҷиз офарид. Ҳар замон онҳоро зинда нигоҳ дошт, танҳо Ӯст], ки дар дунё ва охират вуҷуд дорад, аз ҳеҷ чиз, ғайриодӣ, беохир ва беназир офарид. Мисли офаридани ҳама чизе [замоне, ки ягон чиз вуҷуд надошт], ки дар дунё ҳаст, [замоне, ки қиёмат мерасад, ҳама чизро дар як дам] боз ҳамаро нест мекунад. Холиқ, Офаридгор, Соҳиб ва Ҳокими ҳама мавҷудот Ӯст. Бояд бовар кунем, ки бар болои Ӯ ҳеҷ як ҳоким, амир ё аз Ӯ бузургтаре нест. Ҳама бузургӣ, ҳама сифати камол аз Ӯст. Дар Ӯ ҳеҷ як сифати нуқсондор нест. Ҳар чӣ мехоҳад, карда метавонад. Кардаҳояш ҳам ба фоидаи худаш ё дигарон нест, барои музд ҳам намекунад. Дар ҳар як кори Ӯ, ҳикматҳо, фоидаҳо, лутфу эҳсонҳо ҷой дорад. Ӯ маҷбур нест, ки ба бандаҳояш хайротро ато кунад, ё чизи бафоидаро ато кунад, баъзеҳоро савоб ва баъзеҳоро азоб кунад. Агар тамоми осиёнро ба ҷаннат равон кунад ҳам, ба фазлу карамаш арзанда аст. Ва агар ҳама обидонро ба ҷаҳаннам гузорад ҳам, ба адолаташ мувофиқ аст. Фақат, мусалмонон ва обидонро ба ҷаннат равон карда, ба онҳо неъматҳову хайроти абадӣ ва кофиронро дар ҷаҳаннам азоби абадӣ доданашро шарҳ додаст. Ӯ ваъдаро хилоф намекунад. Агар тамоми ҷондорон ҳам имон ованд, ба Ӯ фоидае нест. Тамоми олам кофир бошад ва итоат накунад ҳам, ба Ӯ зарараре нест. Вақте ки банда кореро анҷом доданӣ мешавад, агар Ӯ ҳам хоҳад, он чизро меофарад. Офаридгори ҳар як ҳаракати банда Ӯст. Ӯ нахоҳад ва наофарад, ҳеҷ чиз ҳаракат карда наметавонад. Ӯ нахоҳад, ҳеҷ кас кофир намешавад. Ҳеҷ кас исён намекунад. Куфру гуноҳонро офарад ҳам, онҳоро дӯст намедорад. Ҳеҷ кас ба корҳои Ӯ зид баромада наметавонад. Ҳеҷ кас

ҳаққи гуфтани “барои чӣ ин тавр кард?” “агар ин тавр мешуд” ва пурсидани сабабро надорад. Агар хоҳад, оне, ки ҳама гуноҳони кабираро анҷом додааст, ғайри ширку куфр, мебахшад. Ва агар хоҳад, барои гуноҳи хурдтаринаш азоб мекунад. Кофиру муртадонро ҳеҷ намебахшад ва онҳоро азоби абадӣ медиҳад.

Мусалмонеро, ки **(Аҳли Қибла)** аст, обид аст, фақат эътиқодаш ба эътиқоди **(Аҳли Суннат)** мувофиқ нест ва тавба накарда аз дунё гузарад, дар ҷаҳаннам азоб медиҳад, аммо гуна мусалмонони **(Аҳли Бидъат)** дар ҷаҳаннам абадӣ намемонанд.

Дар дунё Аллоҳу таъолоро бо чашми сар дидан ҷоиз аст, аммо ҳеҷ кас надидаст. Дар қиёмат, дар маҳшар кофирон ва муъминони гунаҳкор чеҳраи қаҳр ва ҷалолашро ва муъминони солеҳ чеҳраи лутф ва ҷамолашро мебинанд. Муъминон дар ҷаннат бо сифати ҷамол Ӯро мебинанд. Фариштаҳо ва занҳо ҳам мебинанд. Кофирон бошанд, аз ин маҳруманд. Тибқи маълумотҳо, ҷинҳо ҳам маҳрум мебошанд. Мувофиқи маълумоти бархе аз олимон, (муъминони солеҳ ҳар субҳу шом, муъминони дараҷаи поинтар бошад, ҳар рӯзи Ҷумъа, ва занҳо бошанд, мисли идҳои дунё, дар соле чанд маротиба ба таҷаллои ҷамол ва руъят мушарраф хоҳанд гашт).

[Шайх Абдулҳақи Деҳлавӣ[3], дар китоби форсии **“Такмину-л-имон”** мефармояд, ки: Дар ҳадиси шарифе омадааст: “**Рӯзи қиёмат Парвардигоратонро мисли дидани моҳ дар рӯзи чаҳордаҳ мебинед!”.** Чи тавре ки Аллоҳу таъолоро дар дунё берун аз андозаи фаҳму дарк мешиносем, ҳамин тавр дар охират ҳам бкрун аз андозаи фаҳму дарк мебинем. Олимони бузурге мисли Абулҳасани Ашъарӣ, Имоми Суютӣ ва Имоми Байҳақӣ бар ин назаранд, ки малоикаҳо ҳам дар ҷаннат, Аллоҳу таъолоро мебинанд. Имоми Аъзам Абуҳанифа ва дигар олимон, ба ин назаранд, ки ҷинҳо савоб намегиранд ва ба ҷаннат намераванд, аммо ҷинҳои муъмин аз ҷаҳаннам наҷот меёбанд. Занҳо мисли идҳои дунё, дар соле чанд маротиба ва муъминони комил ҳар субҳу шом ва дигарон рӯзҳои ҷумъа ҷамоли Аллоҳу таъолоро мебинанд. Аммо муждагоние барои занҳо, малоикаҳо ва ҷинҳои муъмин вуҷуд дорад. Занҳои тоҳира, комила ва орифа мисли Фотимаи Заҳро, Хадиҷаи Кубро, Оишаи Сиддиқа, Марям ва Осия (разияллоҳу таъоло анҳунна аҷмаъин) аз дигар занҳо мустасно мебошанд. Инро Имоми Суютӣ ҳам ишорат кардааст].

3 Абдулҳақи Деҳлавӣ соли 1052 [1642-и мелодӣ] дар Деҳлӣ вафот кардааст.

Дидани ҷамоли Аллоҳу таъолоро бояд бовар кард, чӣ тавр дидани нашро фикр набояд кард кард. Чун корҳои Аллоҳу таъолоро бо ақл дарк наметавон кард. Ба корҳои дунё монанд нест. [Ва аз рӯи меъёрҳои физикӣ ва химикӣ чен карда намешавад]. Касе муқобили Аллоҳу таъоло истода наметавонад. Ӯ модда нест. Ҷисм нест. [Элемент нест, омехта, пайвастагӣ нест]. Шумурдашаванда нест. Чен карда намешавад. Ҳисоб карда намешавад. Замон надорад. Ибтидо ва интиҳо, пешу қафо ва ё болову поён надорад. Аз ҳамин сабаб, фикр, дониш ва ақли инсон, ҳеҷ кори Ӯро дарк карда наметавонад. Чӣ тавр дидани Ӯро ҳам дарк карда наметавонад. Бо ин ки калимаҳои мисли даст, пой, ҷиҳат, ҷой, ки барои Аллоҳу таъоло ҷоиз нест, дар оятҳову ҳадисҳо омадаанд, ин гуна, ки мо мефаҳмем ва медонем нест. Ин оятҳову ҳадисҳоро **(муташобеҳ)** мегӯянд. Ба инҳо бояд бовар кунем ва барои фаҳмидани чӣ тавр будаанашон набояд талош кунем. Онҳо ба таври кӯтоҳ ва ё пурра **(таъвил)** мешаванд. Яъне, маъноҳои дигари барои Аллоҳу таъоло арзанда доранд. Барои мисол, даст ин қудрат ва қувва буда метавонад.

Муҳаммад (алайҳиссалом) Аллоҳу таъолоро дар меъроҷ мушоҳида кард. Аммо ин мисли дидан бо чашми сар нест. Касе гӯяд, ки: “Ман Аллоҳу таъолоро дидам”, зиндиқ аст. Дидани авлиёҳо (қаддасаллоҳу таъоло асрораҳум аҷмаъин) мисли дидани дунё ва охират нест. Яъне **(Руъят)** нест. Дар онҳо **(Шуҳуд)** ба вуҷуд меояд. [Яъне, бо чашми қалб мисолашро мебинанд.] Агар касе аз авлиёи киром “дидам” гуфта бошанд ҳам, дар ҳолати сукр, дар ҳолате, ки ҳушашон дар сарашон набуд, шуҳудро бо руъё иштибоҳ кардаанд.

Савол: Дар боло зикр гардид, ки дидани Аллоҳу таъоло бо чашми сар ҷоиз аст. Пас чаро касе ки чизи имкондоштаро “рух дод” гӯяд, зиндиқ мешавад? Агар инсон бо инро гуфтан кофир шавад, пас метавон гуфт, ки ин ҷоиз аст?

Ҷавоб: Ҷоиз дар луғат ин ба маънои шуданаш имкон дорад ё надорад, омадааст. Дар мазҳаби Ашъарӣ [1] ҷоиз будани руъё ин аст ки: Аллоҳу таъоло қодир аст, ки ҳисси тамоман дигари дидан дар ин дунёро офарад, ки аз дидани наздик ё рӯ ба рӯ ва ё қонунҳои физикӣ фарқ мекунад. Масалан, Ӯ қодир аст, ки пашшаеро, ки дар Андалус қарор дорад, ба кӯре ки дар Чин аст, нишон диҳад ва ин ҷоиз аст. Ин қувва хоси Аллоҳу таъолост. Дуюм, Аллоҳу таъолоро дар дунё дидан, зидди оятҳои карима ва суханони олимон аст. Аз ин сабаб, касе, ки инро мегӯяд, **(Мулҳид)** ва ё **(Зиндиқ)** мешавад. Сеюм, ҷоиз будани руъё, маънои ди-

дан бо қонунҳои физикӣ дар дунё ҷоиз астро надорад. Агар "Аллоҳу таъолоро дидам" гуфтан ба мисли дидани дигар чизҳост, ин дидан ҷоиз нест. Касе ки ин гуна чизҳоро, ки сабаби куфр мешавад, мегӯяд, мулҳид ва ё зиндиқ аст. [Ҳазрати Мавлоно Холид], баъди ин ҷавобҳо мегӯяд: "диққат кунед!" Ҳамин тавр, ишора ба саҳеҳии ҷавоби дуюм мекунад. [**(Мулҳид)** ва ё **(Зиндиқ)** худашонро мусалмон мегӯянд. **(Мулҳид)** дар суханаш самимист. Ба мусалмон ва дар роҳи рост буданаш бовар дорад. **(Зиндиқ)** бошад, душмани Ислом аст. Барои аз дарун нест кардани ислом, худашро ба зоҳир мусалмон нишон дода, фиреб медиҳад].

Гузаштани вақт, рӯз ё шаб бар Аллоҳу таъоло ғайримкон аст. Аз сабаби ҳеҷ иваз нашудани Аллоҳу таъоло, аз ягон ҷиҳат Ӯ дар гузашта ин хел буд ва ё дар оянда ин тавр аст, гуфта наметавонем. Ӯ ба ҳеҷ чиз нуфуз намекунад. Бо ҳеҷ чизе якҷо намешавад. [Гурӯҳи шиаҳое бо номи **Нусайрӣ**, ки мегӯянд: Аллоҳу таъоло ба ҳазрати Алӣ ҳулул кардааст", кофиранд.] Аллоҳу таъолоро мухолиф, муқобил, монанд, шарик, дастёр ё роҳнамое нест. Ӯ ҳаргиз модар, падар, писар, духтар ё ҳамсаре надошт. Ҳама вақт, бо ҳама ҳозир ва нозир аст. Ӯ ба ҳама аз шоҳраг дида наздиктар аст. Фақат, ҳозир буданаш, иҳота карданаш ва наздик буданаш мисли фаҳмиши мо нест. Наздикии Ӯро бо илму ақли олимон, бо кашф ва шуҳуди авлиёҳо (қаддасаллоҳу таъоло асрораҳум аҷмаъин) фаҳмида намешавад. Ақли инсон барои дарки маънии аслии инҳо қодир нест. Аллоҳу таъоло дар зот ва сифаташ як аст, дар онҳо ҳеҷ гоҳ ивазшавӣ ва дигаргунӣ намешавад. Ҷилди як, мактуби 46-ум Тафаккару филлоҳи ва ло тафаккуру фи зотиллоҳи-ро хонед.

Исмҳои Аллоҳу таъоло **(Тавқифӣ)** мебошанд. Яъне исмҳое, ки ислом муайян кардааст, гуфтанашон ҷоиз ва ғайри инҳоро гуфтан ҷоиз нест. [Масалан, Аллоҳу таъолоро олим метавон гуфт, аммо фақеҳ не. Зеро ислом Аллоҳу таъолоро фақеҳ нагуфтааст. Ҳамин тавр, ба ҷои номи Аллоҳ, Худо гуфтан ҷоиз нест. Чунки Худо ин маънои илоҳ, маъбудро дорад. Аммо мисол, маъбуд ё худои ҳиндуҳо гов аст. Дар дигар забонҳо калимаҳои "Dieu", "Gott", "God" – ро ба маънои худо, маъбуд истифода мебаранд. Аммо ба ҷои номи Аллоҳ истифода бурда намешавад].

Исмҳои Аллоҳу таъоло беохир аст. Гуфта мешавад, ки ҳазору як ном дорад. Яъне ҳазору як номаш ба инсон маълум аст. Дар дини Муҳаммад (алайҳиссалом) аз ин наваду нуҳтоаш истифода мешавад. Онҳоро **(Асмо-ул- ҳусно)** мегӯянд.

(Сифати зотия)-и Аллоҳу таъоло шаш аст. [Онҳоро дар боло овар-

дем.] **(Сифати субутия)** бошад, мувофиқи мазҳаби **(Мотуридия)** ҳашт аст. Мувофиқи мазҳаби **(Ашъария)** бошад, ҳафт аст. Ин сифатҳо ҳам, мисли сифатҳои зотия, азалӣ ва абадист. Яъне то абад ҳастанд. Муқаддасанд, на ба мисли сифатҳои махлуқот. Бо ақл ва фикр, бо махлуқоти дунё муқоиса ё монанд карда, фаҳмида намешавад. Аллоҳу таъоло аз ин сифатҳо ба инсон яктой намуна овардааст. Инҳоро дида, сифатҳои Аллоҳу таъолоро камтар фаҳмида метавонем. Аз сабабе, ки инсон Аллоҳу таъолоро намефаҳмад, дар бораи Ӯ фикр кардан ва талош кардан барои фаҳмидан, ҷоиз нест. Ҳашт сифати субутияи Аллоҳу таъоло, бо зоти Ӯ яксон ё дигаргуна нест. Яъне сифатҳо зоти Ӯ нест ва ғайр аз Ӯ ҳам нест. Ин ҳашт сифат:

Ҳаёт, Илм, Самъ, Басар, Қудрат, Калом, Ирода ва **Таквин** мебошанд. Дар мазҳаби Ашъария, сифати таквин ва қудрат як аст. Машия ҳам маънои иродаро дорад.

Ҳар як сифати Аллоҳу таъоло ягона ва беназир аст. Дар ягонтоаш тағйирот нахоҳад шуд. Фақат, ҳар кадомаш аз ҷиҳати тааллуқоти махлуқот, фарқ мекунад. Аммо ин фарқият ба ягонагии Ӯ зарар намерасонад. Ҳамин тавр, Аллоҳу таъоло ин қадар махлуқоти гуногун офарид ва ҳамаашро ҳар замон аз нест шудан нигоҳ медорад. Фақат, Ӯ ягона аст. Дар Ӯ ивазшавӣ нахоҳад шуд. Ҳама махлуқот ҳар замон, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ муҳтоҷанд.

2 – Дуюм чизе, ки бояд ба ӯ бовар кард, **(боварӣ ба малоикаҳост).** Малоика ба маънои фиристода, хабаррасон ё қувват меояд. Малоикаҳо ҷисманд, латифанд. Аз ҳолати газ дида бисёртар латифанд, нуронианд. Зиндаанд, боақланд. Бадиҳое, ки дар инсон аст, дар малоика вуҷуд надорад. Дар ҳама шакл буда метавонанд. Мисли ин, ки ашё дар ҳолати газ, моеъ ва сахт буда метавонад, малоика ҳам шаклҳои зебо гирифта метавонанд. Малоика ин рӯҳҳои аз бадани инсонҳои бузург ҷудошуда нест. Насрониҳо малоикаҳоро ин гуна рӯҳ медонанд. Мисли энергия ва қувва бе модда ҳам нестанд. Яқ қисми файласуфони пешин ин гуна фикр мекарданд. Ҳамаашонро **(Малоика)** мегӯянд. Малоикаҳо пеш аз ҳама ҷондор офарида шуда буданд. Аз ҳамин сабаб, пеш аз имон овардан ба китобҳо, имон овардан ба малоикаҳо оварда шудааст. Китобҳо бошанд, пеш аз паёғамбаронанд. Дар Қуръони Карим номҳои чизҳои муҳим ба ин тартиб омадаанд.

Имон ба малоикаҳо ин гуна аст. Малоикаҳо офаридаи Аллоҳу таъоло мебошанд. Шарик надоранд. Духтар надоранд. Мушрикҳо,

кофирҳо ҳамин тавр фикр мекарданд. Аллоҳу таъоло ҳамаи малоикаҳоро дӯст медорад. Онҳо ҳаммашон амрҳои Аллоҳу таъолоро итоат мекунанд. Гуноҳ намекунанд. Аз амрҳои Аллоҳ саркашӣ намекунанд. Мард ва ғайри он нестанд. Издивоҷ намекунанд. Кӯдак надоранд. Соҳиби ҳаёт ва зиндаанд. Дар ривояти Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳ) кӯдак дошта тавонистани як қисми малоикаҳо гуфта шуда, аз ин гурӯҳ будани Иблис ва ҷинҳо зикр гардида бошад ҳам, ҷавоби он дар китобҳо муфассал омадааст. Замоне ки Аллоҳу таъоло офаридани инсонро хабар дод, малоикаҳо саволҳои **(Золла)-**и мисли "Эй Раб! Оё махлуқеро меофарӣ, ки дар замин фасод мекунад ва хун мерезонад?" ба маъсум ва бегуноҳ будани онҳо зарар намерасонад.

Миқдори малоикаҳо аз ҳама дигар махлуқот зиёд аст. Миқдори онҳоро ғайри Аллоҳу таъоло касе намедонад. Дар осмонҳо ҷои холие вуҷуд надорад, ки малоикаҳо ибодат накарда бошанд. Ҳар ҷои осмон бо малоикаҳое, ки дар ҳоли рукуъ ваё сучуданд, пур аст. Дар осмону замин, сабзаҳо, ситораҳо, ҷондору бечон, дар қатраҳои борон, дар баргҳои дарахтон, ҳар як молекула, дар ҳар як зарра, ҳар ҳаракат, ҳар реаксия хулоса дара ҳама олами ҳастӣ малоика вазифадор аст. Дар ҳама ҷо, амрҳои Аллоҳу таъолоро анҷом медиҳанд. Онҳо воситаи байни махлуқот ва Аллоҳу таъоло мебошанд. Баъзеашон барои дигар малоикаҳо амиранд. Баъзеашон ба Пайғамбарон хабар меоранд. Баъзеашон дар қалби инсон фикрҳои хубро меоранд, ки онҳоро **(Илҳом)** мегӯянд. Баъзеашон аз инсонҳо ва тамоми махлуқот хабаре надоранд. Дар муқобили ҷамоли Аллоҳу таъоло аз худ гузаштаанд. Ҳар яке ҷои махсус дорад. Он ҷояшонро тарк намекунад. Баъзеашон ду, баъзеашон чаҳор ва ё аз он ҳам зиёд қанот доранд. [Мисли қанотҳои парандагон ва ё тайёраҳо, ки сохтори худро доранд ва ба якдигар монанд нестанд, қанотҳои малоикаҳо ҳам аз ҷинси худашон аст. Аз сабабе, ки инсон надидааст, намедонад, номи чизеро шунавад, онро мисли чизҳои донистааш фикр карда фиреб мехӯрад. Малоикаҳо бол доранд. Бовар дорем. Фақат чӣ хел буданашро намедонем. Баъзан дар калисоҳо ва дигар маҷмааҳо ва ё филмҳо малоика ҷисмҳое ҳастанд, ки бештар шабеҳи зани қанотдоранд. Дар байни мусалмонон ин тавр нест. Инҳо расмҳое ҳастанд, ки аз тарафи ғайримусалмонон тайёр мешаванд ва онҳоро набояд дуруст шуморид ва набояд фиреб хӯрд]. Малоикаҳои ҷаннат дар ҷаннатанд. Номи амири малоикаҳо **(Ризвон)** аст. Малоикаҳои ҷаҳаннамро **(Забония)** мегӯянд. Инҳо дар ҷаҳаннам, вазифаҳоеро, ки ба иҷрои он амр мешаванд, анҷом медиҳанд. Оташи ҷаҳаннам инҳоро зарар

намедиҳад. Мисли ин, ки баҳр ба моҳӣ зарар намерасонад. Амирони забонҳо нуздаҳто аст. Аммо аз ҳама бузургашон **(Молик)** аст.

Чаҳор малоикае, ки ҳар як хайру шарри инсонро менависанд, **(Кироман котибин)** ва ё **(Малоикаҳои Ҳафаза)** мегӯянд. Дигар будани малоикаҳои ҳафаза ҳам омадааст. Малоикаи дасти рост, амири малоикаи дасти чап аст. Ӯ чизҳои хуб ва ибодатҳоро менависад. Малоикаи тарафи чап бадиро менависад. Дар қабр малоикаҳое ҳастанд, ки кофирон ва мусалмонони осиро азоб медиҳанд ва савол мепурсанд. Ин малоикаҳоро **(Мункар** ва **Накир)** гӯянд. Малоикаҳое, ки муъминонро мепурсанд, **(Мубашшир** ва **Башир)** ҳам мегӯянд.

Малоикаҳо дараҷа ва мартаба доранд. Малоикаҳои аз ҳама баландмартаба чорто мебошанд. Якумаш **(Ҷабраил)** алайҳиссалом аст. Вазифаи ӯ ба пайғамбарон вайҳ овардан аст. Дуюм малоикае, ки **(Сур)**-ро медамад, **(Исрофил)** алайҳиссалом ном дорад. Сурро ду маротиба медамад. Дар сури аввал тамоми мавҷудот, ба ғайр аз Аллоҳу таъоло мемиранд. Дар сури дуюм ҳама дубора зинда мешаванд. Малоикаи савумро **(Микоил)** алайҳиссалом гӯянд. Арзонӣ, қиматӣ, қаҳтӣ, фаровонӣ [ба низом даровардани иқтисод], [фараҳ ва ҳузур овардан] хулоса ҳар як моддаро ба ҳаракат даровардан вазифаи ӯст. Чаҳорум, **(Азроил)** алайҳиссалом аст. Рӯҳи инсонро гирифтан вазифаи вай аст. [Дар форсӣ рӯҳро ҷон мегӯянд] Баъди ин чаҳор малоика, малоикаҳои баландмартаба чаҳор гурӯҳанд: Малоикаҳои **(Ҳомили арш)** ки чаҳортоанд. Дар қиёмат ҳашто мешаванд. Малоикаҳоеро, ки дар ҳузури илоҳиянд, **(Муқаррабун)** гӯянд. Малоикаи бузурги азобро **(Каррубиён)** ва малоикаҳои раҳматро **(Рӯҳониён)** гӯянд. Ҳамаи инҳо малоикаҳои баландмартабаанд. Инҳо ғайр аз пайғамбарон, аз ҳама инсонҳо бузурганд. Аммо муъминони солеҳ, аз тамоми малоика, яъне, аз маоикаҳои оддӣ афзалтару болотаранд. Малоикаҳои авом, аз мусалмонони авом, яъне аз фосиқон ва осиён афзалтаранд.

Кофирон бошанд, аз тамоми махлуқот пасттаранд. Вақти дамидани сури якум ғайр аз чаҳор малоикаи бузург ва ҳамалаи арш, дигар ҳама малоикаҳо мемиранд. Баъди ин, ҳамалаи арш ва ин чор малоикаи бузург ҳам ҷонро ба ҷонофарин таслим мекунанд. Дар сури дуюм, пеш аз ҳама, тамоми малоикаҳо зинда мешаванд. Ҳамалаи арш ва чор малоикаи бузург, пеш аз дамидани сурри дуюм зинда мешаванд. Гуфта метавонем, ки ин малоикаҳо мисли пеш аз ҳама махлуқот офарида шуданашон, пас аз ҳамаи махлуқот мемиранд.

3 – Сеюм чизе, ки бояд ба он имон оварем, **(Ба китобҳое ки Аллоҳу таъоло фиристодааст, бовар кардан аст).** Аллоҳу таъоло ин китобҳоро ба воситаи малоика, баъзан дар гӯши баъзе пайғамбарон гуфта, ба баъзеашон ҳамчун навишта болои лавҳа, ба баъзеашон бе воситаи малоика шунавонда фиристодааст. Ҳамаи ин китобҳо каломи Аллоҳу таъолост. Абадӣ ва азалист. Махлуқ нест. Инҳо суханҳои малоикаҳо ва ё пайғамбарон нест. Каломи Аллоҳу таъоло мисли навиштаҳо, фикру андешаҳо ё гуфтаҳои мо нест. Бо ҳарфу овоз нест. Чӣ гуна будани Аллоҳу таъоло ва сифатҳои Ӯро инсон фаҳмида наметавонад. Фақат он каломро инсонҳо мехонанд. Дар зеҳнҳо навишта маҳфуз дошта мешавад. Вақте бо мо шавад, ҳодис мешавад. Вақте каломи Аллоҳу таъоло бо инсонҳо якҷо шавад, махлуқ ва ҳодис мешавад. Вақте каломи Аллоҳу таъоло гуфта фикр кунем, қадим аст.

Ҳама китобҳои фиристодаи Аллоҳу таъоло ҳақ ва дурустанд. Дурӯғ ва хато буда ва шуда ҳам наметавонанд. Замоне ки ба ҷои ҷазо ва ё азоб авф мекунад, ин бо шартҳо ва ё бо ирода ва хоҳиши Ӯ сурат мегирад. Китобе, ки ҷазову азобро шарҳ медиҳад, хабар додани чизе нест, ки Аллоҳу таъоло авф кунад, дурӯғгӯ шавад. Агар надодани неъматҳое, ки Аллоҳу таъоло ваъда кардааст, ҷоиз набошад ҳам, авф кардани азобҳо ҷоиз аст. Ақл ҳам, оятҳои карима ҳам, инро тасбит мекунанд.

Агар ягон монеа ё мушкилӣ набошад, оятҳои карима ва ҳадисҳои шарифро кушоду равшан маънидод кардан лозим аст. [Қуръони Карим ва ҳадисҳои шариф бо луғат ва лаҳҷаи Қурайш оварда шудааст. Калимаҳоро ба мисли ҳазору чаҳорсад сол пеш, чӣ хеле ки дар лаҳҷаи Қурайш фаҳмида мешуд, маънидод кардан лозим меояд. Истифода ё тарҷума кардан ба маъноҳои имрӯзаи калимаҳое, ки бо гузашти замон иваз шудаанд, дуруст нест]. Дар оятҳои **(Муташобеҳот)** маъноҳои нуҳуфтае аст. Маъноҳои онро танҳо Аллоҳу таъоло медонад. Баъзе аз олимони бузург, ки аз **(Илми ладунӣ)** каму беш бохабаранд, онҳо каму беш метавонанд фаҳманд. Дигар касе намефаҳмад. Аз ҳамин сабаб, ба каломи Аллоҳ будани оятҳои муташобеҳ бовар карда, барои фаҳмидани маъноҳояшон набояд кӯшиш кард. Олимони мазҳаби Ашъарӣ бар ин ақидаанд, ки ин гуна оятҳоро ба таври кӯтоҳ ва ё пурра **(Таъвил)** кардан ҷоиз аст. Таъвил аз байни маъноҳои гуногун машҳурашро интихоб кардан аст. Масалан дар сураи Исро, ояти **(Дасти Аллоҳ болои дастҳояшон аст),** каломи Аллоҳ аст. Аллоҳу таъоло бо ин чиро дар назар дошта бошад, намедонем. Мо танҳо “бовар кардам”

гуфтанамон лозим асту бас. Аз ҳама хубаш ин аст, ки бигӯем: “Маънои инро ман фаҳмида наметавонам. Танҳо Аллоҳу таъоло медонад”. Илми Аллоҳу таъоло мисли илми мо нест. Иродааш ба иродаи мо монанд нест. Дастҳои Аллоҳу таъоло ҳам мисли дастҳои мо нест. Дар китобҳои фиристодаи Аллоҳу таъоло танҳо хондани баъзе аз оятҳо ва ё танҳо маънояш ва ё ҳарду ҳам **(Насх)** шудаанд, яъне аз тарафи Аллоҳу таъоло иваз карда шудаанд. Қуръони Карим ҳама дигар китобҳоро насх ва ҳукмҳои онҳоро бекор кардааст. Дар Қуръони Карим то қиёмат ҳеҷ як хатогӣ, фаромӯшӣ, зиёдатӣ ва ё нуқсон намешавад. Тамоми илмҳои гузаштаву оянда дар Қуръон ҳаст. Аз ҳамин сабаб, аз ҳама китобҳои осмонӣ дида пурқимат ва боло аст. Муъҷизаи аз ҳама бузурги Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин Қуръони Карим аст. Тамоми инсону ҷин агар якҷо шуда, барои гуфтани суханҳои як сура талош кунанд ҳам, гуфта наметавонанд. Адибону фасеҳону шоирони забардасти Арабистон якҷоя шуданд ва бисёр талош варзиданд, аммо мисли як оят ҳам гуфта натавонистанд. Зидди Қуръони Карим истодагарӣ карда натавонистанд. Аллоҳу таъоло душманони исломро дар муқобили Қуръон оҷиз, мағлуб мегардонад. Балоғати Қуръони Карим болотар аз тавони инсон аст. Инсонҳо аз гуфтани мисли он оҷизанд. Оятҳои Қуръони Карим ба назм, насри бовазну қофияи суханҳои инсон монандӣ надорад. Дар баробари ин, он бо ҳарфҳои истифодакардаи адибони Арабистон гуфта шудааст.

Китобҳои осмонии ба мо маълум яксаду чаҳорто аст. Аз инҳо даҳ саҳифа ба **(Одам)** алайҳиссаллом, панҷоҳ саҳифа ба **(Шис)** алайҳиссалом, сӣ саҳифа ба **(Идрис)** алайҳиссалом, даҳ саҳифа ба **(Иброҳим)** алайҳиссалом нозил шудааст. Китоби **(Таврот)** ба Мӯсо алайҳиссалом, китоби **(Забур)** ба Довуд алайҳиссалом, китоби **(Инҷил)** ба Исо алайҳиссалом ва **(Қуръони Карим)** ба Муҳаммад алайҳиссалом фиристода шудааст.

Як инсон, агар чизеро амр кардан, манъ кардан ва ё пурсидан ва ё хабаре расондан хоҳад, пеш аз ҳама онҳоро дар зеҳнаш фикр мекунад, тайёр мекунад. Маъноҳои дар зеҳнамон бударо **(Каломи нафсӣ)** мегӯянд. Ин маъноҳоро арабӣ, форсӣ ва ё туркӣ намегӯянд. Гуфтанаш дар забонҳои гуногун, сабаби маъноҳои дигар гирифтанаш намешавад. Суханҳое, ки ин маъноҳоро мефаҳмонанд, **(Каломи лафзӣ)** мегӯянд. Каломи лафзӣ дар бисёре аз забонҳо фаҳмо аст. Аз ин бармеояд, ки каломи лафзӣ мисли дигар сифатҳо, масалан, илм, ирода, дидан сифатҳоеанд, ки дар соҳиби калом вуҷуд доранд ва оддӣ, ивазнашаван-

даанд. Каломи лафзӣ бошад, каломи нафсиро мефаҳмондагӣ ва ҷамъи ҳарфҳову суханҳоеанд, ки аз даҳон мебарояд ва ба гӯш мерасад. Ҳамин тавр, каломи Аллоҳу таъоло хомӯшнашаванда ва махлуқ набуда як каломи азалӣ ва абадист. Аз сифати зотия ва сифати субутияш ба монанди илм, ирода дигар буда, худ ба худаш як сифат аст.

Сифати Калом ҳам оддӣ аст. Ҳеҷ иваз намешавад. Бо ҳарф, бо овоз нест. Мисли амр, мамнуъ, хабар расондан ва мисли арабӣ, форсӣ, ибронӣ ва ё туркӣ тақсимшаванда ва чудо-чудо буданаш ғайриимкон аст. Шакл намегирад. Навишта намешавад. Ба олоте мисли зеҳн, гӯш ва дил, ва ё воситаҳо муҳтоҷ нест. Ба кадом забоне набошад, гуфта мешавад. Ҳамин тавр, агар бо арабӣ гӯянд, он Қуръони Карим аст. Бо ибронӣ гуфта шавад, Таврот аст. Сурёнӣ бошад, Инҷил аст. [Дар китоби **(Шарҳу-л-мақосид)**[4] агар юнонӣ бошад, Инҷил ва агар Сурёнӣ бошад Забур аст, омадааст.]

Каломи илоҳӣ, чизҳои гуногунро муайян мекунад. Агар қисса, яъне ҳодисаҳоро нақл кунад, **(Хабар)** мешавад. Ин тавр набошад, **(Иншо)** мешавад. Дар бораи чизҳое бошад, ки бояд онро анҷом диҳем, **(Амр)** аст. Маънкардаҳоро гӯяд, **(Наҳй)** аст. Фақат дар каломи илоҳӣ ҳеҷ як ивазшвӣ ва зиёдшавӣ ба назар намерасад. Саҳифаҳову китобҳои нозилшуда ҳамааш аз сифати каломи Аллоҳу таъоло аст. Мурод аз сифати калом ин каломи нафсист. Арабӣ бошад, Қуръони Карим аст. Ваҳйро, ки ҳарфдор аст, навишта, гуфта, шунида ва азбар карда мешавад, **(Каломи лафзӣ)** ва **(Қуръони Карим)** мегӯянд. Азбаски каломи лафзӣ каломи нафсиро нишон медиҳад, онро каломи илоҳӣ ва ё сифати илоҳӣ гуфтан ҷоиз аст. Чӣ хеле ки пурраашро Қуръони Карим мегӯянд, қисм - қисмашро ҳам Қуръон мегӯянд.

Ҳамаи олимони роҳи рост бар он ақидаанд, ки каломи илоҳӣ махлуқ нест, балки қадим аст. Як қисми ононе, ки каломи лафзиро ҳодис медонанд, мегӯянд, ки дар бораи ҳодис будани каломи лафзӣ сухан кардан зарурат надорад. Агар ҳодис гуфта шавад, каломи нафсӣ ҳам ҳодис фаҳмида мешавад. Аз ҳама сухани хуб ҳам ҳамин аст. Зеҳни инсон баробари шунидан дарҳол чизеро ба хотир меорад, ки пештар дидааст. Вақте яке аз олимони аҳли суннат, Қуръони Каримро ҳодис мегӯянд, ин далели он аст, ки мо онро мехонему мешунавем. Иттифоқи олимони аҳли суннат, каломи лафзӣ ва ҳам каломи нафсиро каломи Аллоҳ медонанд. Албатта буданд, касоне ки инро маҷозӣ ҳисобиданд, аммо каломи

4 Шарҳу-л-мақосидро Саъдуддини Тафтазонӣ навиштааст. Соли 792 [1389-и мелодӣ] дар Самарқанд вафот кардааст.

нафсӣ ин каломи Аллоҳ аст, ин сифати каломи Аллоҳу таъоло аст. Каломи лафзӣ каломи Аллоҳ аст. Аллоҳу таъоло холиқи он аст.

Савол: Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки каломи азалии Аллоҳу таъоло шунида намешавад. Каломи Аллоҳро шунидам гуфтан, ин садои хондан ва калимаҳоро шунидан аст ва ё садои хондан ва каломи азалии нафсиро фаҳмидан. Тамоми пайғамбарон, ҳатто ҳар кас метавонад бо ин ду роҳ шунавад. Пас сабаби (калимуллоҳ) гуфта ҷудо кардани Мӯсо (алайҳиссалом) чист?

Ҷавоб: Мӯсо (алайҳиссалом) каломи азалиро беҳарфу беовоз шунид, чӣ хеле ки дар ҷаннат Аллоҳу таъоло ба таври тасаввурнокарданӣ ва тавзеҳнокарданӣ дида мешавад. Дигар ҳеҷ кас ингуна нашунид. Ва каломи Аллоҳро босадо шунид, аммо танҳо бо гӯш на, бо ҳар як зарраи вуҷуд, аз ҳар тараф шунид. Аз дарахт шунид, аммо фақат бо садо на, балки бо ларзиши ҳаво ва дигар роҳҳо шунид. Аз ҳамин сабаб, номи **“Калимуллоҳ”**-ро соҳиб шуд. Дар шаби меъроҷ, Муҳаммад (алайҳиссалоту вассалом) каломи илоҳиро ин гуна шунид ва замони гирифтани ваҳй аз Ҷабраил (алайҳиссалом) низ ингуна буд.

4 – Чаҳорумин чизе, ки бояд имон оварем, **(Ба пайғамбарони Аллоҳ бовар кардан аст).** Онҳо барои расондани инсонҳо ба роҳе, ки Аллоҳу таъоло дӯст медорад, барои нишон додани роҳи рост фиристода шудаанд. Русул ин шакли ҷамъи расул аст, ки дар луғат, фиристода ва ё хабаррасон, оварда шудааст. Дар таълимоти Ислом **расул** касест, ки офаринишаш, хӯй, илм, ақлаш аз ҳама инсонҳои замонаш боло, як зоти пурқимат ва муҳтарам аст. Ҳеҷ яке аз пайғамбарон одати дӯст доштани хӯйи бадро надоранд. Дар пайғамбарон сифати **(Исмат)** вуҷуд дорад. Яъне чи пеш аз пайғамбарӣ ва чи баъд аз пайғамбарӣ, ҳеҷ як гуноҳи хурду кӯчак анҷом надодаанд. [Онҳое, ки исломро нобуд кардан мехоҳанд, мегӯнд, ки Муҳаммад (алайҳиссалом) пеш аз пайғамбар шудан дар пеши ҳайкаллҳо қурбонӣ кардааст. Онҳо китобҳои бофтаи худашонро ҳам ҳамчун далел нишон медиҳанд, аммо дурӯғ будани ин ифтиротҳои чиркин аз сатрҳои боло баръало маълум аст]. То пайғамбарӣ ва баъд аз ба пайғамбарӣ мабъус шудан низ айбҳое ба монанди кӯрӣ, карӣ ва айбҳои дигар дар шахсияти онҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ҳар як пайғамбар вуҷуд доштани ҳафт сифатро бояд бовар кунем: **Амонат, сидқ(ростӣ), таблиғ (роҳнамой ва даъват ба дини Ҳақ), исмат (покӣ), фатонат (боақлӣ)** ва **амнулазл,** яъне аз пайғамбарӣ даст намекашанд. Фатонат ин бисёр боақл ва бофаҳм будан аст.

Пайғамбареро ки дини нав меорад, **расул** мегӯянд. Дини нав наоварда, ба дини пешинаи инсонҳо даъват кунад, **набӣ** аст. Дар расонидани амрҳову даъват кардан ба дини Аллоҳу таъоло байни расул ва набӣ фарқе нест. Боварӣ ба пайғамбарон маънои онро дорад, ки дар байни онҳо ҳеҷ фарқе нагузошта, ба содиқ, ростгӯ будани ҳамаашон бовар кардан аст. Ба яке аз онҳо бовар накардан, имонро комил намесозад.

Пайғамбарӣ бо кор кардан, гуруснагӣ, азоб кашидан ва бисёр ибодат кардан ба даст намеояд. Танҳо бо эҳсону интихоби Аллоҳу таъоло амалӣ мешавад. Динҳо ба воситаҳои пайғамбарон, барои дар дунёву охират осон ва фоиданок шудани корҳои инсонҳо, барои инсонҳоро аз корҳои зишт ҳифз кардан ва ба саломативу ҳидоят расондани онҳо фиристода шудаанд. Пайғамбарон бо вуҷуди он ки душманонашон зиёд буд, бо вуҷуди ҳама масхараву нороҳатӣ, Аллоҳу таъоло ва амрҳояшро ба инсонҳо таблиғ мекарданд ва ҳеҷ тарсе аз душман надоштанд. Аллоҳу таъоло барои нишон додани сидқу ростгӯии пайғамбарон онҳоро муъҷизаҳо дод. Ҳеҷ касе зидди ин муъҷизаҳо баромада наметавонист. Оне, ки пайғамбарро қабул ва бовар мекунад, **уммати** он пайғамбар аст. Дар рӯзи қиёмат ба пайғамбарон иҷозат дода мешавад, то аз умматаш ононеро, ки гуноҳашон зиёд аст, шафоат кунанд ва шафоаташон қабул мешавад. Аз умматон ба олимону солеҳон ҳам иҷозат дода мешавад, то шафоат кунанд ва шафоати онҳо ҳам қабул мешавад. Пайғамбарон (алайҳимуссалавоту ваттаслимот) дар қабр низ ҳаёти ба мо номаълумеро ба сар мебаранд. Вуҷуди мубораки онҳоро хок намепӯсонад. Аз ҳамин сабаб, дар ҳадиси шариф **(Пайғамбарон дар қабрашон намоз мехонанд ва ҳаҷ мекунанд)** омадааст.

[Имрӯзҳо **(ваҳҳобиҳо)-**и Арабистон ин ҳадиси шарифро бовар надоранд. Ва мусалмонони ҳақиқиеро ки бовар доранд, кофир мехонанд. Барои хато маънидод кардани ин матнҳо, ки маъноҳояшон пӯшида аст, кофир нашаванд ҳам, **бидъатгаро** мешаванд. Ба мусалмонон бисёр зарар расонида истодаанд. Ваҳобия, аз тарафи Муҳаммад бин Абдулваҳоби Наҷдӣ ташкил шудааст. Ҷосуси англис – Ҳемфер ӯро бо фикрҳои нодурусти Ибни Таймия[5] фиреб медиҳад. Ӯ ба воситаи китобҳои Муҳаммад Абдуҳи Мисрӣ[6] дар байни туркон ва ҳар ҷо паҳн мешавад. Олимони **аҳли суннат** дар садҳо китобашон исбот кардаанд, ки ваҳобиҳо на мазҳаби панҷум, балки дар залолату гумроҳӣ қарор

5 Аҳмад ибни Таймия соли 728 [1328-и мелодӣ] дар Шом вафот мекунад.

6 Муҳаммад Абдуҳ соли 1323 [1905-и мелодӣ] дар Миср вафот мекунад.

доранд. Дар китобҳои **“Саодати абадия”** ва **“Қиёмат ва Охират” дар бораи онҳо** ба таври васеъ оварда шудааст. Аллоҳу таъоло ҷавонони динро аз ин ваҳобияе, ки англисҳо таъсис додаанд, ҳифз карда аз пайравии онҳоро муҳофизат кунад ва аз роҳи олимони **аҳли суннат,** ки ҳадиси шариф мадҳ мекунад, ҷудо насозад!]

Агар чашмони мубораки Пайғамбарон (алайҳиссалом) хоб кунанд ҳам, чашми қалбашон хоб намекунад. Ҳамаи пайғамбарон дар иҷро кардани вазифаашон ва дар доштани камолоти нубуват баробаранд. Ҳафт чизе, ки дар боло зикр шуд, дар ҳамаашон вуҷуд дорад. Онҳо аз пайғамбарӣ озод намешаванд, онро тарк намекунанд. Авлиёҳо аз валиён буданашон мумкин аст. Пайғамбарон (алайҳимуссалавоту ваттаслимот) аз инсонҳо мешаванд. Аз ҷинҳо ва ё малоикаҳо барои инсонҳо пайғамбар фиристода намешавад. Ҷин ва малоика ба дараҷаи пайғамбарон намерасанд. Пайғамбарон бар якдигарашон мартаба доранд. Масалан, аз ҷиҳати уммати бисёр доштан, калон будани мамлакати зиндагӣ кардаашон, бисёртар паҳн кардани илму маърифат, бисёртар будани муъҷиза ва давомнок буданаш, пайғамбари охирзамон **Муҳаммад** (алайҳиссалом) аз ҳама пайғамбарон мартабаи боло доранд. Пайғамбарони улулазм аз пайғамбарони ғайри улулазм ва расулҳо аз набиҳое, ки расул нестанд, мартабаашон баландтар аст.

Шумораи пайғамбарон (алайҳимуссалавоту ваттаслимот) муайян нест. Мувофиқи ривоятҳо саду бисту чаҳор ҳазор аст ва ҳатто шояд зиёдтар. Аз ин шумор сесаду сенздаҳ ё сесаду понздаҳ ҳазораш расулонанд. Аз байни онҳо бошад, шаштоашон мартабаи баландтар доранд. Онҳоро **улулазм** мегӯянд. Пайғамбарони улулазм **Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо** ва **Муҳаммади Мустафо (**алаҳимуссалоту вассалом) мебошанд.

Аз байни пайғамбарон сию сетоашон машҳуранд. Инҳо: **Одам, Идрис, Шит** ва ё **(Шис), Нӯҳ, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим, Лут, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Айюб, Шуайб, Мӯсо, Ҳорун, Хизр, Юшаъ бин Нун, Илёс, Алясаъ, Зулкифл, Шамъун, Ишмоил, Юнус, Довуд, Сулаймон, Луқмон, Закариё, Яҳё, Узайр, Исо, Зулқарнайн** ва **Муҳаммад** алайҳи ва алайҳимуссалоту вассалом ҳастанд.

Аз инҳо танҳо номи бисту ҳаштоашон дар Қуръон омадааст. Исмҳои Шит, Хизр, Юшаъ, Шамъун ва Ишмоил наомадааст. Ва аз ин бисту ҳашт пайғамбар Зулқарнайн, Луқмон, Узайр ва Хизр пайғамбар буданашон сад дар сад маълум нест. Дар **“Мактуботи Маъсумия,**

ҷилди 2, мактуби 36-ум, далелҳои муътамад барои пайғамбар будани Хизр (алайҳиссалом) вуҷуд дорад. Дар мактуби 182-ум омадааст, ки дар шакли инсон дидани Хизр (алайҳиссалом) ва баъзе корҳоро анҷом додани ӯ маънои дар ҳаёт будани ӯро надорад. Аллоҳу таъоло ба ӯ ва баъзе аз пайғамбарон барои дар шакли инсон дидани рӯҳи онҳо иҷозат додааст. Дидани онҳо, маънои дар ҳаёт будани онҳоро надорад. Номи дуюми Зулкифл (алайҳиссалом) Ҳаркил аст. Ривоятҳое ҳам ҳастанд, ки шояд ӯ Илёс ва ё Идрис ва ё Закариё (алайҳиссалом) бошад.

Иброҳим (алайҳиссалом) Халилуллоҳ аст, зеро дар қалби ӯ ба ҷуз меҳри Аллоҳу таъоло дигар меҳри ҳеҷ як махлуқе вуҷуд надошт. Мӯсо (алайҳиссалом) Калимуллоҳ аст, зеро бо Аллоҳу таъоло гуфтугӯ карда буд. Исо (алайҳиссалом) Калиматуллоҳ аст, чун падар надошт. Фақат бо калимаи илоҳии (МАВҶУД ШАВ) аз модар ба дунё омад. Ғайри аз ин, калимаҳои пур аз ҳикмати Аллоҳу таъолоро ба гӯши инсонҳо расонид.

Аз фарзандони Одам аз ҳама баландмартаба, шарафмандтарин, пурқимматтарин **Муҳаммад (**алайҳиссалом) Ҳабибуллоҳ аст, ки сабаби офаридани тамоми мавҷудот мебошад. Муъҷизаҳое, ки Ҳабибуллоҳ будани ӯро, бузургии ӯро, олимартаба будани ӯро нишон медиҳанд, беҳад зиёданд. Аз ҳамин сабаб, ба ӯ суханони мисли мағлуб шудан ва дигар гуфтан нашояд. Дар қиёмат пеш аз ҳама аз қабр хоҳад хест. Ба маҳшар пеш аз ҳама меояд. Ба ҷаннат пеш аз ҳама хоҳад даромад. Муъҷизаҳояш бо ҳисоб тамом намешаванд ва барои ҳисоб кардан қувваи инсон намерасад. Ва инҷо навиштаҳоямонро бо муъҷизаи меъроҷ идома медиҳем.

Раслуллоҳ (саллаллоҳу таъоло алайҳи васаллам) аз ҷойгаҳи хобаш бедор карда шуда, бо бадани муборакашон аз шаҳри Макка ба Масҷидул-Ақсо ва аз он ҷо ба осмонҳо ва баъд аз осмони ҳафтум ба мулоқоти Аллоҳу таъоло бурда мешавад. Меъроҷро ин гуна бовар кардан лозим аст. [Дар тариқати Исмоилия душманони дин, ки номи “олим”-ро ба худ доранд, як ҳолат будани меъроҷ, бо бадан неву бо рӯҳ рафтани Расулуллоҳро иддао карда ҷавононро аз роҳ мезананд. Ба ин хел навиштаҳои дурӯғ набояд бовар кард ва набояд фирефтаи онҳо шуд. Чӣ тавр шудани меъроҷ дар бисёре аз китобҳои гаронбаҳо, масалан дар “**Шифои шариф”**[7] ба таври васеъ оварда шудааст]. Аз Маккаи мукаррама то **Сидрат-ул-Мунтаҳо)** ҳамроҳи Ҷабраил (алайҳиссалом) меравад. Дар

7 Нависандаи Шифо, Қози Иёд Моликӣ, соли 544 [1150-и мелодӣ] дар Марокаш вафот мекунад.

Сидрат-ул-Мунтаҳо осмони шашум ва ҳафтум дарахте аст, ки ҳеҷ чизе аз он боло гузашта наметавонад. Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар Сидра Ҷабраил (алайҳиссалом)-ро бо шакли асосиаш бо шашсад ҳазор қаноташ дид. Ҷабраил (алайҳиссалом) дар Сидрат монд. Ӯ аз Макка то Қуддуси Шариф ё то осмони ҳафтум бо (Бурок) бурда шуд. **Бурок** як ҳайвони ҷаннатии сафед аст, ки аз хачир хурд ва аз маркаб бузургтар аст. Аз ҳайвоноти дунё нест. Бисёр тез меравад. Ба дуриҳое, ки чашм намерасад, бо як қадам ниҳодан мерасад. Расуллуоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар масҷиди Ақсо ба дигар пайғамбарон имом шуда намоз мегузорад. Рӯҳҳои пайғамбарон дар шакли аслиашон дар онҷо ҳозир буданд. Аз **Қудс** то осмони ҳафтум бо як нардбони ноаён, ки **Меъроҷ** ном дошт, ба боло бароварда шуд. Дар роҳ малоикаҳо дар чапу рост қатор истода буданд. Ба Расулуллоҳ мадҳу сано мефиристонданд. Ҳар замоне, ки дохили осмоне мешуданд, Ҷабраил (алайҳиссалом) ба аҳли само ташрифи Расулуллоҳро мужда медод. Дар ҳар як осмон бо пайғамбаре вохӯрда салом мекард. Дар **Сидра** чизҳои ҳайратовари бисёреро шоҳид шуд. Неъматҳои Ҷаннат ва азобҳои Ҷаҳаннамро дид. Аз завқу орзуи дидори ҷамоли Аллоҳу таъоло ба ҳеҷ як аз неъматҳои Ҷаннат нигоҳ накард. Аз Сидра танҳо дар иҳотаи нурҳо дохил шуд. Калому садоҳои малоикаҳоро мешунид. Аз ҳафтод ҳазор парда гузашт. Ки байни ду парда қариб панҷ ҳазор сола роҳ аст. Ва баъдан аз курсие бо номи **Рафраф,** ки аз офтоб ҳам дурахшонтар аст, гузашт. Ва ниҳоят бар Арши илоҳӣ расид. Аз аршу замону макони дунёҳо берун баромад. Бар мақоме расид, ки каломи Ҷаноби Ҳақро метавон шунид.

Мисле ки дар охират Аллоҳу таъолоро ноаён мебинем, ин гуна Аллоҳу таъолоро дид. Беҳарфу беовоз бо Аллоҳу таъоло сухан гуфт. Аллоҳу таъолоро тасбеҳ, ҳамду сано мегуфт. Бар икромҳову шарафҳои беохир соҳиб шуд. Ба худаш ва умматаш панҷоҳ вақт намоз фарз шуда бошад ҳам, бо ишораи Мӯсо (алайҳиссалом) оҳиста-оҳиста ба панҷ вақт фароварда шуд. Пеш аз ин, танҳо намози субҳ, аср ва ё хуфтанро мехонданд. Баъд аз ин сафари тӯлонӣ, баъд аз ин икромҳову эҳсонҳо, баъд аз дидану шунидани ин қадар чизҳои ҳайратовар боз ба ҷойгаҳаш баргашт. Ҷойгаҳ ҳанӯз гарм буд. Як қисми чизҳои гуфтаамон дар оятҳои карима ва ҳадисҳои шариф хабар дода шудааст. Бовар кардан ба ҳамаи ин воҷиб набошад ҳам, чӣ тавре ки олимони аҳли суннат мегӯянд, он касе, ки ба ин хабарҳо бовар надорад, аз аҳли суннат хориҷ мешавад. Ва касоне, ки ояти карима ва ё ҳадиси шарифро бовар надоранд, кофир мешаванд.

Инҷо бархе аз далелҳои зиёдеро меорем, ки **Саййидуланбиё,** яъне аз ҳамаи пайғамбарон (алайҳимуссалавоту ваттаслимот) бузург будани Муҳаммад (алайҳиссалом)-ро таъкид мекунанд.

Рӯзи қиёмат, тамоми пайғамбарон (алайҳимуссалавоту ваттаслимот) зери байрақи ӯ қарор хоҳанд гирифт. Аллоҳу таъоло бар ҳар як пайғамбар [агар ба замони пайғамбарии беҳтарини махлуқот, ҳабибам Муҳаммад (алайҳиссалом) расида, ба ӯ имон оваред ва ӯро ёрӣ расонед!] гуфта амр мекард. Тамоми пайғамбарон ба умматҳояшон ҳам чунин васият мекарданд.

Муҳаммад (алайҳиссалом) **Хотамуланбиё** аст. Яъне баъд аз ӯ дигар ҳеҷ пайғамбаре намеояд. Рӯҳи муборакаш пеш аз ҳар пайғамбаре офарида шуда буд. Мақоми пайғамбарӣ пеш аз ҳама ба ӯ дода шуда буд. Пайғамбарӣ бо ба дунё омадани ӯ тамом мешавад. Исо (алайҳиссалом) дар замони ҳазрати Маҳдӣ аз осмон ба замин ояд ҳам, дини Муҳаммад (алайҳиссалом)-ро паҳн мекунад. Ва аз уммати ӯ мешавад.

Фирқаи **(Қодиёнӣ),** ки аз тарафи англисҳо дар Ҳиндустон дар соли 1296-и ҳичрӣ қамарӣ ва 1880 -и мелодӣ баромадаанд, дар бораи Исо (алайҳиссалом) суханҳои чиркин ва дурӯғ мегӯянд. Худашонро мусалмон гӯянд ҳам, валекин дар асл исломро нобуд кардан мехоҳанд. Барои мусалмон набудани онҳо фатво дода шудааст. Инҳоро **(Аҳмадӣ)** ҳам мегӯянд.

[Аҳли бидъате, ки дар Ҳиндустон баромаданд, зиндиқҳое ҳастанд, ки онҳоро **(Ҷамоати Таблиғ)** мегӯянд. Ин фирқаро соли 1345 [1926-и мелодӣ] Илёс ном шахси ҷоҳиле ташкил карда буд. Ӯ даъво мекард, ки (мусалмонон дар залолатанд ва ман барои наҷоташон амр шудаам). Чизҳои аз китобҳои устодонаш Назир Ҳусейн, Рашид Аҳмад Канкуҳӣ ва Халил Аҳмад Саҳаронпурӣ омӯхтаашро мегуфт. Барои фиреби мусалмонон ҳамеша аҳамияти намоз ва ҷамоатро мефаҳмонд. Аммо намоз ва ё ибодатҳои аҳли бидъат, яъне онҳое, ки аз мазҳабҳои **(Аҳли суннат)** нестанд, қабул намешавад. Онҳо пеш аз ҳама, китобҳои аҳли суннатро хонда аз бовариҳои аҳли бидъат канор гирифта, мусалмони ҳақиқӣ шуданашон лозим аст. Онҳое, ки аз оятҳои пӯшидаи Қуръони Карим маъноҳои нодуруст мебароранд, **(Аҳли бидъат)** ва ё **(фосиқ)** мегӯянд. Ва онҳоеро, ки оятҳои каримаро бо фикру ақидаҳои муғризонаи худ нодуруст маънидод мекунанд, **(Зиндиқ)** мегӯянд. Зиндиқҳо Қуръони Карим ва исломро иваз кардан мехоҳанд. Инглисҳо, ки аз ҳама душманони бузурги ислом ҳастанд, ташкилотчӣ ва ёрирасони инҳо мебошанд

ва барои ба чор тарафи дунё паҳн шудани онҳо милиардҳо маблағ харҷ мекунанд. **(Ҷамоати таблиғ),** ки ба фиреби англисони ҷоҳилу кофир дода шудаанд, худашонро **(Аҳли суннат)** номида, намоз гузошта дурӯғ мегӯянд ва мусалмононро аз роҳ мезананд. Абдуллоҳ ибни Масъуд мефармояд, ки "Инсонҳое пайдо мешаванд, ки дин надоранд валекин намоз мегузоранд". Инҳо дар қаъри ҷаҳаннам абадӣ хоҳанд сӯхт. Қисме аз инҳо, дар манораҳо баромада бо ришҳои дарозу ҷуббаҳои бузург оятҳои каримаро хонда нодуруст маънидод мекунанд ва мусалмононро фиреб медиҳанд. Аммо тавре ҳадиси шариф мефармояд: **(Инналлоҳа ла янзуру ила суварикум ва сиёбикум валокин янзуру ила қулубикум ва ниятикум),** (Аллоҳу таъоло на ба шаклу либосҳоятон, балки ба қалбҳо ва ниятҳоятон нигоҳ мекунад).

Байт:

Қадди баланд дорад, дастор пора - пора,

Чун ошёни лаклак бар қуллаи манора.

Аз сабаби он, ки **"Ҳақиқат Китабэвӣ"** дурӯғ будани навиштаҳову гуфтаҳои ин ҷоҳилону аҳмақонро исбот кард ва онҳо ҷавоб дода натавонистанд, мегӯянд, ки "Ҳақиқат Китабэвӣ" нодуруст ва вайронкунандаи ақида аст, ин китобро нахонед". Аломати аз ҳама бузурги фосидону зиндиқони душманони ислом, ин китобҳои аҳли суннатро нахонед гуфтани онҳост. Зарарҳои ба Ислом расондаашон ва ҷавобҳои олимони аҳли суннат дар китоби **"Маълумотҳои фоиданок"** ба таври васеъ оварда шудааст].

Муҳаммад (алайҳиссалом) аз ҳама пайғамбарон баландмартаба, раҳмате бар оламиён аст. Ҳаждаҳ ҳазор олам аз раҳмати ӯ бархурдор аст. Ӯ барои тамоми инсоният ва ҷинҳо пайғамбар аст. Аксари олимон ба малоикаҳо, наботот, ҳайвонҳо ва ҳар моддаҳо пайғамбар будани эшонро таъкид доштаанд. Дигар пайғамбарон бар як қавму мамлакати муайян фиристода шудаанд. Аммо Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои тамоми олам, ҳама махлуқоти ҷондору бечон пайғамбар аст. Аллоҳу таъоло дигар пайғамбаронро бо номашон нидо мекард, аммо Муҳаммад (алайҳиссалом)-ро "Эй Расулам, эй паёмбарам" гуфта нидо мекард. Муъҷизаҳое, ки ба дигар пайғамбарон дода шудаанд, ба ӯ ҳам дода шудааст. Аллоҳу таъоло пайғамбари муҳтарамамонро он қадар икром намудааст, он қадар муъҷиза додааст, ки ба ҳеҷ пайғамбари дигаре дода нашудааст. Ҳангоми ишорат бо ангушти муборакашон ду пора шудани моҳ, тасбеҳ гуфтани сангоҳи кафи дасташон, "Эй Расулал-

лоҳ” гуфта салом додани дарахтон, гиряи дарахти хушкшуда **(Ҳаннона)** барои ҷудо шуданаш аз Расулуллоҳ, аз байни ангуштони муборакашон рехтани об ва дар охират ба мақомҳои **(Мақоми Маҳмуд), (Шафоати Кубро), (Ҳавзи Кавсар), (Васила)** ва **(Фозила)** мушарраф шуданаш, ба Ҷаннат надорамада ба дидори ҷамоли илоҳӣ мушарраф шуданаш, дар дунё соҳиби хулқи азим, дар дин имони яқин, илм, ҳилм, сабр, шукр, зуҳд, иффат, адл, мурувват, ҳаё, шуҷоат, тавозуъ, ҳикмат, адаб, самоҳат, марҳамат, (рафъат) ва дигар фазилатҳои беохир аз ҳама баландмартаба байни пайғамбарон буданашро нишон медиҳад. Миқдори муъҷизаҳоеро, ки ба ӯ дода шудааст, ғайри Аллоҳу таъоло касе намедонад. Дини ӯ дигар ҳама динҳоро ва ҳукмҳои онҳоро насх (бекор) кардааст. Дини ӯ аз ҳама динҳо беҳтарин, аз ҳама бузург аст. Уммати ӯ аз ҳамаи дигар умматон мартабаашон баланд аст. Авлиёи уммати ӯ, аз авлиёҳои дигар умматҳо шарафмандтар аст.

Аз байни авлиёҳои уммати Муҳаммад (алайҳиссалом) касе, ки халифаи Расулуллоҳ буданро лоиқ шудааст, касе ки дар хилофат аз ҳама дида лоиқтар, тоҷи сари валиён, баъд аз пайғамбарон аз ҳама хуб ва бузург аст, **Абубакри Сиддиқ (**разияллоҳу анҳ) мебошад. Дараҷаи хилофатро аз ҳама аввал ӯ ба даст овард. Пеш аз Ислом ҳам бо лутфу эҳсони Аллоҳу таъоло бутҳоро напарастид. Аз кофирӣ ва фосидӣ маҳфуз буд. [Онҳое, ки пеш аз нубувват бут парастидани Расулуллоҳро бовар мекунанд, чӣ қадар ҷоҳилу бечора буданашон маълум аст].

Баъд аз ин, Форуқи Аъзам, оне ки Аллоҳу таъоло барои Ҳабибаш рафиқ интихоб кард, халифаи дуюм **Умар ибни Хаттоб (**разияллоҳу анҳ) аст.

Баъдан, баландмартабатарини инсонҳо халифаи сеюми Расулуллоҳ, хазинаи хубиҳову эҳсонҳо, сарчашмаи ҳаё, имон ва ирфон, Зиннурайн **Усмон ибни Аффон (**разияллоҳу анҳ) аст.

Ва баъдан, аз ҳама баландмартаба, халифаи чаҳоруми Расулуллоҳ, соҳиби мартабаҳои риққатовар, шери Аллоҳу таъоло **Алӣ ибни Абутолиб (**разияллоҳу анҳ) аст.

Баъд аз инҳо **Ҳазрати Ҳасан** халифа мешавад. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки сӣ соли хилофат бо ин тамом мешавад.[8] Баъд аз ин, аз ҳама инсонҳо бахайртар, нури чашми Расулуллоҳ (саллаллоҳу таъоло алайҳи ва саллам) **Ҳусейн ибни Алӣ (**разияллоҳу анҳ) мебошад.

8 Ҳасан бин Алӣ соли 49 [669-и мелодӣ] дар Мадинаи Мунаввара заҳр дода шуд ва вафот кард.

Ин бузургиҳо, бисёр будани савоб, дар роҳи дини ислом ватану дӯстдоштатаринҳоро тарк кардан, пеш аз дигарон мусалмон шудан, Расулуллоҳ (саллалоҳу таъоло алайҳи ва саллам) – ро то охирин дараҷа пайрав будан, ба суннати ӯ пойбанд будан, барои паҳн кардани дин талош кардан, куфру фасоду фитнаро аз худ дур кардан аст.

Гарчи Алӣ (разияллоҳу анҳ) ғайр аз Абубакр (разияллоҳу анҳ) дигар пеш аз ҳама мусалмон шуда бошад ҳам, аз сабабе, ки он замон кӯдак буд ва моле ҳам надошт ва дар хона ва хизмати Расулуллоҳ буданаш, имон овардани ӯ барои имон овардан ва ибрат гирифтани кофирон на он қадар таъсир дошт. Аммо имон овардани се халифаи дигар Исломро қувват бахшиданд. Ин мисли якчанд чизро омӯзондани Хизр (алайҳиссалом) ба Мӯсо (алайҳиссалом) аст. [Бузургӣ аз тарафи хун мешуд, Ҳазрати Аббос аз ҳазрати Алӣ бузургтар мебуд. Ва дар Абулаҳаб, ки бо хун аз ҳама наздик аст, шараф ва мартабае, ки камтарин муъмин дорад, ҳеҷ вуҷуд надорад). Аз сабаби бо хун наздик будан, **Ҳазрати Фотима** аз **Ҳазрати Хадича** ва **Ҳазрати Оиша** (разияллоҳу анҳунна) баландмартабатар аст. Фақат, ки на аз як ҷиҳат, балки аз ҳама ҷиҳат бузург будани ӯро нишон намедиҳад. Дар мавриди он, ки аз ин се кадомаш баландмартабатар мебошад, ақидаи олимон дигар аст. Мувофиқи ҳадиси шариф, ҳар сеаш ва **Ҳазрати Марям** ва хотуни Фиръавн **Ҳазрати Осия** (разияллоҳу таъоло анҳунна аҷмаъин) аз ҳама занони дунё баландмартаба ҳастанд. Дар ҳадиси шариф, **(Фотима аз ҳама занони ҷаннат баландмарта ва Ҳасан ва Ҳусейн аз ҳама ҷавонони ҷаннат баландмартабатар мебошанд)** омадааст, ки ин аз як ҷиҳат мартаба аст.

Баъд аз инҳо, аз баландмартабатарини асҳоби киром **(Ашараи Мубашшара)** мебошанд, яъне онҳое, ки ба ҷаннат мужда дода шудаанд. Баъд аз инҳо сесаду сенздаҳ иштирокдорони ҷанги Бадр аз ҳама баландмартабаанд. Баъд аз онҳо, ҳама ҳафт ҳазор шерони ҷанги Уҳуд, ва баъдан, ҳазору чаҳорсад касе, ки дар **(Биъату-р-Ризвон),** яъне дар таги дарахте ба Расулуллоҳ ваъда дода буданд, баландмартабаанд.

Исмҳои Асҳоби киром (разияллоҳу анҳм аҷмаъин)-ро, ки дар роҳи Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҷону молашонро фидо карда, ба ӯ ёрӣ доданд, бо эҳтирому муҳаббат ба забон овардан вочиб аст. Дар шаъни онҳо суханҳои ноҷо гуфтан асло ҷоиз нест. Номҳои онҳоро бо беэҳтиромӣ гуфтан залолат ва фосидӣ аст.

Оне, ки Расулуллоҳро дӯст медорад, ҳама асҳоби Ӯро ҳам дӯст доштанаш лозим. Чунки дар ҳадиси шарифе омадааст: **“Касе, ки асҳоби**

маро дӯст медорад, ин аз он аст, ки маро дӯст медорад. Касе, ки онҳоро дӯст намедорад, ин аз он аст, ки маро ҳам дӯст намедорад. Касе онҳоро азоб додааст, маро ҳам азоб додаст. Касе маро азоб додааст, Аллоҳу таъолоро азоб додааст ва касе Аллоҳу таъолоро азоб додааст, албатта, азоб мебинад". Дар дигар ҳадиси шариф омадааст: "**Агар Аллоҳу таъоло барои кадоме аз бандагонаш аз миёни уммати ман хубӣ кардан хоҳад, муҳаббати Асҳоби маро дар қалби ӯ ҷой мекунад. Ва ӯ онҳоро ба ҷон баробар дӯст медорад".**

Аз ҳамин сабаб, дар бораи муҳорибаҳои байни Асҳоби киром нодуруст фикр кардан (мисли он, ки мақсади онҳо хилофатро ба даст овардан буд ва ё барои орзуҳои нафсониашонро ба ҷой овардан буд) нашояд. Ин тавр фикр кардан ва ба бузургон забон дароз кардан, мунофиқӣ аст ва ба фалокат роҳ паймудан аст. Чунки бо нишастан дар ҳузури Расулуллоҳ, бо шунидани суханҳои муборакаш Ӯ, таассуб [якравӣ, нотавонбинӣ] ва мавқеи орзу ва ба дунё дил бастан аз қалбҳои ҳамаашон тоза шуда буд. Ҳирс [чашмгуруснагӣ], кина ва рафторҳои бад аз вуҷудашон тоза шуда буд. Касе ҳатто бо авлиёе аз уммати он пайғамбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишинад, аз рафтори хуби он авлиё ва аз бузургии ӯ фоида мебинад ва пок мешавад ва аз дилбандӣ ба дунё нағот меёбад. Дар ҳоле ки асҳоби киром Расулуллоҳ (саллалоҳу алайҳи ва саллам)– ро аз ҳама бештар дӯст доштанд, молу ҷонашонро барои Ӯ фидо мекарданд, ватанашонро барои Ӯ тарк мекарданд, ба сӯҳбаҳои Ӯ ки ғизои рӯҳ буд, ошиқ буданд. Пас, чӣ тавр инҳо аз рафторҳои бад нағот намеёбанд, нафсҳояшон тоза намешавад ва барои ин дунёи гузарон меҷанганд? Он бузургон албатта, аз ҳама дида поктаранд. Инҳоро ҷудо кардан, муҳорибаҳояшонро бо ҷангу муҳорибаҳои мо барин касони бадфикр монанд кардан, барои хоҳиши дунёиашон ҷангиданд гуфтан, магар шоиста аст? Дар бораи Асҳоби Киром ин гуна фикрҳои нодуруст кардан ҷоиз нест. Касе, ки ин гуна иддао дорад, оё фикр намекунад, ки душманӣ ба Асҳоби Киром, ин душманӣ ба Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки онҳоро тарбия кардааст. Онҳоро бад гуфтан, ин бадгӯӣ дар ҳаққи Расулуллоҳ аст. Аз ин сабаб аст, ки олимони дин бар он ақидаанд, ки "Касе, ки асҳоби киромро бузург намедонад ва эҳтиром намекунад, ин маънои онро дорад, ки ба Расулуллоҳ имон надорад".

Муҳорибаҳои Уштур ва Сиффин сабаби бадгӯӣ ба онҳо шуда наметавонад. Дар ин муҳорибаҳо сабабҳое вуҷуд доранд, ки зидди Ҳазрати Алӣ баромадани онҳо ҳамаашонро аз бадӣ нағот дода, ҳатто

мӯҷиби савоб гирифтанашон шудааст. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки **“Муҷтаҳиде, ки хато мекунад, соҳиби як савоб, вақте дурустиро меёбад, соҳиби ду ва ё даҳ савоб аст. Аз ду як савобаш барои иҷтиҳод кардан ва дуюмаш барои дурусташро ёфтан аст”.** Ин аз сабаби зиддияту хархашаву саркашиву душманӣ байни бузургони дин нест, балки аз сабаби иҷтиҳодашон аст. Барои амрҳои исломро ба ҷо оварданашон. Ҳамаи Асҳоби киром муҷтаҳид буданд. [Масалан, муҷтаҳид будани Амр бин Ос (разияллоҳу анҳ) дар саҳифаи дусаду наваду ҳашти китоби **(Ҳадиқа)** оварда шудааст].

Барои ҳар як муҷтаҳид фарз аст, ки аз рӯи маълумоте, ки бо иҷтиҳод ба даст меояд, амал кунад. Ҳарчанд агар иҷтиҳодаш аз иҷтиҳоди дигар муҷтаҳидони бузург фарқ кунад ҳам, амал карданаш лозим аст. Ба иҷтиҳоди каси дигар пайравӣ карданаш ҷоиз нест. Шогирди Имоми Аъзам, Абуҳанифа[9] Абуюсуф бо Муҳаммад Шайбонӣ ва шогирди Имоми Муҳаммад Шофеъӣ[10] Абусавр ва Исмоил Музонӣ бо устодонашон дар баъзе масъалаҳо мухолифат кардаанд. Баъзе чизҳое, ки устодонашон ҳаром гуфтаанд, онҳо ҳалол шуморидаанд.

Ва баъзе чизҳое, ки ҳалол гуфтаанд, шогирдонашон ҳаром гуфтаанд. Аз ҳамин сабаб, онҳоро гунаҳкор ва ё нодурусткор гуфта наметавонем. Касе ҳам нест, ки ин тавр гӯяд. Зеро онҳо ҳам мисли устодонашон муҷтаҳид буданд.

Алӣ (разияллоҳу анҳ) аз Муовия ва Амр ибни Ос (разияллоҳу анҳумо) дида бузургтар аст, олимтар аст. Бисёр мартабаҳое ҳаст, ки ӯро аз онҳо фарқ мекунонад. Иҷтиҳодаш ҳам аз иҷтиҳоди он ду пурқувваттар ва далелнок аст. Фақат, аз сабабе, ки Асҳоби киром ҳама муҷтаҳиданд, ин ду ҳам ба иҷтиҳоди ин имоми бузург (Алӣ) пайравӣ карданашон ҷоиз набуд. Бояд бо иҷтиҳоди худашон ҳаракат карданашон лозим буд.

Савол: Дар муҳорибаҳои Ҷамал ва Сиффин бисёре аз саҳобаҳои муҳоҷирон ва ансор бо имоми Алӣ якҷоя буданд. Ба ӯ итоат карданд. Дар ҳоле ки инҳо ҳамаашон муҷтаҳид буданд, ба Алӣ итоат карданро воҷиб донистанд. Аз ин бармеояд, ки итоат кардан ба Алӣ (разияллоҳу анҳ) ба муҷтаҳидон ҳам воҷиб будааст. Иҷтиҳодҳояшон мухолифат кунад ҳам, бо ӯ якҷоя шуданашон лозим будаст. Ин чӣ тавр мешавад?

Ҷавоб: Онҳое, ки Ҳазрати Алиро итоат карда бо ӯ якҷоя ҷанги-

9 Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит. Соли 150 [767-и мелодӣ] дар Бағдод вафот кардааст.

10 Муҳаммад бин Идрис Шофеъӣ соли 204 [820 - мелодӣ] дар Миср вафот кардааст.

данд, барои итоат кардан бо иҷтиҳоди ӯ якҷоя нашуданд. Аз сабаби он ки иҷтиҳоди худашон бо иҷтиҳоди Алӣ мувофиқ буд, иҷтиҳодашон ба Алӣ итоат карданашонро воҷиб нишон дод. Ҳамин тавр, иҷтиҳоди бисёре аз бузургони Асҳоби киром ба иҷтиҳоди Имоми Алӣ мувофиқ наомад. Ва ба ин Имоми бузург ҷангиданашон воҷиб шуд. Он вақт иҷдиҳоди Асҳоби киром се гуна буд. Як қисмашон ҳақ будани Имоми Алиро фаҳмида ба ӯ итоат карданашон воҷиб шуд. Қисми дигар иҷтиҳоди бо ӯ ҷангиданро дуруст донистанд ва ба инҳо бо Алӣ (разияллоҳу анҳ) ҷангидан воҷиб шуд. Қисми сеюм бошад, ба ҳар ду тараф ҳам итоат накарданд ва ҷанг накарданро лозим донистанд. Иҷтиҳоди инҳо ба муҳориба пайванд нашуданашонро нишон медод. Ва албатта, ин се қисм ҳақ буданд ва савоб ҳам гирифтанд.

Навиштаи боло онҳоеро, ки бо Алӣ (разияллоҳу анҳ) ҷагидаанд, ҳақ мешуморад. Аммо олимони аҳли суннат ҳақ будани Имоми Алиро иддао доранд ва онҳое, ки дар муқобилаш буданд, хато карданд. Аммо ба хотире, ки узр доштанд, авф шуданашон ва ё савоб гирифтанашон қайд нашудааст. Ба ин чӣ мегӯед?

Ҷавоб: Бузургони дин ба мисли Имоми Шофеъӣ ва Умар бин Абдулазиз бар ин ақидаанд, ки барои ҳеҷ яке аз Асҳоби киром “Ӯ хато кард” гуфтан ҷоиз нест. Аз ин сабаб, “Дар ҳаққи бузургон “хато кард” гуфтан дуруст нест” омадааст. Хурдон дар ҳаққи бузургон суханҳои мисли “дуруст кард”, “хато кард”, “маъқулам шуд” ва ё “маъқулам нашуд” гуфтанашон ҷоиз нест. Чӣ тавре ки Аллоҳу таъоло дастҳоямонро ба хуни он бузургон олуда накард, мо ҳам бояд забонамонро аз гуфтани суханҳои ноҳақ нигоҳ дорем. Олимони бузург баъд аз дидану омӯхтани далелҳо ва ҳодисаҳо, ҳақ будани Имоми Алӣ ва хато кардани онҳоеро, ки дар муқобилаш буданд, гуфта бошанд ҳам, мехостанд баён доранд, ки агар Алӣ (разияллоҳу анҳ) бо муқобилони худ гуфтушунид мекарданд, онҳо ҳам иҷтиҳоди худашонро ҳимоя карда метавонистанд. Зиёда аз ин, Зубайр бин Аввом, ки дар муҳорибаи уштур бо ҳазрати Алӣ муқобил буд, баъд аз боз ҳам дақиқтар санҷидану омӯхтани ҳодисаҳо, иҷтиҳодашро иваз кард. Аз муҳориба даст кашид. Ҳамин тавр, хаторо ҷоиз донистани олимони аҳли суннатро ин хел фаҳмидан лозим аст. Гуфтан ҷоиз нест, ҳазрати Алӣ ва ҳамроҳони ӯ дар роҳи ҳақ буданд ва дар тарафи муқобил волидаи азизамон Оишаи Сиддиқа ва дигар Асҳоби Киром дар роҳи ботил қарор доштанд.

Ин ихтилофҳои Асҳоби киром доир ба шохаҳои аҳкоми шаръӣ буд,

на дар бораи манбаъҳои Ислом. Дар ҳоли ҳозир баъзеҳо нисбат ба бузургони дин, мисли Муъовия ва ё Амр бин Ос (разияллоҳу анҳмо) забон дароз карда беэҳтиромӣ мекунанд. Онҳо намефаҳманд, ки ранҷонидани асҳоби киром баробари ранҷонидани Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Суханони Имоми Молик (“Онҳое, ки дар ҳаққи Муовия ва Амр бин Ос (разияллоҳу анҳумо)[11] бад мегӯянд, худашон сазовори он гапҳояшон ҳастанд”) дар **“Шифои Шариф”** оварда шудааст. Аллоҳу таъоло қалбҳоямонро бо меҳри Асҳоби Ҳабибаш пур гардонад. Ин бузургонро солеҳон ва муттақиён дӯст медоранд. Мунофиқон ва бадбахтон дӯст намедоранд.

[Онҳое, ки қадр ва бузургии асҳоби Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро мефаҳманд ва ҳамаашонро дӯст дошта, ба ҳамаашон эҳтиром доранд ва ба роҳи онҳо мераванд, **аҳли суннат** мегӯянд. Ва онҳоеро, ки баъзеашонро дӯст медоранд ва дигаронашонро дӯст намедоранд ва ҳамин тавр, дар роҳи ягон нафари онҳо нестанд, **рофизӣ** ва **шиа** меноманд. Рофизиҳо дар Эрон, Ҳиндустон ва Ироқ бисёранд. Дар Туркия вуҷуд надоранд. Баъзе аз инҳо, мусалмонони ватанамонро **алавиҳои** покро фиреб кардан мехоҳанд ва худро **алавӣ** меноманд. Аммо **алавӣ** ин дӯстдори Алӣ (разияллоҳу анҳ) мебошад. Барои як касро дӯст доштан, дар роҳи ӯ будан, дӯстдоштаҳои ӯро дӯст доштан лозим аст. Агар онҳо Алӣ (разияллоҳу анҳ)-ро дӯст медоштанд, ба роҳи ӯ мерафтанд. Алӣ (разияллоҳу анҳ) ҳама асҳоби киромро дӯст медошт. Ҳатто мушовир ва маслиҳатчии халифаи дуюм Умар (разияллоҳу анҳ) буд. Духтараш Умми Гулсумро (аз ҳамсараш Фотима (разияллоҳу анҳо) ба Умар хонадор кард. Дар хутба барои ҳазрати Муъовия чунин фармуд: “Бародаронатон аз мо ҷудо шуданд. Онҳо кофир ва ё фосиқ нестанд”. Вақте ки Талҳа (разияллоҳу анҳ), ки муқобили ӯ меҷангид, шаҳид шуд, аз рӯяш хокҳоро тоза кард ва намозашро худаш гузошт. Аллоҳу таъоло дар Қуръони Карим **таъкид мекунад, ки “Муъминон бародарони якдигаранд”**. Дар ояти охири сураи Фатҳ **якдигарашонро дӯст доштани Асҳоби киромро** хабар медиҳад. Аз асҳоби киром ҳатто якеашро дӯст надоштан ва душманӣ кардан барбари бовар накардан ба Қуръони Карим аст. Олимони аҳли суннат бузургии Асҳоби киром (разияллоҳу таъоло анҳум аҷмаъин) – ро нағз фаҳмида буданд. Ва ҳамашонро дӯст доштанамонро амр кардаанд. Ва бо ин роҳ

11 Муовия бин Абусуфён 60 (680-и мел.) дар Шом вафот кард. Амр бин Ос 43 (663-и мел.) дар Миср вафот кард.

мусалмононро аз фалокат наҷот додаанд.

Онҳоеро, ки аҳли байт, яъне Алӣ (разияллоҳу анҳ) ва тамоми аврлодашро, наслашро дӯст намедоранд, ва ба нури чашми аҳли суннат душманӣ меварзанд, **хориҷӣ** мегӯянд. Имрӯз бошад хориҷиҳоро **язидӣ** меноманд. Дин ва имони язидиҳо бисёр вайрон аст.

Онҳое, ки даъвои дӯст доштани ҳамаи Асҳоби киромро доранду дар роҳи онҳо нестанд ва фикрҳои вайрони худро "роҳи асҳоб аст" мегӯянд, **ваҳҳобиён** мебошанд. Ваҳҳобия бо фикрҳои вайроншудаи як инсони диндори бемазҳаб Аҳмад ибни Таймия ва бо дурӯғҳои омехташудаи як ҷосуси англис – Ҳемфер, ба вуҷуд омад. Ваҳҳобиҳо олимони аҳли суннат, бузургони тасаввуф ва шиаҳоро дӯст намедоранд ва онҳоро бад мекунанд. Танҳо худашонро мусалмон мешуморанд. Ва онҳоеро, ки мисли онҳо нестанд, мушрик мехонанд. Чунин мепиндоранд, ки молу ҷони инҳо ба ваҳҳобиҳо ҳалол аст. **Ибоҳӣ (ҳама чизро раво донистан)** шуда истодаанд. Аз Қуръони Кариму ҳадисҳои шариф маъноҳои нодуруст бароварда, мусалмониро ин гуна шарҳ дода истодаанд. Бисёре аз далелҳои шаръӣ ва ҳадисҳои шарифро инкор мекунанд. Гумроҳ шудан ва бар дини Ислом зарар овардани онҳое, ки аз олимони чаҳор мазҳаб - аз аҳли суннат ҷудо шудаанд, дар бисёре аз китобҳо бо васиқаҳо исбот шудааст. Барои боз ҳам маълумоти бештар гирифтан китобҳои туркии **Қиёмат ва охират, Саодати абадия** ва китобҳои арабии **Минҳат-ул- ваҳбия, ат-Тавассулу би-н-Набиййи ва би-с-солиҳин, Сабил-ун-наҷот** ва китоби форсии **Сайф-ул-аброр**ро хонед! Ин китобҳо ва бисёре аз китобҳои пурқиммат, ки ҳамчун раддия бар аҳли бидъат навишта шудааст, дар Истанбул аз тарафи **Нашриёти Ҳақиқат** ба чоп расидаанд. Дар ҷилди сеюми **Ибни Обидин**[12] ва дар китоби туркии **Неъмати ислом** дар баҳси никоҳ, ибоҳӣ будани ваҳҳобиҳо ошкоро гуфта шудааст. Аюб Сабрӣ Пошо[13] яке аз амирони Султон Абдулҳамидхони II, дар китобҳои **Миръот-ул-ҳарамайн** ва **Таърихи Ваҳҳобиён** ва Аҳмад Ҷавдот Пошо дар ҷилди ҳафтуми таърихи худ дар бораи ваҳоббиҳо бо забони туркӣ маълумоти муфассале навиштааст. Юсуф Набҳонӣ дар китоби арабии **Шавоҳид-ул-Ҳақ**, ки дар Миср ба табъ расидааст, ба ваҳҳобиҳо ва Ибни Таймия ҷавоби муфассал додааст. Панҷоҳ саҳифаи ин китоб, ки соли 1972 дар Истанбул ба забони арабӣ ба табъ расидааст, дар китоби **Олимони ислом ва ваҳҳобиҳо** ҷой гирифтааст.

12 Муҳаммад Амин ибни Обидин соли 1252 [1836 - мелодӣ] дар Шом вафот кардааст

13 Аюб Сабри Пошо соли 1314 [1890 - мелодӣ] вафот кардааст.

Аюб Сабрӣ Пошо (раҳимаҳумуллоҳ) мефармояд: “Ваҳҳобия соли 1205 [1791-и мелодӣ] дар нимҷазираи Арабистон бо инқилоби хунӣ ба майдон омадааст”. Паҳнкунандаи китобҳои ваҳҳобӣ ва бемазҳабӣ Муҳаммад Абдуҳи Мисрӣ аст. Китобҳои Абдуҳ байни ҷавонон ҳамчун китобҳои олимони бузурги ислом, ислоҳотхоҳон, равшанфикрон паҳн мешуд. Абдуҳ дар китобҳояш кушоду равшан аз яке аз масонҳо ва сардори Ҷамъияти Масонони Қоҳира - Ҷамолиддин ал Афғонӣ[14] ҳимоят мекард. Барои шикаст додани аҳли суннат, нобуд кардани ислом, душманони пинҳонии ислом дар либоси олимони дин даромада, бо суханони тиллоӣ мусалмониро таъриф карда, маккорона ин фитнаҳоро ҷорӣ карданд. Абдуҳ ба осмонҳо бароварда шуд. Олимони аҳли суннат ва имомони мазҳабҳоро ҷоҳил номиданд. Ҳатто номашон дигар ба забон оварда намешуд. Онҳое, ки хунашон фақат барои ислом рехта шуд, аҷдоди бузургворамон, ки ба хотири Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҷонашонро фидо намуданд, ҳамчунин насли нав ва асили шаҳидони бошаъну шарафамон ба ин ташвиқот ва рекламаҳое, ки ба онҳо миллионҳо маблағ сарф шудааст, фирефта нашуданд. Ҳатто ин қаҳрамонони сохтаи динро нашуниданд ва нашинохтанд. Худованд насли ин шаҳидонро аз ҳуҷумҳои аҳмақона ҳифз кард. Имрӯз ҳам китобҳои Мавдудӣ[15] Саййид Қутб[16] ва Ҳамидуллоҳ ва Ҷамоъати Таблиғ барин бемазҳабонро тарҷума карда, байни ҷавонон паҳн мекунанд. Мадҳу ситоише, ки дар ин тарҷумаҳо, рекламаҳои бузург омадааст, ба фармудаҳои олимони ислом мувофиқ нест. Аллоҳу таъоло ба ҳурмати ҳабибаш, пайғамбари дӯстдораш - Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мусалмононро аз хоби ғафлат бедор кунад. Аз дурӯғҳову ифтироҳои душманон нигаҳ дорад. Омин! Аммо танҳо бо дуо кардан набояд худамонро фиреб диҳем. Ба фармудаҳои Аллоҳу таъоло итоат накардан, сабабҳоро риоя накардан, кор накарда дуо кардан, мисли аз Аллоҳу таъоло муъҷиза хостан аст. Мусалмонӣ ҳам талош кардан ва ҳам дуо кардан аст. Аввал сабабҳоро риоя карда, баъд дуо кардан лозим аст. Сабаби якуми аз куфр раҳо шудан, таълимоти исломро омӯхтан ва омӯзондан аст. Бе ин ҳам, омӯхтани эътиқоди аҳли суннат ба занон, мардон ба ҳама фарз аст. Яъне вазифаи аввалиндараҷа аст. Имрӯзҳо инҳоро омӯхтан бисёр осон аст. Чунки навиштан ва нашр

14 Ҷамолиддин ал Афғонӣ соли 1314 [1897 - мелодӣ] вафот кардааст.

15 Мавдудӣ - муассиси Ҷамоат-ул-исломия дар Ҳиндустон буд. Соли 1399 [1979-и мелодӣ] вафот кардааст.

16 Саййид Қутб соли 1386 [1966-и мелодӣ] дар Миср вафот кардааст.

кардани китобҳои дурусти динӣ озод аст. Барои давлате, ки ин озодиро ба мусалмонон додааст, ҳар як мусалмон бояд ёрӣ расонад.

Онҳое, ки эътиқоди аҳли суннат ва илми ҳолро намеомӯзанд ва ба кӯдакони худ намеомӯзонанд, дар онҳо хавфи аз мусалмонӣ ҷудо шудан ва дар фалокати куфр афтидан вуҷуд дорад. Дуоҳои ин гуна одамон қабул ҳам намешавад, ки худро аз куфр наҷот диҳанд. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: **“Дар ҷое, ки илм ҳаст, мусалмонӣ ҳаст. Дар ҷое ки илм нест, мусалмонӣ боқӣ намемонад”.** Чуноне, ки барои намурдан хӯрдан, нӯшидан лозим аст, барои ба доми кофирон наафтидан, барои аз дин хориҷ нашудан ҳам, дину имонро омӯхтан лозим аст. Аҳдодамон ҳамеша якҷоя шуда, китобҳои илми ҳолро хонда, динашонро меомӯхтанд. Танҳо бо ин роҳ мусалмон боқӣ мондаанд. Завқи Исломро дарёфтаанд. Нури ин саодатро ба мо дуруст оварда расонидаанд. Мо ҳам барои мусалмон монданамон, барои он ки фарзандонамон ба кофирони даруниву берунӣ нагараванд, аввалин чора ва аз ҳама муҳим, ин аст, ки китобҳои илми ҳоли аҳли суннатро хонем ва омӯзем. Модару падаре, ки мусалмон будани фарзандашонро мехоҳанд, ба ӯ бояд Қуръонро омӯзонанд. То вақте ки фурсат дорем, хонем, омӯзем ва ба фарзандонамон ва ба наздиконамон омӯзонем. Баъди ба мактаб рафтанашон омӯхтан мушкил мешавад. Ҳатто ғайриимкон аст. Пушаймонии баъдӣ душмани инсон мешавад. Ба душманону зиндиқони Ислом, китобҳои ороишдодашуда, газетаву маҷмуаҳо, телевизиону радиоҳояшон набояд фиреб хӯрд. Ибни Обидин (раҳимаҳуллоҳу таъоло) дар ҷилди сеюм мефармояд: “Кофироне, ки ба ягон дин бовар надоранд, аммо зоҳиран худро мусалмон вонамуд карда, чизҳоеро, ки ба куфр сабаб мешаванд, мусалмонӣ гуфта мефаҳмонанд, **зиндиқ** меноманд”.

Савол: Касе, ки китобҳои тарҷумашудаи бемазҳабонро хондааст, мегӯяд: “Тафсири Қуръони Каримро бояд хонем. Динамонро, фаҳмиши Қуръони Каримро ба олимони дин гузоштан нодуруст ва хатарнок аст. Қуръони Карим “Эй олимони дин” гуфта хитоб намекунад. “Эй инсонҳо”, “Эй касоне, ки имон овардед” гуфта хитоб мекунад. Барои ҳамин, ҳар як мусалмон Қуръони Каримро худаш бояд фаҳмад ва аз дигарон интизор набошад.

Ин шахс мехоҳад, ки ҳама тафсиру ҳадис хонанд. Аммо китобҳои калом, фиқҳ ва илми ҳоли олимони Ислом ва бузургони аҳли суннатро тавсия намедиҳад. Китоби нашркардаи Раиси Кумитаи Дин Рашид Ризои

Мисрӣ[17] ҳам, ки соли [1974-мелодӣ] таҳти рақами 157 бо номи "**Ягонагӣ ва мазҳабҳои фиқҳӣ дар Ислом"** хонандаҳоро дар ҳайрат гузошт. Дар бисёре аз ҷойҳои ин китоб масалан, дар суханронии шашум мегӯяд:

(Имомони муҷтаҳидро ба пайғамбарон (салаватуллоҳу таъоло алайҳим ва саллам) баробар кардаанд. Ҳатто сухани муҷтаҳидеро, ки ба ҳадис пайравӣ намекунад тарҷеҳ дода, ҳадисро нақз кардаанд. Гуфтаанд, ки "Эҳтимол ин ҳадис мансухшуда бошад ва ё дар назди имомамон ҳадиси дигаре мавҷуд бошад".

Ин тақлидкорҳо бо суханони онҳое, ки дар ҳукм хато карданашон ва надонистанашон ҷоиз аст, амал карда, бо тарк кардани ҳадиси Пайғамбар, ки орӣ аз хатост, аз тақлиди муҷтаҳидон ҳам берун мешаванд. Онҳо ба ин назаранд, ки ғайр аз имоми муҷтаҳид касе Қуръонро намефаҳмад. Яқин аст, ки ин суханони донандагони фиқҳ ва дигар тақлидкорон аз яҳудиён ва насрониҳо интиқол ёфтааст. Ҳол он ки фаҳмидани Қуръону ҳадис аз фаҳмидани китобҳои навиштаи фақеҳон осонтар аст. Онҳое, ки калима ва услубҳои забони арабиро хуб дарк мекунанд, барои фаҳмидани Қуръону ҳадис мушкилӣ намекашанд. Қодир будани Аллоҳу таъолоро барои кушоду равшан фаҳмондани дини худаш кӣ инкор карда метавонад? Муроди Аллоҳу таъолоро аз ҳар каси дигар хубтар фаҳмидан ва фаҳмондани Расулуллоҳро кӣ инкор карда метавонад? Фаҳмонданҳои ҳазрати Пайғамбар бар уммат кифоя нест гуфтан маънои онро дорад, ки эшон вазифаи таблиғашонро пурра адо накардаанд. Агар бисёре аз одамон Қуръони Карим ва суннатро намефаҳмиданд, Худованд онҳоро ба иҷрои ҳукмҳои дар Китоб ва сунната омада мукаллаф намесохт. Инсон чизҳоеро, ки ба он бовар дорад, бояд бо далелҳо биомӯзад. Худованд тақлидкоронро дӯст намедорад. Тақлид ба падару бобоҳоро низ маъзур надонистаанд. Оятҳо нишон медиҳанд, ки тақлид дар назди Аллоҳ ҳаргиз мақбул набуд. Фаҳмидани қисми ҷузъҳои дин бо далелҳо аз фаҳмидани қисми имон осонтар аст. Вақте ки вазифаҳои душворро гузоштааст, чӣ гуна ба осонаш ҳукм накунад? Ҳукмҳои баъзе ҳадисҳои нодирро баровардан душвор бошад ҳам, инҳоро надонистан ва иҷро накардан узр ҳисоб мешавад. Фақеҳон баъзе масъалаҳоро аз худашон эҷод кардаанд. Барои инҳо ҳукмҳо баровардаанд. Барои инҳо раъй, қиёси ҷалӣ, қиёси хафӣ барин чизҳоро далел оварданд. Инҳо ба ибодатҳое дохил мешаванд, ки бо воситаи

17 Рашид Ризо шогирди Муҳаммад Абдуҳ мебошад. Соли 1354 [1935-и мелодӣ] вафот кардааст.

ақл маълумот додан дар бораи онҳо номумкин аст. Ҳамин тавр, динро васеъ карда чанд маротиба зиёд намуданд.Мусалмононро дар кулфат андохтанд. Ман қиёсро инкор намекунам. Дар майдони ибодат қиёс вуҷуд надорад. Масъалаи имон ва ибодатҳо дар замони Пайғамбар ҳаллу фасл шудааст. Ҳеҷ кас ба инҳо илова карда наметавонад. Имомони муҷтаҳид тақлидро манъ кардаанд, онро ҳаром гуфтаанд.)

Навиштаҳое, ки аз китоби "Ягонагӣ ва мазҳабҳои фиқҳӣ дар Ислом"-и Рашид Ризои бемазҳаб овардем, мисли китобҳои дигар бемазҳабон тақлид кардани имомони чаҳор мазҳабро манъ кардааст. Ҳамаро ба омӯхтани тафсир ва ҳадис амр мекунад. Ба ин чӣ мегӯед?

Ҷавоб: Агар навиштаҳои ин бемазҳабонро бодиққат назар кунем, мебинем, ки бо калимаҳои зебову дилнишин мусалмононро фиреб кардаанд. Ҷоҳилон ба ин навиштаҳо аз рӯи фаҳмиши худ бовар мекунанд. Онҳое, ки илм ва назари мустаҳкам доранд, ҳаргиз ба домаи инҳо намеафтанд.

Олимони Ислом (раҳимаҳумуллоҳу таъоло) чаҳордаҳ аср аст, ки барои огоҳ кардани ҷавонон аз фалокату таҳлукаҳои ин бемазҳабон, ки мусалмононро ба фалокати абадӣ дучор мекунанд, ҳазорҳо китобҳои пурқиммат навиштаанд. Ҳамчун ҷавоби саволи боло як миқдор тарҷумаи саҳифаи ҳафтсаду ҳафтоду якуми китоби **"Ҳуҷҷатуллоҳи ала-л-оламин"** – и Юсуф Набҳониро[18] мувофиқ донистем:

Аҳком баровардан аз Қуръони Карим кори ҳар кас нест. Ҳатто имомони муҷтаҳид ҳам ҳама аҳкоми Қуръони Каримро бароварда наметавонанд. Аз ҳамин сабаб, Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аҳкоми Қуръони Каримро бо ҳадисҳо шарҳ додаанд. Чӣ тавре ки Қуръонро танҳо Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фаҳмондаанд, ҳадисҳои шарифро ҳам танҳо Асҳоби Киром ва имомони муҷтаҳид фаҳмида ва фаҳмонда тавонистаанд.

Барои инро фаҳмидан, Аллоҳу таъоло имомони муҷтаҳидро илмҳои ақлӣ ва нақлӣ, қувваи идрок, зеҳни тез ва ақли даррок ва бисёр чизҳои дигар додааст. Дар сари ин ҳама корҳои бузург тақво меистад. Баъд аз ин нури илоҳии қалбоҳо меояд. Имомони муҷтаҳидамон бо ёрии ин бартариҳо аз каломи Аллоҳу таъоло ва Расулуллоҳ муроди онҳоро фаҳмиданд ва он чизҳоеро, ки нафаҳмиданд, бо **(Қиёс)** баён намуданд. Имомони чаҳор мазҳаб, ҳар кадомашон ба муридон ва пай-

18 Юсуф Набҳонӣ соли 1350 [1932-и мелодӣ] дар Бейрут вафот кардааст.

равонашон гуфтаанд: “Агар ҳадиси саҳеҳеро шунидед, сухани маро як тараф гузоред ва аз Расулуллоҳ пайравӣ кунед”. Имомони мазҳаб ин суханонро ба олимони мисли худашон муҷтаҳид гуфтаанд. Ин олимон далелҳои чаҳор мазҳабро медонистанд ва беҳтарини онҳоро шинохта метавонистанд. Ин олимони муҷтаҳид далели иҷтиҳоди имомони мазҳабро бо санадҳо, далелҳо, ровиён ва шартҳои дигари ҳадисҳои саҳеҳи нав омӯхтаашон муқоиса карда, беҳтар будани кадоме аз онҳоро муайян карда метавонанд. Имоми муҷтаҳид дар ҳоле, ки ҳадиси шариф дар ин масъала дастраси ӯ нашуда бошад, онро бо роҳи қиёс ҳукм мекунад. Баъдтар муридонаш он ҳадиси шарифро меомӯзанд ва дигар хел ҳукм мекунанд. Аммо ин муридон барои ингуна иҷтиҳод карданашон аз қоидаҳои имоми мазҳаб намебароянд. Муфтиёни муҷтаҳиди баъдӣ ҳам ин гуна фатво додаанд. Аз ҳамаи ин навиштаҳо чунин бармеояд, ки мусалмононе, ки ба имомони чаҳор мазҳаб ва муҷтаҳидоне, ки дар мазҳабҳои онҳо ба воя расидаанд, тақлид мекунанд, ба ҳукмҳои Аллоҳу таъоло ва Расулуллоҳ тобеъ ҳастанд. Ин муҷтаҳидон ҳукмҳоеро, ки дигарон аз Қуръони Карим ва ҳадисҳои шариф намефаҳманд, фаҳмида, маълум карда ба дигарон расонидаанд. Мусалмонон бошанд, аз китобу суннат муайянкардаҳои онҳоро пайравӣ кардаанд. Чун дар сураи Наҳл, ояти чилу сеюм ба ин маънӣ меояд: **”Агар надонед, аз онҳое, ки медонанд, пурсед!”**

Аз ин ояти карима бармеояд, ки ҳар кас Китоб ва Суннатро фаҳмида наметавонад. Аммо маънои онро ёфта метавонад. Онҳое, ки намефаҳманд, барои бевосита фаҳмидан аз Қуръони Карим ва Суннат кӯшиш накунанд, балки бояд аз олимоне, ки мефаҳманд, пурсанд. Агар Қуръони Карим ва ҳадисҳои шарифро ҳама дуруст фаҳмида метавонист, ҳафтоду ду фирқаи нодуруст пайдо намешуд. Асосгузори ҳамаи ин фирқаҳо олим буданд, фақат ҳеҷ кадомаш нас(с), яъне Қуръону ҳадисро дуруст фаҳмида натавонисанд ва аз роҳи рост берун шуданд. Аз тарафи дигар, сабаби ба ҳалокат андохтани миллионҳо мусалмон гардиданд. Он қадар дар маъникушоии нодурусти Қуръон ва ҳадис аз ҳад гузаштанд, ки мусалмонони дар роҳи рост бударо мушрик, кофир мегуфтанд. Дар китоби ваҳҳобиён бо номи **“Кашфу-ш-шубуҳот”**, ки ба Туркия бо роҳи махфӣ овардаанд, куштани аҳли суннат ва ба яғмо бурдани молҳои онҳоро раво донистаанд.

Аллоҳу таъоло бунёдгузории мазҳаб, иҷтиҳод кардани имомони мазҳаб ва дар ин мазҳабҳо муттаҳид гардидани ҳамаи мусалмонон-

ро танҳо ба уммати Пайғамбари дӯстдоштаамон (саллаллоҳу таъоло алайҳи ва саллам) эҳсон кардааст. Ҳақ таъоло чӣ хеле ки бо офаридани имомони аҳли эътиқод, ба зиндиқону мулҳидон ва шайтонҳои инсонсурат дар мавриди вайрон кардани эътиқоду имон монеа шудааст, бо офаридани имомони мазҳабҳо ҳам, динро аз вайроншавӣ муҳофизат кардааст. Аз сабабе, ки дар масеҳият ва яҳудият ин неъмат ба чаш намерасид, динҳояшон вайрон гардида ба бозича табдил ёфтаанд.

Ҳамаи олимони ислом муттафиқ ба он буданд, ки чаҳор сад сол баъд аз вафоти Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) олимони бузурги муҷтаҳид нахоҳанд монд. Яъне агар дар ҳоли ҳозир касе даъвои иҷтиҳод кардан дошта бошад, ё аз ақл бегона аст ва ё ҷоҳиле беш нест. Олими бузург Ҷалолиддини Суютӣ (раҳимаҳуллоҳу таъоло)[19] ба дараҷаи иҷтиҳод баромаданашро баён карда буд. Олимони замонаш аз ӯ масъалаеро пурсиданд, ки ду ҷавоби гуногун дошт. Аз ӯ пурсида шуд, ки кадомаш беҳтар аст. Ҷавоб дода натавонист. Гуфт, ки кораш зиёд аст ва барои ин кор вақт ҷудо карда наметавонад. Ҳол он ки саволи аз ӯ пурсидашуда танҳо дар фатво иҷтиҳод кардани ӯ буду бас. Ва он дараҷаи аз ҳама поёни иҷтиҳод аст. Агар як имоми бузурге ба мисли Суютӣ аз иҷтиҳод дар фатво гурезад, ононе, ки мусалмононро ба иҷтиҳоди мутлақ меандозанд, девона ва ё ҷоҳил набошанд, пас кистанд? Имоми Ғазолӣ (раҳималлоҳу таъоло)[20] дар замони худ муҷтаҳид набуданашро дар китоби **“Эҳёу-л-улум”** баён кардааст.

Як мусалмоне, ки муҷтаҳид нест, агар ҳадиси саҳеҳе омӯзад, вале ба ҳукми имоми мазҳаб амал карданаш душвор бошад, ҳукми муҷтаҳидонеро, ки мувофиқ ба ин ҳадис иҷтиҳод кардаанд, ҷӯстуҷӯ карда ёфтанаш лозим аст. Ва ин корро мувофиқи он мазҳаб анҷом доданаш ҳам зарур аст. Олими бузург Имоми Нававӣ (раҳимаҳуллоҳу таъоло)[21] дар китоби **“Равзату-т-толибин”** ин масъаларо батафсил баён кардааст. Зеро ба онҳое, ки ба дараҷаи иҷтиҳод нарасидаанд, аз Китоб ва Суннат баровардани аҳком ҷоиз нест. Ҳоло баъзе ҷоҳилон даъво доранд, ки ба дараҷаи иҷтиҳоди мутлақ расидаанд, яъне аз нас(с), Қуръону суннат аҳком бароварда тавониста, ба тақлиди чаҳор мазҳаб эҳтиёҷ набуданашро баён мекунанд. Ва мазҳаберо, ки солҳо боз ба он пайравӣ мекарданд, тарк карда истодаанд. Бо фикрҳои вай-

19 Суютӣ Абдурраҳмон, соли 911 [1505 – и мелодӣ] дар Миср вафот кардааст.

20 Имоми Муҳаммад Ғазолӣ соли 505 [1111 – и мелодӣ] дар шаҳри Тӯс вафот кардааст.

21 Яҳё Нававӣ соли 676 [1277 – и мелодӣ] дар Шом вафот кардааст.

рони худ барои мазҳабҳоро аз байн бурдан талош ҳам мекунанд. “Ба райъҳои худамон барин шахсони аҳли дин итоат мекунем” ва монанди ин дигар чизҳои ҷоҳилонаву аҳмақона низ мегӯянд. Бо таҳрики васвасаву нафсҳои шайтон бартар будани хуро иддао мекунанд. Бо ин суханҳояшон на ин ки бартарияташон, балки аҳмақӣ ва пастияшонро нишон медиҳанд. Дар байни онҳо касоне ҳам ҳастанд, ки мегӯянд: “Ҳама тафсир бояд хонад, аз тафсир ва ҳадиси Бухорӣ бояд ҳукм барорад”. Бародарони мусалмон!!! Аз дӯстӣ бо ин гуна аҳмақҳо бипарҳезед, аз онҳоро шахсони дин гумоштан ва аз китобҳои онҳоро хондан парҳез кунед! Ба имомони мазҳабҳо бипайвандед! Аз чаҳор мазҳаб кадомеашро, ки хоҳӣ, интихоб карда метавонӣ. Фақат осониҳои мазҳабҳоро ҷӯстуҷӯ кардан, яъне **талфиқ** кардан, ҷоиз нест. [**(Талфиқ)** ин осониҳои мазҳабҳоро ҷамъ карда, як кореро кардан аст, ки ба ягон мазҳабҳо мувофиқ нест. Вақти як корро кардан, баъди мувофиқ кардани он ба яке аз чаҳор мазҳаб, яъне ин кор мувофиқи ин мазҳаб саҳеҳ буданаш, инчунин зарур аст, ки барои ҳар се мазҳаби дигар ҳам саҳеҳ ва мақбул бошад ва ба чизҳои даркорӣ мувофиқ ояд. Инро **(Тақво)** мегӯянд, ки савоби бисёр дорад].

Як мусалмоне, ки ҳадисҳои шарифро хонда, фаҳмида метавонад, аввалан ҳадисҳоеро, ки далелҳои мазҳаби худаш ҳастанд, бояд омӯзад. Баъдан, корҳоеро, ки ин ҳадис ситоиш кардааст, анҷом диҳад ва аз корҳое, ки манъ кардааст, парҳез кунад. Бузургиву қимати дини Ислом, камолоти номҳову сифатҳои Аллоҳу таъоло ва ҳаёт, фазилатҳо ва муъҷизаҳои Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), дунё, охират, ҳоли Биҳишт ва Дӯзах, малоикаҳо, ҷинҳо, умаматон ва китобҳои пайғамбарони гузашта, Қуръони Карим ва бартариҳои Расулуллоҳ ва Олу Асҳобашонро (ризвонуллоҳу таъоло алайҳим аҷмаъин), аломатҳои қиёмат ва инчунин бисёр маълумотҳои вобаста ба дунё ва охиратро бояд омӯзад. Дар ҳадисҳои шарифи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳама маълумотҳо вобаста ба дунёву охират ҷамъоварӣ шудааст.

Баъд аз ин навиштаҳоямон маълум мегардад, ки онҳое, ки бефоида будани ҳукмҳои динии аз ҳадисҳои шариф баровардаи муҷтаҳидонро иддао доранд, чӣ қадар ҷоҳил ҳастанд. Дар байни миллионҳо маълумотҳое, ки дар ҳадисҳои шариф зикр гардидаанд, ҳадисҳое, ки ибодатҳо ва муомилотро баён кардаанд, хеле каманд. Мувофоқи гуфтаи баъзе олимон адади ин гуна ҳадисҳо ба панҷсад мерасад. [Агар такрор ёфтани онҳоро ҳам ҳисоб кунем, шумораи онҳо аз се ҳазор зиёд нахоҳад буд].

Аз миёни ин қадар ҳадиси кам, ҳадиси саҳеҳеро нашунидани ҳар чаҳор имомони мазҳаб, имконнопазир аст. Ҳадисҳои саҳеҳро, ҳадди ақал яке аз имомони чаҳор мазҳаб ҳамчун далел истифода бурдаанд. Як мусалмоне, ки кораш ба ҳадиси саҳеҳе дар мазҳаби худаш мувофиқ намеояд, ба мазҳаби дигаре ки дар ин ҳадис иҷтиҳод кардаанд, пайравӣ карда он корро анҷом доданаш лозим. Имоми мазҳаби худаш ҳам, шояд ин ҳадиси шарифро шунида бошад, аммо аз ҳадиси саҳеҳтаре ва ё ҳадиси наве, ки ҳадиси якумро мансух (бекор) кардааст, пайравӣ мекунад. Ва ё аз рӯи сабабҳои дигаре, ки муҷтаҳидон медонанд, ин ҳадисро ҳамчун далел нагирифтааст. Мусалмоне, ки ин ҳадисро мешунавад, ҳукми пайравӣ накардан ба ин ҳадисро гузошта, ин ҳадисро пайравӣ карданаш беҳтар аст. Ин шахс бояд аз мазҳабе, ки аз ин ҳадис ҳукм баровардааст, пайравӣ кунад. Чунки имоми он мазҳаб аз далелҳои аҳком надонистаҳои вайро дониста, ба амал кардани он ҳадис ягон монеа вуҷуд надоштанашро дарк кардааст. Бо баробари ин, ин амалро дар мазҳаби худ эълон карда, анҷом доданаш ҳам ҷоиз аст. Чунки ин гуна иҷтиҳод кардани имоми мазҳаб, маънои онро дорад, ки ба ягон далели боқувват такя кардааст. Ислом надонистани ин далелҳоро аз тарафи муқаллидон, узр намешуморад. Чунки ягон нафар аз имомони чор мазҳаб дар иҷтиҳод кардан аз Қуръону Суннат аз ҳам ҷудо нашудаанд. Мазҳаби инҳо шарҳи Китобу Суннат аст. Маъноҳо ва ҳукмҳои Китобу Суннатро ба мусалмонҳо шарҳ додаанд. Ба дараҷае, ки онҳо мефаҳманд, фаҳмонда дар китобҳо овардаанд. Корҳои имомони мазҳаб (раҳимаҳумуллоҳу таъоло) барои дини Ислом он қадар хизмати бузург аст, ки агар ёрии Аллоҳу таъоло намебуд, барои анҷоми ин амал қувваи инсон кифоят намекард. Ин мазҳабҳо пайғамбари ҳақ будани Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва саҳеҳ будани исломро баён карда, яке аз васиқаҳои пурқувваттарин ба шумор меравад.

Дар иҷтиҳоди имомони динамон фарқиятро танҳо дар масъалаҳои ҷузъии дин, яъне дар масъалаҳои фиққӣ мебинем. Дар усули дин, яъне дар имону эътиқод ҳеҷ фарқияте нест. Далелҳои зарурӣ дар динро бо тавотур баён дошта, дар маълумотҳои фуруи дин, ки аз ҳадисҳои шариф гирифта шудааст, фарқ ва ё ихтилоф вуҷуд надорад. Дар фуруи дин, дар баъзе масъалаҳо фарқияте вуҷуд дошта бошад, бар асоси фаҳмиши пурқувватии далелҳо ба миён омадааст. Ин фарқиятҳои кӯчак ҳам барои уммат раҳмат аст. Барои мусалмонҳо пайравӣ аз кадом мазҳаберо, ки хоҳанд ва барояшон осон аст, ҷоиз мебошад. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин фарқиятҳоро пешакӣ хабар додаанд ва ҳамин тавр ҳам шудааст.

Дар Қуръони Карим ва ҳадисҳои шариф дар масъалаҳои эътиқод, ки кушоду равшан шарҳ дода шудаанд, яъне дар масъалаҳои боварӣ ва фиқҳӣ ичтиҳод кардан ҷоиз нест. Ин амал ба гумроҳӣ ва харобӣ роҳ мекушояд. Гуноҳи бузург мешавад. Дар масъалаҳои эътиқод танҳо як роҳи дуруст вуҷуд дорад. Ин ҳам, мазҳаби **(Аҳли Суннат ва Ҷамоат)** аст. Дар ҳадиси шариф ихтилофе, ки ҳамчун раҳмат ёд шудааст, дар фуруъ, яъне дар аҳком мебошад.

Дар масъалае, ки ҳукмҳои амали чаҳор мазҳаб фарқ мегузорад, аз байнашон ҳукми танҳо яктоаш дуруст аст. Барои онҳое, ки ин ҳукмро пайравӣ мекунанд, ду савоб ва барои онҳое, ки ҳукми нодурустро пайравӣ мекунанд, як савоб аст. Раҳмат будани мазҳабҳо, ин як мазҳабро тарк карда, дар амал ҷоиз будани ба ҳукмҳои дигар мазҳаб пайравӣ кардан аст. Фақат ғайри ин чаҳор мазҳаб, мазҳабҳое, ки аз аҳли суннат ҳастанд, ҳатто Асҳоби Киромро пайравӣ кардан низ ҷоиз нест. Чунки мазҳабҳои онҳо дар китобҳо наомадаанд ва фаромӯш шудаанд. Ба ҷуз пайравӣ аз чаҳор мазҳаб дигар роҳе ҳам намондааст. Ҷоиз набудани пайравӣ аз асҳоби киромро бо мувофиқати олимони ислом Имоми Абубакри Розӣ (раҳимаҳуллоҳу таъоло)[22] ҳам хабар додааст. Касоне, ки бартарии мазҳабҳо ва муҷтаҳидон, махсусан чаҳор мазҳаб, аз Китобу Суннат берун набаромадани мазҳабҳо ва ҳукмҳои бо иҷмоъ ва қиёс баёндоштаи онҳо райъҳои худашон набуда, балки аз Китобу Суннат гирифта шудани онҳоро фаҳмидан мехоҳанд, ба онҳо хондани китобҳои **“Мизон-ул-кубро”** ва “**Мизон-ул-хидрия”-**и Имоми Абдулваҳҳоби Шаъронӣ (раҳимаҳуллоҳу таъоло)-ро тавсия медиҳем. Тарҷумаи китоби **“Ҳуҷҷатуллоҳи алалоламин”** дар инҷо ба поён расид. Ҳама навиштаҳои боло аз забони аслии арабӣ тарҷума шудааст. Чӣ хеле ки дар ҳамаи навиштаҳоямон омадааст, иловаҳо аз дигар китобҳо дар қавси кунҷдор гирифта шудааст. Ҳамин тавр, ин аломат иловаҳоямонро аз навиштаҳои аслии китоб фарқ мегузорад. Навиштаи аслии арабии боло, китоби **“Ҳуҷҷатуллоҳи алалоламин”** соли 1394 [1974-и мелодӣ] ба таври офсет дар Истанбул нашр шудааст.

“*Дар Қуръони Карим олимони дин наомадааст”* дуруст нест. Оятҳои куногуни карима олимон ва илмро тавсиф мекунад. Ҳазрати Абдулғанӣ Наблусӣ дар китоби **“Ҳадиқа”** мефармояд:

Дар ояти ҳафтуми сураи Анбиё ба ин маънӣ омадааст: “**Надонистаҳоятонро аз соҳибони зикр бипурсед!”** Зикр ба маънои илм аст.

22 Абубакр Аҳмади Розӣ соли 370, [980-и мелодӣ] вафот кардааст.

Ин оят онҳоеро, ки намедонанд, ба ёфтан ва пурсидани олимон амр мекунад. Дар ояти ҳафтуми сураи Оли Имрон ҳам ба ин маънӣ омадааст: “**Маънои оятҳои муташобеҳро танҳо соҳибони илм мефаҳманд”** ва дар ояти ҳаждаҳум ба ин маънӣ омадааст: **“Вуҷуд ва ягонагии Аллоҳу таъолоро соҳибони илм мефаҳманд ва баён мекунанд”** ва дар сураи Қасас ояти ҳаштоду як ба ин маънӣ зикр гардидааст: **“Соҳибони илм ба онҳо, вой бар шумо! Ба онҳое, ки имон овардаанд ва амали солеҳ анҷом додаанд, савоби додаи Аллоҳу таъоло аз неъматҳои дунё дида беҳтар аст”.** Дар сураи Рум ояти панҷоҳу шашум ба ин маънӣ зикр гардидааст: **“То замоне, ки соҳибони илм ва имон дар дунёянд, рӯзи қиёмате, ки инкор мекардед, имрӯз аст мегӯянд”,** сураи Исро ояти саду ҳаштум ба ин маънӣ **“Вақте ки соҳибони илм Қуръони Каримро мешунаванд, саҷда мекунанд ва мегӯянд, ки дар Офаридгорамон ҳеҷ нуқсе нест. Ӯ аз ваъдааш намегардад”.** Дар сураи Ҳаҷ ояти панҷоҳу чор ба ин маънӣ **“Соҳибони илм каломи Аллоҳу таъоло будани Қуръони Каримро мефаҳманд”,** дар сураи Анкабут ояти панҷоҳ ба ин маънӣ **“Қуръони Карим дар қалби соҳибони илм ҷой гирифтааст”** ва дар сураи Сабаъ ояти шашум “**Соҳибони илм каломи Аллоҳ будани Қуръони Карим ва ба ризои Аллоҳу таъоло расониданашро медонанд”** ва дар сураи Муҷодала ояти ёздаҳум ба ин маънӣ **“Дар ҷаннат ба соҳибони илм дараҷаҳои баланд дода мешавад”** ва дар сураи Фотир ояти бисту ҳафтум ба ин маънӣ **“Аз Аллоҳу таъоло танҳо соҳибони илм метарсанд”** ва дар сураи Ҳуҷурот ояти чаҳордаҳум ба ин маънӣ “**Аз ҳама бахайртаринатон онест, ки аз Аллоҳу таъоло бисёр метарсад”.**

Дар ҳадиси шариф, саҳифаи сесаду шасту панҷи китоби **“Ҳадиқа”** омадааст, ки **“Аллоҳу таъоло ва малоикаҳо ва ҳар як ҷондор ба инсонҳое хубӣ меомӯзонанд, дуо мекунанд”** ва **“Рӯзи қиёмат, аввал пайғамбарон ва баъд олимон ва баъд шаҳидон шафоат карда мешаванд”** ва **“эй инсонҳо, бидонед, ки илм аз олимон шунавида ва омӯхта мешавад” .“Илм омӯзед! Илм омӯхтан ибодат аст”. “Ба оне, ки илм меомӯзад ва меомӯзонад, савоби дараҷаи ҷиҳод ҳаст, Илм омӯзондан ба мисли садақа додан аст”. Аз олим илм омӯхтан мисли намози таҳаҷҷуд хондан аст”.** Соҳиби китоби фатвои “**Хулоса”** Тоҳири Бухорӣ (раҳималлоҳу таъоло)[23] мегӯяд, ки “Хондани китоби фиқҳ, аз шабҳо намоз хондан беҳтар аст”. Чунки аҳкоми фарзҳо,

23 Тоҳири Бухорӣ соли 542, [1147 – и мелодӣ] даргузаштааст.

ҳаромҳоро [аз олимон ва ё аз китобҳои навишташуда] омӯхтан фарз аст. Китобҳои фиқҳро барои худ ва барои дигарон омӯхтан аз хондани намози тасбеҳ беҳтар аст. Ҳадиси шариф мефармояд: **“Илм омӯхтан аз ҳама ибодатҳои нофила беҳтар аст. Чунки ба худ ва ба дигарон ҳам фоидааш мерасад”** ва **“Он касе, ки барои ба дигарон омӯзондан худ меомӯзад, савоби сиддиқинро ба даст меорад”.** Дини Ислом танҳо аз устодон ва китобҳо омӯхта мешавад. Онҳое, ки роҳбар ва ё китобҳоро лозим намедонанд, дурӯғгӯ ва зиндиқанд. Онҳо мусалмононро фиреб медиҳанд ва ба ҳалокат меандозанд. Маълумотҳои китобҳои динӣ ҳама аз Қуръони Кариму ҳадисҳои шариф гирифта шудаанд. Тарҷумаи **“Ҳадиқа”**[24] ба итмом расид.

Аллоҳу таъоло Расулашро барои Қуръони Каримро таблиғ кардан фиристод. Асҳоби Киром маълумотҳои Қуръони Каримро аз Расулуллоҳ омӯхтанд. Олимони дин бошанд аз асҳоби киром омӯхтанд. Ва дигар ҳама мусалмонон аз ин олимони дин ва аз китобҳои онҳо омӯхтанд. Дар ҳадиси шариф чунин омадааст: **“Илм хазина аст. Калидаш бошад пурсидан ва омӯхтан аст” в**а “**Илм омӯзед ва омӯзонед!”** ва инчунин **“Ҳама чиз сарчашма дорад. Сарчашмаи тақво қалбҳои орифонанд”** ва дар дигар ҷо чунин омадааст: **“Илм омӯзондан каффорати гуноҳҳост”.**

Имоми Раббонӣ (раҳматуллоҳу алайҳи) дар мактуби саду наваду сеюми ҷилди якуми китоби **“Мактубот”** менависад: “Барои як инсони **(мукаллаф)** (касе ки боақл ва болиғ аст), пеш аз ҳама лозим аст, ки аввал имон ва баъдан эътиқодашро дуруст кунад. Яъне маълумотҳои ақоиди навиштаи аҳли суннатро омӯхта, мувофиқи онҳо бовар кунад. Аллоҳу таъоло ба корҳои он олимони бузург савоби бузург ато намояд. Онҳое, ки аз ҷаҳаннам наҷот меёбанд, танҳо онҳое ҳастанд, ки дар роҳи он бузургон мераванд.[Онҳоеро, ки дар роҳи онҳо мераванд, **(Суннӣ)** мегӯянд]. Касоне, ки дар роҳи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва асҳоби киром (ризвонуллоҳу алайҳим аҷмаъин) мераванд, танҳо инҳо ҳастанд. Дар байни маълумотҳое, ки аз Китоб, яъне Қуръони Карим ва Суннат, яъне ҳадиси шариф бароварда мешаванд, пурқиммат ва дурусташ танҳо маълумотҳое ҳастанд, ки ин олимони бузург аз Китобу Суннат фаҳмидаанд ва гуфтаанд. Чунки ҳар як соҳиби бидъат, яъне ҳар як ислоҳотхоҳ ва ҳар **(мунҳариф)** ва бемазҳаб бо фикрҳои нопок ва ақли кутоҳи худ аз Китобу Суннат маънӣ барме-

24 Муаллифи Ҳадиқа, Абдуғанӣ Наблусӣ, соли 1143 [1731 – мелодӣ] вафот кардааст.

доранд. Барои беқадр кардани олимони аҳли суннат мехезанд. Гуфта мешавад, ки ба ҳар сухане, ки аз Китобу Суннат бароварда шудааст, набояд бовар кард ва ҳар навиштаро дуруст хаёл набояд кард ва инчунин ба навишташудаҳову тарғиботҳо набояд дода шуд.

Барои дуруст шарҳ додани гуфтаҳои аҳли суннат ва ҷамоат, китоби форсии олими бузург Ҳазрати Турпушту **“ал-Муътамад”** бисёр арзишманд аст ва возеҳ навишта шудааст. Ба осонӣ фаҳмида мешавад. [**(Ҳақиқат Китабэвӣ),** соли 1410 [1989-и мелодӣ] ба табъ расидааст. Фазлуллоҳ ибни Ҳасани Турпушту аз олимони фиқҳи ҳанафӣ аст. Соли 661 [1263-и мелодӣ] вафот кардааст.]

Баъди дуруст кардани маълумотҳои ақоидӣ, яъне маълумотҳое ки ба онҳо бояд бовар кард, чизҳои **ҳалол, ҳаром, фарз, воҷиб, суннат, мандуб** ва **макруҳ**ро аз китобҳои фиқҳии олимони аҳли Суннат омӯхтан ва ба онҳо пайравӣ кардан лозим аст. Китобҳои нодурусти навишташудаи он ҷоҳилонеро, ки бузургии ин олимонро нафаҳмиданд, набояд хонд. Худо нигоҳ дорад! Агар дар масъалаҳои эътиқодӣ мусалмоне ба мазҳаби аҳли суннат пайравӣ намекунад, дар охират аз дохил шудан ба ҷаҳаннам наҷот намеёбад. Оне, ки имонаш дуруст аст, агар дар ибодаташ кӯтоҳие ҳам бошад, тавба накунад ҳам бахшида шуданаш мумкин. Авф нашавад ҳам, баъд аз азобашро кашидан аз ҷаҳаннам халос мешавад. Ин ҳам маънои онро дорад, ки эътиқод муҳим аст. Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор (қаддассалоҳу таъоло сирраҳулазиз)[25] мефармояд: “Агар ҳама кашфиётҳову карометҳоро ба ман диҳанд, лекин фақат эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоатро надиҳанд, худамро хароб медонам. Кашфу карамат ҳеҷ набошад, қабоҳатам бисёр бошад ҳам, аммо агар эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоатро эҳсон кунанд, ҳеҷ ғамгин намешавам”.

Имрӯз дар Ҳиндустон мусалмонҳо бесоҳиб мондаанд. Душманони дин аз ҳар тараф ҳуҷум карда истодаанд. Имрӯзҳо як лира додан барои хизмат ба Ислом, аз ҳазор лира додан дар дигар замонҳо савоби бештар дорад. Имрӯзҳо аз ҳама хизмати бузург барои Ислом ин аст, ки китобҳои аҳли суннат, китобҳои имон ва исломро ба деҳаҳо бурда тақсим кардан аст. Ба кадом як хушбахте ва ё ба кадом як бахтиёре ин гуна хизмат насиб гардад, бояд хурсанд шавад. Бисёр шукр кунад. Барои Ислом хизмат кардан, савоби ҳамешагӣ аст. Фақат, дар ин замоне ки ислом заиф аст, дар ин замоне ки кушиш доранд мусалмониро бо дурӯғҳову туҳматҳо нест кунанд, савоби эътиқоди аҳли суннатро

25 Убайдуллоҳи Аҳрор, соли 895, [1490-и мелодӣ] дар Самарқанд вафот кардааст.

паҳн кардан ба маротиб зиёд аст. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба асҳоби киром чунин фармуд: **“Шумо дар замоне зиндагӣ доред, ки агар аз дах нуҳтои фармудаҳои Аллоҳу таъолоро пайравӣ карда иҷро кунед, аммо якеашро накунед, ҳалок мешавед. Азоб мебинед. Аммо баъди шумо замоне меояд, ки оне, ки амрҳову манъкардаҳои Аллоҳу таъолоро аз дах танҳо яктоашро пайравӣ карда, иҷро кунад ҳам, наҷот меёбед”.** [**“Мишкот-ул-масобиҳ”** Ҷ. 1, саҳифаи 179 ва қатори 79-уми Китоб-ул-фитани Тирмизӣ мавҷуд аст]. Замоне, ки дар ин ҳадиси шариф гуфта шудааст, ҳамин замони мо аст. Бо кофирон ҷиҳод кардан, ҳуҷумкунандаҳои мусалмононро шинохтан ва онҳоро дӯст надоштан лозим аст. [Ҷиҳодеро, ки бо истифодаи қувва ба амал меояд, ҳукмрон мекунад. Давлат қуввaҳои мусаллаҳ дорад. Ин гуна ҷиҳод кардани мусалмон бо афсар шудан ва ба иҷро кардани вазифҳои додаи ҳукумат амалӣ карда мешавад. Ҷиҳоди қавлӣ аз ҷиҳоди феълӣ, яъне ҷиҳод бо сухану навишта аз ҷиҳоде, ки қувва истифода мешавад, беҳтар аст. Ва ин дар мактуби шасту панҷум навишта шудааст]. Барои паҳн намудани китобҳову навиштаҳои олимони аҳли суннат, соҳиби каромат ва ё олим будан шарт нест. Ҳар як мусалмон мебояд барои ин кӯшиш кунад. Фурсатро набояд аз даст дод. Дар қиёмат инро аз ҳар як мусалмон мепурсанд, ки чаро барои Ислом хидмате накардааст. Онҳое, ки барои паҳн кардани китобҳои илми ҳол кӯшиш намекунанд, узр ва баҳонаи онҳо қабул намешавад. Пайғамбарон (алайҳимуссалом), ки аз ҳамаи инсонҳо бузург ҳастанд, ҳеҷ роҳат нанишастанд. Ба онҳое, ки муъҷиза мехостанд, **“Муъҷизаро Аллоҳу таъоло меофарад. Вазифаи ман, паҳн кардани дини Аллоҳу таъоло аст”** гуфта ҷавоб мегардониданд. Вақте дар ин роҳ заҳмат мекашиданд, Алоҳ таъоло ҳам ба онҳо кӯмак намуда, муъҷиза меофарид. Ба мо ҳам лозим аст, ки китобҳои аҳли суннатро паҳн намоем ва ба дӯстон нишон диҳем, ки кофирон, душманон, онҳое ки ба мусалмонон бӯҳтон мезананд ва онҳоро азият медиҳанд, шахсони бад, паст ва дурӯғгӯ ҳастанд. [Инҳоро нишон додан, ғайбат намешавад. Амри маъруф мешавад]. Онҳое, ки дар ин роҳ бо молашон, бо қуввaашон, бо вазифаашон коре намекунанд, аз азоб наҷот намеёбанд. Вақте дар ин роҳ ғайрат мекунанд, бояд донанд, ки мушкилӣ ва шиканҷаи кашидаашон як саодати бузург ва як бурди калон аст.

Пайғамбарон (алайҳимуссалавот) ҳангоми расондани амрҳои Аллоҳу таъоло, зери ҳуҷуми он ҷоҳилон ва бенасабон мондаанд. Бисёр азоб мекашидаанд. Бузургтарини пайғамбарон, бандаи дӯстдори Ал-

лоҳу таъоло, Муҳаммад алайҳиссалом чунин фармудаанд: “**Азиятҳое ки ман кашидам, ҳеҷ яке аз пайғамбарони дигар накашидаанд”.** Тарҷумаи “**Мактубот”** ба итмом расид.

[Ҳар як мусалмон бояд эътиқоди аҳли суннатро омӯзад ва ба ҷавонон омӯзонад. Китобҳову маҷаллаҳое ки суханони аҳли суннат оварда шудааст, бояд ёфт ва онҳоро бояд ба ҷавонон ва наздикон равон кард. Барои хонданашон бояд заҳмат кашид. Китобҳоеро, ки чеҳраи дарунии душманони Исломро ошкор мекунад, бояд паҳн кард].

(Олимони аҳли суннат) олимоне мебошанд, ки ба дараҷаи иҷтиҳоди чаҳор мазҳаб расидаанд. Онҳо дар рӯи замин ба тамоми мусалмонон роҳи ростро нишон дода, дини Муҳаммад алайҳиссаломро бе дигар кардан ва вайронкорӣ оварда расондаанд. Аз ҳама бузургтарини онҳо, яке аз чаҳор зоти бузург, **Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит (**раҳимаҳуллоҳу таъоло) аст. Ӯ яке аз бузургтарин олимони Ислом аст. Тарҷумаи ҳолаш дар китобҳои **“Саодати абадаия”** ва **“Маълумотҳои фоиданок”** ба таври васеъ оварда шудааст. Соли ҳаштоди [80]-и ҳиҷрӣ дар Куфа таваллуд шуда, соли 150 [767-и мелодӣ] дар Бағдод вафот кардааст.

Дуюмини онҳо **Имоми Молик ибни Анас** (раҳимаҳуллоҳу таъоло) низ олими хеле бузург буд. Соли навади [90] ҳиҷрӣ дар Мадина таваллуд шуда, соли 179 [795-и мелодӣ] онҷо вафот кардааст. Дар Ибни Обидин ҳаштоду ҳашт сол зиндагӣ карданаш ҳам омадааст. Бобояш Молик ибни Абуамр буд.

Сеюмини онҳо **Имоми Муҳаммад ибни Идрис Шофеъӣ (**раҳимаҳуллоҳу таъоло) буда, гавҳараки чашми олимони Ислом аст. Соли саду панҷоҳи ҳиҷрӣ [150] дар Ғаззаи Фаластин таваллуд шуда, соли дусаду бисту чаҳор 204 [820-и мелодӣ] дар Миср вафот кардааст.

Чорумини онҳо **Имоми Аҳмад ибни Ҳанбал** (раҳимаҳуллоҳу таъоло) буда соли як саду шасту чор [164] дар Бағдод таваллуд шудааст ва соли 241 [855-и мелодӣ] дар онҷо вафот кардааст. Ӯ яке аз сутунҳои биноҳои Ислом аст (раҳатуллоҳу алайҳим аҷмаъин).

Имрӯзҳо, оне ки ба яке аз ин чаҳор имом пайрав нест, дар вартаи ҳалокати бузурге қарор дорад. Аз роҳи рост баромадааст. Ғайр аз инҳо ҳам олимони аҳли суннат бисёр буданд. Онҳо ҳам мазҳабҳои дуруст доштанд. Аммо бо гузашти замон он мазҳабҳо фаромӯш шуданд. Дар китобҳо навишта нашудаанд. Масалан ҳафт имоми бузурги Мадина,

ки **фуқаҳои сабъа** номашон мебаранд. **Умар бин Абдулазиз, Суфён бин Уяйна[26], Исҳоқ бин Раҳовах, Довуди Той, Амир бин Шароҳили Шабъӣ, Лайс бин Саъд, Муҳаммад бин Ҷарири Табарӣ, Суфёни Саврӣ[27]** ва **Абдурраҳмони Авзоӣ** (раҳимаҳумуллоҳу таъоло) ҳам аз ҷумлаи онҳоянд.

Асҳоби киром (разияллоҳу таъоло анҳум аҷмаъин) ҳамаашон ситораҳои роҳи ҳақ буданд. Ҳар кадоме аз онҳо барои ҳидояти тамоми дунё ба роҳи рост кифоя буданд. Муҷтаҳид буданд. Ҳар кадомашон дар мазҳаби худашон қарор доштанд. Мазҳабҳои бисёриашон ба якдигар монанд буд. Фақат, аз сабаби он, ки мазҳабҳояшон якҷоя нашуданд ва дар бораи онҳо китобҳо навишта нашудаанд, ба онҳо пайравӣ карданамон дуруст нест. Гуфтаҳо ва эътиқодоти имомони чаҳор мазҳабро муайян кардаанд ва шогирдонашон он маълумотҳоро гирд оварда пурра фаҳмондаанд. Ин маълумотҳо дар китобҳо навишта шудаанд. Имрӯз ҳар як мусалмон дар мазҳаби яке аз он имомоне, ки номашон зикр шуд, буданаш лозим аст ва бо пайравӣ ба ин мазҳаб зиндагӣ карданаш ва ибодат карданаш низ зарур мебошад. [Оне, ки ба ин яке аз чаҳор мазҳаб пайравӣ кардан намехоҳад, **аҳли суннат** нест. Нигаред ба саҳифаи дуюм, қисми сарсухан!]

Аз шогирдони ин чаҳор имом дутоашон дар паҳн кардани маълумотҳои ақидавӣ бисёр пешсаф гардиданд. Ҳамин тавр, дар эътиқоду имон ду мазҳаб ба миён омад. Имони дурусту мувофиқи Қуръони Карим ва ҳадисҳои шариф, танҳо имони таъйидкардаи ин ду мазҳаб аст. Маълумотҳои фирқаи ноҷияро ҳар дуи ин фирқа паҳн кардааст. Якеи онҳо **Абулҳасан Ашъарӣ** (раҳимаҳумуллоҳу таъоло) буда, соли [266]-и ҳичрӣ дар Басра таваллуд шудааст ва соли сесаду сӣ [941-и мелодӣ] дар Бағдод вафот кардааст. Дуюм, **Абумансури Мотуридӣ** (раҳимаҳумуллоҳ таъоло), ки соли 333 баробар ба 944-и мелодӣ дар Самарқанд вафот кардааст. Ҳар як мусалмонро мебояд, ки ба яке аз ин имомон пайравӣ карда эътиқодашро дуруст кунад.

Тариқаҳои авлиёҳо ҳақ аст. Аз таълимоти Исломият заррае фарқ надоранд. [Дурӯғгӯёни динӣ, дурӯғгӯёне, ки динро воситаи ба даст овардани дунё кардаанд, роҳгумоне, ки барои ба даст овардани мол, мавқеъ ташвиқ мекунанд, дар ҳар давру замон вуҷуд доштанду доранд. Имрӯзҳо ҳам, дар ҳар як вазифа ва ҳарс самт инсонҳои бадкир-

26 Суфён бин Уяйна соли 198, [813-и мелодӣ] дар Макка вафот кардааст.

27 Суфёни Саврӣ соли 161, [778-и мелодӣ] дар Басра твафот кардааст.

дор ҳастанд. Онҳоеро, ки аз ҳисоби дигарон ва ё бар зарари дигарон ба чизе ноил гардидаанд, дида, дар бораи ҳамаи инсонҳое, ки дар ҳамин вазифа кор мекунанд, хулосаи якхела баровардан дуруст нест. Бо ин кор барои шахсони бадкирдор шароит фароҳам меоварем. Аз ин сабаб, шахсони мунҳариф аз дин, он тариқатдорони сохта ва ҷоҳилро дида, ба олимони Ислом, ба аҳли тасаввуф, ба он зотҳои бузург, ки хизматашон дар саҳифаҳои таърих бо хати заррин навишта шудааст, набояд забондарозӣ кунем. Онҳое, ки ба ин бузургон забон дароз мекунанд, ноҳақ буданашонро бояд донем.] Авлиёҳо дорои каромат мебошанд. Ҳамааш ҳақ аст, дуруст аст. Имоми Ёфеъӣ[28] мефармояд: (карометҳои ғавсуссақалайн Мавлоно Абдулқодири Гелонӣ (қаддасаллоҳ таъоло сирраҳул азиз)[29] чунон вирди забонҳо гардида буд, ки ба он шубҳа кардан ва бовар накардан имкон надошт. Зеро дар ҳама ҷо паҳн шудан, яъне **[тавотур]** ҳамчун санаду далел қабул карда мешавад).

Касеро, ки намоз мехонад, агар ягон сухани куфрро ошкоро ва безарурат гӯяд ва ё истифода кунад, ки кофир шуданаш ҳанӯз номуайян аст, ба дигарон пайравӣ карда кофир гуфтан ҷоиз нест. Ҳатто кофир мурданаш маълум набошад, лаънат набояд карда шавад. Ҳатто кофирро ҳам лаънат хондан ҷоиз нест. Барои ҳамин, Язидро лаънат нахондан беҳтар аст.

5 – Панҷумин шарти имон, **(ба рӯзи охират бовар кардан аст).** Ҳаёти охират аз рӯзи мурдани инсон оғоз мешавад ва то охири қиёмат давом мекунад. Барои он рӯзи охират мегӯянд, ки баъди он шаб фаро намерасад ва ё барои он аст, ки баъд аз ин дунё меояд. Ин рӯз, ки дар ҳадисҳои шариф зикр мешавад, рӯзу шаби мо нест. Маънои як вақт ва як замонро дорад. Замони қоим шудани қиёмат маълум нест. Ҳеҷ кас ҳам он замонро фаҳмида натавонистааст. Фақат Пайғамбарамон (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) якчанд аломат ва оғозашро хабар дода буданд. Ҳазрати Маҳдӣ мебарояд. Ҳазрати Исо ба замин мефарояд. Даҷҷол мебарояд. Яъҷуҷ ва маъҷуҷ ном ҷонварон ҳама ҷо пайдо мешаванд. Офтоб аз ғарб мебарояд. Заминларзаҳои бузург мешавад. Маълумотҳои динӣ фаромӯш мешаванд. Инсонҳои бедин, беахлоқ ва беномус амир мешаванд. Амрҳои Аллоҳу таъоло ба ҷо оварда намешавад. Корҳои ҳаром ошкоро дар ҳама ҷо сурат мегирад. Аз Яман як оташ мебарояд. Осмонҳову замин пора-пора мешаванд. Офтобу моҳ хира мешаванд.

28 Абдуллоҳ Ёфеъӣ, соли 768 [1367-и мелодӣ] дар Макка вафот кардааст.

29 Абдулқодири Гелонӣ соли 561, [1161-и мелодӣ] дар Бағдод вафот кардааст.

Баҳрҳо бо якдигар омехта шуда, ҷӯшида хушк мешаванд.

Мусалмонҳое, ки гуноҳ мекунанд, онҳоро **фосиқ** меноманд. Барои фосиқон ва ҳама кофирон азоби қабр вуҷуд дорад. Ба инҳо албатта бовар кардан зарур аст. Майит баробари ба қабр гузоштан, бо як ҳаёти дар назар ноаён зинда карда мешавад. Роҳат ва ё азоб мебинад. Ду малоика бо номи **Мункар** ва **Накир** бо як сурати даҳшатнок ба қабр омада пурсиданашонро ҳадисҳои шариф возеҳ шарҳ додаанд. Мутобиқи гуфтаҳои баъзе олимон саволҳои қабр аз баъзе масоили ақидавӣ мешавад. Аммо бархе олимони дигар бар ин назаранд, ки саволҳои қабр пурра дар бораи ақида хоҳад буд. [Аз ҳамин сабаб, ба кӯдаконамон ҷавобҳои саволҳои (Худоят кист? Динат чист? Дар уммати кӣ ҳастӣ? Китобат чист? Қиблаат куҷост? Дар эътиқоду амал мазҳаб ба ки дорӣ?)-ро омӯзонем. Оне, ки аҳли суннат нест, ҷавоб дода натавонистанаш дар китоби **“Тазкираи Қуртубӣ”**[30] навишта шудааст]. Қабри онҳое, ки ҷавоби хуб медиҳанд, васеъ мешавад ва ба он ҷо аз Ҷаннат як тиреза кушода мешавад. Субҳу шом боғҳои биҳиштро тамошо карда аз тарафи малоикаҳо хубиҳо мебинад ва муждаҳо мешунавад. Ҷавоби хуб дода натавонад, бо асои оҳанин ончунон зада мешавад, ки садояшро ғайр инсу ҷин дигар ҳама намуди махлуқ мешунавад. Қабр ончунон танг мешавад, ки устухонҳояш ба якдигар медароянд. Аз ҷаҳаннам як тиреза кушода мешавад, субҳу шом ҷойҳои ҷаҳаннамро тамошо мекунад ва то маҳшар азобҳои бисёр талх мечашад.

Ба зинда шудани баъд аз марг бовар кардан лозим аст. Устухонҳову гӯштҳо пӯсида хоку газ мешаванд ва баъдан бадан дигарбора офарида мешавад ва рӯҳ такроран ба бадан даромада, ҳама аз қабр мехезад. Барои ҳамин ин замонро **рӯзи қиёмат** мегӯянд.

[Растаниҳо гази карбонро аз ҳаво ва обу намакро аз хок гирифта, инҳоро омехта мекунанд. Ҳамин тавр ҷисмҳои органикӣ ва сангҳои бузурги сохта ба майдон меоянд. Ба ҳамагон маълум аст, ки як реаксияи химиявӣ, ки солҳо тӯл мекашад, бо истифодаи **(катализор)** дар муддати камтар аз як сония амалӣ мегардад. Ҳамин тавр, Аллоҳу таъоло дар қабр об, карбон, диоксид ва моддаҳои хокро омехта карда, ҷисмҳои органикӣ ва узвҳои зиндаро меофарад. Ин гуна зинда шуданамонро мухбири содиқ хабар медиҳад. Илмҳои дақиқ ҳам, имрӯзҳо дар дунё

30 Муаллифи тазкира Муҳаммад Қуртуби Моликӣ, соли 671 [1272-и мелодӣ] вафот кардааст. **“Мухтасари Тазкираи Қуртубӣ”** аз тарафи Ҳақиқат Китабэвӣ соли 1421 [2000-и мелодӣ] аз нав ба табъ расид.

амалӣ шудани онҳоро хабар дода истодаанд].

Ҳамаи ҷондорон дар **(маҳшаргоҳ)** ҷамъ меоянд. Дафтари аъмоли ҳар як инсон парида ба назди соҳибаш меояд. Инҳо бо амри офарандаи замину осмонҳо, зарраҳо, ситораҳо соҳиби қудрати беадад, Аллоҳу таъоло мешавад. Инҳоро Аллоҳу таъоло ба Расулаш (саллаллоҳу таъоло алайҳи ва саллам) хабар дода буд. Гуфтаҳои ӯ албатта ҳақ аст. Ва албатта ҳамааш як ба як амалӣ мешавад.

Дафтари аъмоли солеҳон ба дасти росташон, аз они фосиқону бадкорон аз ақиб ва ё ба дасти чапашон дода мешавад. Корҳои хубу бад, хурду бузург, ошкору пинҳон ҳама дар дафтар оварда мешавад. Корҳое, ки малоикаҳои **(Кироман Котибин)** хабар надоранд, бо шаҳодати забону даҳону бадан ошкор мешаванд ва аз ҳамаи он саволу ҷавоб мешавад. Дар маҳшар ҳамаи он корҳои пинҳон бо хости Аллоҳу таъоло ошкор мешавад. Аз малоикаҳо пурсида мешавад: “Дар осмонҳову замин чӣ кардед?”, аз пайғамбарон (салавотуллоҳу таъоло ва таслиматуҳу алайҳим аҷмаъин) суол карда мешавад: “Ҳукмҳои Аллоҳу таъолоро ба бандаҳояш чӣ гуна расондед?“, аз ҳама, ҳатто аз пайғамбарон ҳам суол карда мешавад: “Чӣ тавр хоб кардед? Вазифаҳое, ки ба шумо дода шуда буд, чӣ тавр ба анҷом расонидед?” “Ҳуқуқҳои якдигаратонро чӣ тавр риоя кардед?”. Дар маҳшар, онҳоеро, ки имон доранд ва амалу ахлоқи зебо доранд, мукофот ва эҳсонҳо интизор аст. Бадкирдоронро ҷазоҳои бисёр ҳам сангин дар пеш аст.

Аллоҳу таъоло ҳар муъминеро, ки мехоҳад бо фазлу эҳсонаш ҳама гуноҳони хурду бузургашро авф мекунад. Ғайр аз ширку куфр, ҳар гуноҳеро, ки хоҳад авф мекунад ва агар хоҳад бо адолаташ барои гуноҳони хурд ҳам азоб мекунад. Ононе, ки мушрик ва кофир вафот мекунанд, ҳеҷ бахшида намешаванд. Кофирони аҳли китоб ва бекитоб агар ба Муҳаммад алайҳиссалом ҳамчун пайғамбари тамоми башар бовар надошта, яке аз аҳкоми овардаи ӯ, яъне амру манъкардаҳояшро хуш надошта бошад ва дар ин ҳол аз дунё чашм пӯшад, албатта ҷаҳаннамӣ мешавад ва азоби беохир мечашад.

Рӯзи қиёмат барои амалу корҳоро чен кардан як тарозуе вуҷуд дорад, ки мислашро ҳеҷ надидаем ва номаш **(мизон)** аст. Замину осмон дар паллааш меғунҷад. Палаи савоб дурахшон шуда, дар тарафи рости арш ва дар тарафи ҷаннат қарор дорад. Палаи гуноҳ торик буда, дар тарафи чапи арш ва дар тарафи ҷаҳаннам аст. Корҳову суханҳову нигоҳҳои хуб дар он ҷо дурахшон гардида ва бадиҳову гуноҳҳо то-

рик шуда, дар ин тарозу баркашида мешаванд. Ин тарозу ба тарозуҳои дунё монанд нест. Мегӯянд, ки тарафи вазнинаш боло мешавад, тарафи сабукаш поён мефарояд. Мувофиқи ақидаи бархе аз олимон (раҳимаҳумуллоҳу таъоло) якчанд намуди тарозу вуҷуд дорад. Бисёри онҳо чӣ қадар буданаш ва чӣ гуна буданаш дар китобҳо возеҳ наомадааст. Дар ин бора набояд фикр кард.

(Пули Сирот) вуҷуд дорад. Пули Сирот бо амри Аллоҳу таъоло дар болои ҷаҳаннам сохта мешавад. Аз болои ин пул гузаштан ба ҳама амр мешавад. Он рӯз ҳатто пайғамбарон илтиҷо мекунанд: "Эй Рабби мо! Ба мо саломатӣ ато кун!". Ононе, ки ҷаннатӣ ҳастанд, аз ин пул ба осонӣ мегузаранд. Баъзе аз онҳо мисли барқ, баъзе мисли шамол ва баъзе мисли асп мегузаранд. Пули Сирот аз мӯй дида борик ва аз шамшер дида тез аст. Ба таълимоти Ислом пурра пайравӣ кардан ҳам ба мисли гузаштан аз пули Сирот аст. Ин ҷо онҳое, ки бо нафс мубориза бурда, дар ин кор сабру тоқат мекунанд, онҷо пули Сиротро ба осонӣ ва роҳат мегузаранд. Ва ононе, ки пайравӣ аз Ислом надоранд ва ғуломи нафсашон шудаанд, пули Сиротро дер мегузаранд ва ё намегузаранд. Барои ҳамин аст, ки Аллоҳу таъоло роҳи ростеро, ки таълимоти ислом нишон медиҳад, **(сиротул мустақим)** ном мебарад. Зеро дар дини ислом устувор мондан ба мисли гузаштан аз пули Сирот аст. Ононе, ки дӯзахиянд, аз пули Сирот нагузашта, ба ҷаҳаннам меафтанд.

Барои пайғамбарамон Муҳаммади Мустафо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳавзи махсусе ҳаст, ки **(Ҳавзи Кавсар)** номаш мебаранд. Паҳнояш якмоҳа роҳ аст. Обаш аз шир сафед, бӯяш аз мушк дида хушбӯйтар аст. Қадаҳҳои дар атрофаш буда аз адади ситораҳо ҳам бисёртар аст. Оне, ки аз ин ҳавз об менӯшад, абадан дигар ташна намешавад.

(Шафоат) ҳақ аст. Барои авф кардани гуноҳони хурду бузурги муъминоне, ки тавба накарда вафот мекунанд, пайғамбарон, валиҳо, олеҳон, малоик ва дигар касоне, ки Аллоҳу таъоло иҷоза додааст, шафоат мекунанд ва шафоаташон қабул мешавад. [Пайғамбарамон (саллаллоҳу таъоло алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки: **"Аз умматам онҳоеро, ки гуноҳи бузург ҳам мекунанд, шафоат мекунам"**]. Дар маҳшар шафоат панҷ навъ мешавад.

Якум, рӯзи қиёмат, дар маҳшаргоҳ гунаҳкороне аз гурӯҳи мардум, ки аз бисёр интизор шудан хаста мешаванд, фарёд карда, як лаҳза ҳам бошад ҳисобу китобашон тезтар анҷом шуданашро мехоҳанд. Аз ҳамин сабаб, шафоат карда мешаванд.

Дуюм, онҳое, ки ҳисобу китобашон осонтар аст, барои тезтар анҷом шуданаш шафоат карда мешаванд.

Сеюм, муъминони гунаҳкор барои аз Пули Сирот ба ҷаҳаннам наафтоданашон, барои аз азоби ҷаҳаннам наҷот ёфтанашон шафоат карда мешаванд.

Чаҳорум, муъминоне, ки гуноҳашон бисёр аст, барои аз ҷаҳаннам баромаданашон шафоат карда мешаванд.

Панҷум, агарчи ҷаннат неъматҳои бепоён дорад ва шахс онҷо абадӣ мемонад, аммо он бар ҳашт дараҷа аст. Дараҷаи ҳар кас ба миқдори имону амалҳояш мешавад. Ва ҷаннатиён барои баланд шудани мартабаву дараҷаашон дар ҷаннат шафоат карда мешаванд.

Ҷаннат ва ҷаҳаннам ҳоло вуҷуд дорад. Ҷаннат дар болои ҳафт қабати осмон ва ҷаҳаннам дар таги замин аст. Ҷаннат ҳашт табақа (дар) дорад ва ҷаҳаннам бошад ҳафт дар дорад. Ҷаннат аз кураи замину осмону офтоб ҳам бузург аст. Ҷаҳаннам ҳам аз офтоб дида бузург аст.

6 – Шашумин чизе, ки мо бояд имон оварем, ин **(боварӣ доштан ба қадар, ва боварӣ ба хайру шар, ки аз ҷониби Аллоҳу таъоло аст).** Ҳама хайру шарре, ки ба инсон меояд, фоида ва зарар, дастоварду зиёнҳояш ҳама аз ҷониби Аллоҳу таъолост. **(Қадар)** дар луғат ба маънои санҷидан, баркашидан ва амру ҳукм кардан омадааст. Ба маънои касрату (бисёрӣ) андоза ва ё бузургӣ ҳам меояд. Аллоҳу таъоло хостани ҳастии як чизро дар азал қадар гуфтааст. Ва ҳаст шудани қадар, яъне ҳаст шудани он чизро **(Қазо)** мегӯянд. Калимаҳои қазо ва қадарро дар ҷои якдигар ҳам истифода мебаранд. Мувофиқи ин қазо ҳама чизҳое, ки аз азал то абад офарида мешаванд ва ин хости Аллоҳу таъоло дар азал аст. Ҳамаи ин ашёҳо мувофиқ ба қазо, яъне на кам ва на зиёд шуда офарида шуданашро қадар мегӯянд. Аллоҳу таъоло ҳамаи он чизҳоеро, ки дар гузашта шудаанд ва ё мешаванд, аз азал медонист. Ва ин илмро **(Қазо ва қадар)** мегӯянд. Файласуфони Юнони Қадим инро (Иноятии Азалия) номидаанд. Ҳамаи махлуқот аз он қазо офарида шудаанд. Ҳаст шудани ашёро мувофиқ ба илми Азал (Қазо ва Қадар) меноманд. Барои ба қадар имон овардан, бояд хуб донем ва бовар кунем, ки офариниши як чизро Аллоҳу таъоло дар азал ирода карда хоста бошад, он на кам, на зиёд, пурра ба мисли хостааш ҳаст шуданаш лозим аст. Чизҳоеро, ки ҳаст шуданашро хостааст, ҳаст нашуданаш имконнопазир аст ва инчунин чизҳоеро, ки намехоҳад, ҳаст шуданаш имконпазир нест.

Офариниши ҳама ҳайвоноту наботот, ҷондору беҷон [ҷисмҳои сахт, моеъҳо, газҳо, ситораҳо, молекулаҳо, атомҳо, электронҳо, мавҷҳои электромагнитӣ, хулоса ҳаракати ҳама гуна маҳлуқот, ҳодисаҳои физикӣ, реаксияҳои химиявӣ, мубодилаи энергия ва фаъолиятҳои физиологии ҷондорон], корҳои хубу бади ҳар як банда, дар дунёву охират ҷазои инҳоро диданашон дар азал, дар назди Аллоҳу таъоло мавҷуд буд. Ҳамаи инро дар азал медонист. Ҳама чизе, ки аз азал то абад иҷро мешавад, ашёҳо, ҳаракатҳояшон, хусусиятҳояшон, ҳодисаҳоро ба он илми азалиаш мувофиқ меофарад. Ҳама корҳои неку бади инсонҳоро, мусалмон шуданашонро, куфрашонро, ҳама корҳое, ки бо хосту нохост анҷом медиҳанд, Аллоҳу таъоло меофарад. Офаранда танҳо Ӯст. Ҳама чизе, ки сабабҳоро ба миён меорад, Ӯ меофарад. **(Ҳама чизро бо сабабе меофарад).**

Масалан оташ сӯзон аст. Дар ҳоле ки сӯзанда Аллоҳу таъоло аст. Оташ бо сӯхтан ҳеҷ алоқае надорад. Фақат,одаташ ин аст, ки оташ ба ягон чиз нарасад, сӯхтанро намеофарад. [Оташ ба ғайр аз ба миқдори оташ гирифтан гарм кардан, дигар коре намекунад. Дар пайдоиши ҷисмҳои органикӣ, барои якҷояшавии он карбону гидрогену оксиген ва барои мубодилаи электрон оташ коре намекунад. Онҳое ки ҳақиқатро намебинанд, инро оташ гумон мекунанд. Сӯзанда ва он чизе, ки қобилияти сӯхтанро нишон медиҳад, оташ нест. Оксиген ҳам нест, гармӣ ҳам нест. Мубодилаи электрон ҳам нест. Сӯзанда танҳо Аллоҳу таъоло аст. Ва ҳамаи инро барои сӯхтан ҳамчун сабаб офаридааст. Оне, ки маълумот надорад, фикр мекунад, ки инро оташ иҷро мекунад. Оне, ки ҳанӯз мактаби ибтидоиро тамом кардааст, сухани (оташ месӯзонад) – ро қабул надорад. Мегӯяд, ки ҳаво месӯзонад. Талабаи мактаби миёна ҳам инро қабул надорад. Мегӯяд, ки оксигени дар ҳаво буда месӯзонад. Ва хатмкардаи литсей бошад, сӯзондан хоси оксиген нест мегӯяд. Ҳар чизе ки электрон ҷазб мекунад, сӯзанда аст. Донишҷӯи донишгоҳ бошад, бо модда, энергияро ҳам якҷоя мекунад. Дида мешавад, ки чӣ қадаре илм пеш равад, барои наздикшавӣ ба дарун ва моҳияти кор, дар пушти он чизҳое, ки сабаб мепиндоштем, боз чӣ сабабҳое намеёбем. Оне, ки дар мартабаи баландтарини илму фан буд, оне, ки ҳақиқатро пурра дида метавонист, Пайғамбарон (алайҳимуссалом) ва олимони ислом (раҳимаҳумуллоҳу таъоло), ки дар роҳи ин бузургон рафта аз дарёи илм қатрае баҳравар буданд, имрӯз сӯзанда набудани он чизҳоеро, ки сӯзанда мепиндорем, қайд кардаанд. Аз тарафи дигар таъкид медоранд, ки онҳо танҳо як воситаи бечараву оҷиз ҳастанд.

Созандаи ҳақиқӣ сабабҳои офаридгор набуда, балки Аллоҳу таъоло аст]. Сӯзанда Аллоҳу таъоло аст. Бе оташ ҳам месӯзонад. Фақат бо оташ сӯзондан аз одат аст. Сӯзондан нахоҳад, дар даруни оташ ҳам намесӯзонад. Чӣ тавре ки Иброҳим алайҳиссаломро насӯзонд. Аз сабабе, ки ӯро бисёр дӯст медошт, одаташро вайрон кард. [Ҳамин тавр, моддаҳоеро, ки сӯхтани оташро пешгирӣ низ мекунад, офаридааст. Ин моддаҳоро имрӯзҳо кимёгарон кашф карда истодаанд].

Агар Аллоҳу таъоло мехост, ҳама чизро бе сабаб меофарид. Бе оташ месӯзонд. Бе хӯрдан сер мекунонд. Бе тайёра парвоз мекунонд. Бе радио аз дур мешунавонд. Фақат лутф карда, ба бандаҳояш некӣ карда, офариниши ҳама чизро бо сабабе вобаста кард. Корҳоро дар зери сабабҳо пинҳон кард. Қудраташро зери сабабҳо пинҳон кард. Ва инсон вақте коре кардан мехоҳад, сабабҳои он корро иҷро мекунад ва баъдан ба он даст меёбад. [Оне, ки чароғро сӯзондан мехоҳад, гӯгирд истифода мебарад. Ва оне, ки равғани зайтун баровардан мехоҳад, ҳатман аз чумча исифода мебарад. Оне, ки сараш дард мекунад, дору истеъмол мекунад. Ва оне ҳам, ки ҷаннатро мехоҳад, ҳатман сабабҳояшро, ки пайравӣ аз таълимоти ислом аст, бояд риоя кунад. Оне, ки худро бо таппонча мепаронад, мемурад. Оне ки захр мехӯрад, мемурад. Оне ки дар вақти арақ карданаш, оби хунук мехӯрад, ҳатман касал мешавад. Оне ки гуноҳ мекунаду имонашро аз даст медиҳад, ба ҷаҳаннам меравад. Ҳар кас кадом сабаберо, ки иҷро кунад, ба он чизе даст меёбад, ки ба он сабабҳо вобаста карда шудааст. Оне, ки китобҳои исломиро мехонад, мусалмониро меомӯзад, дӯст медорад ва мусалмон мешавад. Оне, ки дар байни бединону бемазҳабон зиндагӣ карда, ба суханони онҳо гӯш меандозад, ҷоҳили дин мешавад. Ва бисёре аз ҷоҳилони дин кофир мешаванд. Инсон воситаву сабабҳои кадом роҳеро пайгир шавад, ҳатман ба ҳамон ҷо рафта мерасад].

Гар Ҳақ ҷилва кунад, ҳар корро осон кунад,

Халқ кунад асбобро, дар як лаҳза эҳсон кунад.

Агар Аллоҳу таъоло корҳоро бо сабабҳо намеофарид, касе ба касе муҳтоҷ намешуд. Ҳама хостаҳояшро аз Аллоҳу таъоло хоста, ҳеҷ коре намекард. Дар ин ҳолат, дар байни инсонҳо амир, маъмур, коргар, санъаткор, талаба, муаллим ва бисёр робитаҳои инсонӣ вуҷуд дошта наметавонист. Ва низоми дунёву охират вайрон мешуд. Байни зебову чиркин, хубу бад, мутеъ ва осӣ фарқ намемонд.

Агар Аллоҳу таъоло мехост, одаташро бо дигар роҳ ҳам мекард.

Ҳама чиро мувофиқи одаташ меофарид. Масалан, агар мехост кофиронро, онҳое ки ба завқу сафои дунё дода шудаанд, ононе ки ҷон месӯзонанд, инсонҳоро фиреб медиҳанд, ба Ҷаннат равон кунад. Ва имондоронро, ибодаткунандагонро, накӯкоронро ба Ҷаҳаннам гузорад. Аммо оятҳои карима ва ҳадисҳои шариф ин гуна нахостани Аллоҳу таъолоро нишон медиҳанд.

Ӯ офаридгори ҳама корҳову ҳаракатҳои хоста ва нахоста анҷомдодаи инсон аст. Барои боихтиёр анҷом додани коре ва ё ҳаракате ба бандаҳояш **(Ихтиёр)** ва **(Ирода)** додааст. Ва бо ин роҳ ин интихоб кардану хостаҳоро барои анҷом додани корҳо сабаб гузоштааст. Як банда, вақте ки як корро ихтиёр мекунад, Аллоҳу таъоло ҳам хоҳад, онро меофарад. Банда нахоҳаду Аллоҳу таъоло ҳам нахоҳад, он офарида намешавад. Он чиз танҳо бо хоҳиши банда ҳам офарида намешавад. Агар Аллоҳ таъоло ҳам хоҳад, баъд офарида мешавад. Офаридани корҳое, ки банда хоҳиш дорад, мисли чизе ки ба оташ расад, дар он сӯхтанро офаридан аст. Агар ба оташ нарасад, сӯхтан наофаридан аст. Корд агар расад, буридан офарида мешавад. Бурранда корд нест, Ӯ аст. Кордро барои буридан сабаб гузоштааст. Аз ин бармеояд, ки ҳаракатҳое, ки банда хоҳиш дорад, онҳоро ихтиёр кардан, тарҷеҳ додани ҳаракатҳо ва хостаҳо бо сабабе офарида мешавад. Аммо ҳаракатҳои дар табиат буда дар ихтиёри банда нест. Инҳоро агар Аллоҳу таъоло хоҳад, бо дигар сабабҳо меофарад. Моддаҳову хосиятҳову ҳаракатҳои ҳама чизро, офтобро, зарраҳоро, қатраҳоро, ҳуҷраҳоро, микробҳоро, атомҳоро танҳо Ӯ, Аллоҳу таъоло меофарад. Нест ҳеҷ офарандае ғайри Ӯ. Фақат байни ҳаракатҳои моддаҳои бечон ва ихтиёри инсону ҳайвон ин дигаргунӣ ҳаст, инсонҳо чизеро ихтиёр кардаву тарҷеҳ додаву бихоҳанд, Ӯ ҳам бихоҳад, бандаро ба ҳаракат медарорад ва меофарад. Ҳаракат кардани банда дар дасти худаш нест. Ҳатто аз чӣ гуна ҳаракат кардан ҳам бехабар аст. [Ҳар як ҳаракати инсон бо бисёр ҳодисаҳои физикиву кимиёӣ ҳосил мешавад]. Дар ҳараатҳои ҷисмҳои бечон, **(Ихтиёр кардан)** вуҷуд надорад. Офаридани оташ дар ҳолати расидани оташ, ин сӯхтанро тарҷеҳ додану хостани оташ нест.

[Хоҳишҳои дӯстдошта, фоиданок ва ё дардоварро Ӯ ҳам мехоҳад ва меофарад. Аз инҳо хоҳишҳои баду зарарнокро Ӯ ҳам намехоҳад ва намеофарад. Аз ин бандаҳо ҳамеша корҳои неку фоиданок ҳосил мешавад. Баъзе инсонҳо баъзан барои ҳосил нашудани бисёре аз корҳо ғамгин мешаванд. Агар барои зараровар буданашон ин корҳо офарида

нашуданд гуфта фикр мекарданду мефаҳмиданд, ҳеҷ гоҳ ғамгин намешуданд. Барои ин ҳатто хурсанд мешуданд ва Аллоҳу таъолоро шукр мегуфтанд. Аллоҳу таъоло ихтиёру корҳои хостаашонро баъд аз он ки қалбҳояшон ирода ва ихтиёр мекунанд, дар азал ирода карда, ин гуна шуданашро хостааст. Агар дар азал ин гуна намехост, дар ҳаракатҳои хостаамон мо нахоҳем ҳам, Ӯ маҷбурӣ меофарид. Хостаҳоямонро баъди хостани мо офариданаш, аз сабаби дар азал чунин хостанаш аст. Аз ин бармеояд, ки иродаи Ӯ ҳокими иродаҳост].

Ҳаракатҳои хостаи бандаҳо аз аввалин чиз ба майдон меояд. Якум, ихтиёру иродаву қудрати қалби банда аст. Аз ин сабаб, ҳаракатҳои бандаро **(Касб кардан)** меноманд. Касб сифати инсон аст. Дуюм, офаридани Аллоҳу таъоло, ҳаст кардан аст. Амрҳову манъкардаҳову савобҳову азобҳои Аллоҳу таъоло аз ин сабаб аст, ки дар инсон касб вуҷуд дорад. Ояти наваду шашуми сураи **(Соффат)** ҳам ба ин маънӣ **“Аллоҳу таъоло шуморо ва корҳои шуморо офарид”** омадааст. Ин ояти карима нишон медиҳад, ки дар инсон ҳам касб, яъне ихтиёри қалбаш дар ҳаракатҳояш ва ҳам **(Иродаи ҷузъия)** вуҷуд дорад. Ҷабр нашуданашро возеҳ исбот мекунад. Барои ҳамин, **(Кори Инсон)** гуфта мешавад. Масалан, Алӣ зада шикаст мегӯянд. Яъне қазову қадар якҷоя офариданашро нишон медиҳад.

Пеш аз оне ки банда коре анҷом медиҳад, он корро банда бо қалбаш интихоб ва ирода карданаш лозим аст. Банда чизе, ки дар дохили қудрataш ҳаст, ирода мекунад. Ин хоҳишро **(Касб)** меноманд. Марҳум Амидӣ дар офариниши корҳо сабаб шудани ин касб ва таъсир кардани онро баён доштааст. Агар ихтиёри касб дар офаридани он кор таъсир накунад, зарар ҳам дода наметавонад. Чунки кори офридашуда ва хостаи банда як аст. Фарқе надорад. Аз ин бармеояд, ки банда ҳама хостаашро карда наметавонад. Нахостаҳояш ҳам буда метавонад. Иҷро шудани ҳар хостаи банда ва иҷро нашудани ҳар нахостаҳояш бандагӣ нест. Бар муқобили улуҳият хестан аст. Аллоҳу таъоло лутф карда, эҳсон карда, дилсӯзӣ карда ба бандаҳояш ба қадри эҳтиёҷашон, ба қадре ки ба амрҳову манъкардаҳои Ӯ итоат мекунанд, қуввату қудрат додааст. Масалан, касе ки сиҳҳат аст ва пулдор аст, дар тамоми умр як бор ҳаҷ рафта метавонад. Дар осмон ҳилоли [моҳи] Рамазонро дида, ҳар сол як моҳ рӯза мегирад. Дар бисту чаҳор соат панҷ вақт намоз мехонад. Миқдори молаш ба нисоб расад, пулдор бошад, баъд аз як соли ҳиҷрӣ аз чил як ҳисса тилло ва ё нуқра ҷудо карда, ба мусалмо-

нон закот дода метавонад. Дида мешавад, ки инсон корҳои хостаашро хоҳад мекунад, нахоҳад намекунад. Бузургии Аллоҳу таъоло аз ин ҷо ҳам фаҳмида мешавад. Ҷоҳилону ахмақон илми қазову қадарро сарфаҳм нарафта, ба суханони олимони аҳли суннат бовар намекунанд. Ба қудрат ва ихтиёри бандаҳо шубҳа мекунанд. Инсонро дар корҳои хостааш оҷиз ва маҷбур фикр мекунанд. Дар баъзе корҳо ихтиёри бандаҳоро надида ба аҳли суннат забондарозӣ мекунанд. Ин суханони ноҷо ҳам исботи он аст, ки дар худашон ирода ва ихтиёр вуҷуд дорад.

Қуввати кардан ва ё накардани як корро **(қудрат)** мегӯянд. Тарҷеҳ додан ё интихоб кардан ва ё накардани кореро **(ихтиёр)** меноманд. Иҷро кардани он чизе, ки ихтиёр карда шуд, **(ирода)** аст. Қабул кардани кореро ва зид набаромадан ба коре ё чизеро **(ризо)** гӯянд. Якҷоя шудани ирода ва қудратро барои таъсир кардан дар рафти иҷрои кор **(халқ)** ва ё офаридан мегӯянд. Амалӣ шудани корро **(касб)** меноманд. Офаринанда будани ҳар як ихтиёркунанда шарт нест. Ба мисли ҳамин, ба ҳар чизе, ки ирода карда мешавад, розӣ шудан ҳам лозим нест. Аллоҳу таъолоро холиқу мухтор мегӯянд. Бандаро косиб ва мухтор гӯянд.

Аллоҳу таъоло тоатҳову гуноҳони бандаҳоро ирода карда меофарад. Фақат аз тоат розӣ аст ва аз гуноҳ розӣ нест. Ва гуноҳро намеписандад. Ҳама чиз бо иродву халқи Ӯ ҳаст мешавад. Ояти саду дуюми сураи Анъом ҳам дар ин бора чунин мефармояд: “**Худое ҷуз Ӯ нест. Холиқи ҳама чиз танҳо Ӯст”.**

Ононе, ки дар фирқаи **(Муътазила)** ҳастанд, фарқи байни ирода ва ризоро дида натавониста роҳгум заданд. Онҳо мегӯянд, ки инсон кори хостаашро худаш меофарад. Қазову қадарро инкор кардаанд. Аҳли фирқаи **(Ҷабрия)** бошад, тамоман вайрон гардиданд. Бе халқ кардан вуҷуд доштани ихтиёрро нафаҳмиданд. Дар инсон ихтиёр нест гуфта, инсонро ба чӯбу санг монанд кардаанд. Инсонҳо бегуноҳанд, ва оне, ки ин ҳама бадиҳоро офарид, Аллоҳу таъолост, гуфтанд, астағфируллоҳ! Агар мисли гуфтаи аҳли Ҷабрия, дар инсон ирода ва ихтиёр намебуд ва агар бадиҳову гуноҳонро Аллоҳу таъоло маҷбурӣ мекунонд, пас байни ҳаракатҳои инсоне, ки бо дасту пои баста аз кӯҳ давр зада - давр зада ба замин меояд ва инсоне, ки қадамзанон атрофашро сайр карда- сайр карда меояд, фарқе намебуд. Дар ҳоле ки ҳаракатҳои якумаш бо ҷабр ва дуюмаш бо иродаву ихтиёр иҷро шуда буд. Касоне, ки фарқи байни инҳоро намебинанд, кӯтоҳфикру кӯтоҳақл ҳастанд. Ва ҳам оятҳои каримаро инкор кардаанд. Амрҳову манъкардаҳои Аллоҳу

таъолоро нолозим ва бечо донистаанд. Чӣ тавре ки аҳли фирқаҳои Муътазила ва Қадария фикр мекунанд, ки инсон хостаашро худаш меофарад, ин ба ояти каримаи **“Офарандаи ҳама чиз Аллоҳу таъолост”** боварӣ надоштанашонро нишон медиҳад, дар айни ҳол дар офаридан инсонҳоро ба Аллоҳ шарик сохтан мешавад.

Шиаҳо ҳам мисли Муътазила фикр мекунанд, ки инсон хостаашро меофарад. Ва нагузаштани хар аз об, новобаста аз чӣ қадар зарба хӯрданашро, далел меоваранд. Инҳо фикр намекунанд, ки инсон вақте мехоҳад коре кунад, агар Аллоҳу таъоло онро нахоҳад, инчо хости Худо ичро мешавад. Инчо суханҳои аҳли Муътазила хато будаанаш равшан аст. Яъне инсон ҳама хостаҳояшро карда наметавонад ва офарида наметавонад. Агар мисли гуфтаҳои онҳо бошад, инсон ҳама хостаҳояшро амалӣ карда тавонад, инчо оҷиз будани Аллоҳу таъоло, астағфируллоҳ, пеш меояд. Аллоҳу таъоло аз ачзу нотавонӣ пок ва дур аст. Танҳо иродакардаи Ӯ ичро мешавад. Созандаву офарандаву ҳасткунандаи ҳама чиз танҳо Ӯст. Худовандӣ ингуна мешавад. Барои инсонҳо (инро офарид, вайро офаридем, онро офариданд) гуфтану навиштан, бисёр бечо ва нодуруст аст. Дар муқобили Аллоҳу таъоло беадабӣ ва сабаби куфр мешавад.

[Ҳаракатҳои ихтиёрии бандаҳо бо иродаҳои худашон набуда, ҳатто худашон бехабар, бисёр ҳодисаҳои физикиву кимиёиву физиологӣ ба майдон меояд. Он олимоне, ки ин нозукиро фаҳмидаанд, ҳаракатҳои ихтиёрии худро “офаридам” гуфтан як тараф истад, ҳатто аз “ман кардам” гуфтан ҳаё мекунанд. Аз Аллоҳу таъоло ҳаё мекунанд. Оне, ки маълумот, фаҳмиш ва адаб надорад, дар ҳама ҳол аз гуфтани ҳама чӣ, ки ба забонаш меояд, ҳаё намекунад.

Аллоҳу таъоло дар дунё ба ҳама инсонҳо раҳм мекунад. Чизҳои эҳтиёҷдоштаашонро офарида, ато мекунад. Барои дар дунё дар роҳати ҳузур зиндагӣ кардани бандагон ва дар охират саодати абадиро ба даст овардани онҳо чӣ кор карданашон лозим аст, онро возеҳу равшан муайян кардааст. Аз миёни онҳое, ки ба фиреби нафсашон, рафиқи бад, китобҳои зараранок ва радиоҳо афтода, ба роҳи куфру залолат мераванд, хостаашро ба ҳидоят расонда онҳоро ба роҳи рост мебарад. Ба золимон ин неъматро эҳсон намекунад. Онҳоро дар умқи хостаҳояшон, дар ботлоқи инкорҳояшон мегузорад]. Инчо тарҷумаи китоби **“Эътиқоднома”** ба поён мерасад. Тарҷумони он Ҳоҷӣ Файзуллоҳ Афандӣ мебошад. Аз шаҳраки Камоҳи Эрзинҷон аст. Солҳои

зиёд дар Соке мударрисӣ кардааст ва соли 1323 [1905 – и мелодӣ] вафот кардааст. Нависандаи китоб бошад, Мавлоно Холиди Бағдодии Усмонӣ (қуддиса сирруҳу) соли 1192-и ҳичрӣ дар шарқи Бағдод, дар Шаҳрузур таваллуд шуда соли 1242, [1826-и мелодӣ] дар Шом вафот кардааст. Аз сабабе, ки аз насли Усмони Зиннурайн (разияллоҳу анҳ) аст, Усмонӣ номаш мебаранд. Вақте бародараш аз Мавлоно Маҳмуд Соҳиб ҳадиси дуюми китоби **"Ҳадиси Арбаъин"** ва ҳадиси машҳуре бо номи **"Ҳадиси Ҷабраил"**-и Имоми Нававиро омӯзонда буд, Мавлоно Маҳмуд Соҳиб аз бародараш шарҳу маънидоди ин ҳадисро талаб карда буд. Мавлоно Холид барои хушнудии қалби нуронии бародараш онро қабул карда, ҳадиси шарифро ба забони форсӣ шарҳ дод.

Бихезу бикшо чашми ақл, тавалло ку Худовандро,
Аз он роҳ машав бероҳ, тавалло кун Худовандро.

Гузор панҷ вақт намозатро, бигир рӯзаи Рамазонро,
Бидеҳ закотатро, гар дороӣ, тавалло кун Худовандро.

Рӯзе ояд, ки набинад чашмат, нашнавад гӯшат,
Фурсат ба даст н-ояд ҳар дам, тавалло кун Худовандро,

Ғанимат дон офиятро, неъмат дон ҳар дақиқатро,
Пойбанди амраш бош, тавалло кун Худовандро.

Магзарон умратро тиҳӣ, мадеҳ бар нафсат қувват,
Бархез! Мабош дар ғафлат, тавалло кун Худовандро.

Ноумед ҳаргиз машав, гар гуноҳат мисли кӯҳ бошад,
Авфаш карамаш беҳад аст, тавалло кун Худовандро.

Раҳмати вақти саҳар, меборад дар ҳар мамлакат,
Қалб пок мешавад он дам, тавалло кун Худовандро.

Номи Худоро ёд кун, қалбу руҳро шод кун,
Мисли булбул фарёд кун, тавалло кун Худовандро.

- 5 -
МАКТУБИ ШАРАФУДДИН МУНИР
(раҳимаҳумуллоҳу таъоло)
(Сабабҳоро ичро кардан лозим)

Яке аз бузургони олимони Ислом, Шарафуддин Аҳмад бин Яҳё Мунирӣ (раҳматуллоҳи алайҳи), ки дар Ҳиндустон ба воя расидааст, дар мактуби ҳаждаҳуми китоби форсии **“Мактубот”** мефармояд:

Бисёре аз инсонҳо бо шубҳаву хаёл ҳаракат карда хато мекунанд. Баъзе аз ингуна фикрҳои вайрон инҳо ҳастанд, ки мегӯянд: *“Аллоҳу таъоло ба ибодатҳои мо эҳтиёҷ надорад. Аз ибодатҳои мо ба Ӯ ҳеҷ фоидае нест. Ибодатҳо ва исёни инсонҳо дар назди бузургии Ӯ баробаранд. Онҳое, ки ибодат мекунанд, беҳуда заҳмат мекашанд”*. Ин гуна фикр кардан хатост. Аз сабабе, ки Исломро намедонанд, ин тавр мегӯянд. Онҳо фикр мекунанд, ки ибодатҳои мо барои Аллоҳу таъоло фоидаовар аст ва барои ҳамин амр шудааст. Ин гуна фикр кардан хатои маҳз аст. Ин чизи имконнопазирро имконпазир фикр кардан аст. Фоидаи ибодати кардаи ҳар як инсон танҳо ба худаш аст. Инро Аллоҳу таъоло дар сураи **(Фотир)** ояти ҳаждаҳум возеҳу равшан хабар додааст. Инсоне, ки ин гуна фикр мекунад, ба монанди беморест, ки парҳез намекунад. Духтур ба ин бемор парҳез мефармояд ва бемор “агар парҳез накунам, ба духтур ҳеҷ зарараре намерасад”, - гӯён парҳез намекунад. Ба духтур зарараре надорад гуфтанаш дуруст аст. Аммо ба худаш зарар мерасонад. Табиб, на барои фоидаовар будан ба худаш, балки барои аз беморӣ наҷот ёфтани шахси бемор ба ӯ парҳез кардан-ашро тавсия медиҳад. Тавсияи духтурро гӯш кунад, шифо меёбад. Итоат накунад, мурда меравад. Ва табибро аз ин ҳеҷ зарараре намерасад.

Як қисми онҳое ки ин гуна нодуруст фикр мекунанд, ҳеҷ ибодат намекунанд, аз ҳаром дурӣ намеҷӯянд, яъне аз таълимоти Ислом пайравӣ намекунанд. Онҳо *“Аллоҳ карим аст. Раҳим аст. Ба бандаҳояш раҳм мекунад. Авфаш беҳисоб аст. Ҳеҷ касро азоб намекунад”* мегӯянд. Бале, суханҳои аввалашон дуруст аст. Фақат, суханони охирашон дуруст нест. Инҷо шайтон онҳоро фиреб медиҳад. Ба исён тела дода истодааст. Оне, ки ақл дорад, аз шайтон пайравӣ намекунад. Чӣ тавре ки Аллоҳу таъоло раҳиму карим аст, азобаш ҳам шиддатнок аст. Азобаш ҷонсӯз аст. Дар ин дунё инсонҳое, ки дар фақириву мушкилиҳо зиндагӣ доранд, хеле зиёданд. Бисёре аз бандаҳояшро дар азобу машаққат ҳаёт

ба сар мебаронад. Дар ҳоле ки бисёр Карим ва Раззоқ аст, бе машаққати зироат коштану деҳқонӣ накардан, як пораи нон ҳам намедиҳад. Дар ҳоле ки ҳамаро Ӯ ҳаёт мебахшад, инсонеро, ки намехӯрад ва намепӯшад, зинда намегузорад. Бемореро, ки дору истифода намекунад, шифо намедиҳад. Барои зиндагӣ кардан, бемор нашудан, соҳиби мол шудан, мисли инҳо барои ҳама неъматҳои дунё сабабҳо офаридааст ва ба онҳое, ки сабабҳоро риоя ва ё иҷро намекунанд, ҳеҷ раҳм накарда, аз неъматҳои дунё маҳрум гузоштааст. Доруву давоҳо ду навъ мешаванд: моддӣ ва маънавӣ. Доруву давоҳои маънавӣ, ки ҳама бемориро табобат мекунад, ин садақа додан ва дуо кардан аст. Дар ин бора ҳадисҳои **“Садақа дода беморонатонро табобат кунед”** ва **“Истиғфори бисёр кардан ба ҳама дардҳо давост”** мавҷуд аст. Илоҷҳои моддӣ бисёранд. Онҳоро метавон дар таҷриба фаҳмид. Истифодаи илоҷҳои маънавӣ барои ёфтани илоҷҳои моддӣ ёрӣ мерасонад. Расидан ба неъматҳои охират ҳам ин гуна аст. Кофириро ба монанди захре офаридааст, ки қалбу рухро мекушад. Танбалӣ ҳам рӯҳро хаста мекунад. Инҳоро агар даво накунем, рӯҳ бемор шуда мемирад. Илоҷи ягонаи куфру ҷоҳилӣ имон ва маърифат аст. Илоҷи танбалӣ бошад, намоз хондан ва ҳама ибодатҳоро кардан аст. Оне, ки дар дунё захр менӯшад ва гӯяд, ки “Аллоҳ раҳим аст, аз зарари захр маро эмин нигоҳ медорад”, бемор шуда, мурда меравад. Касе, ки исҳол дорад, равғани ҳинд истеъмол кунад, [ва ё касе, ки касали қанд дорад, ширинӣ ё торт хӯрад] бемориаш авҷ мегирад. Аз сабабе, ки бадани инсон нозук аст, эҳтиёҷот ҳам [хӯрок, либос, хона] бисёр лозим мешавад. Инҳоро ёфта мувофиқи таълимоти ислом истифода бурда тавонистан, тайёр шудан бисёр муфид аст. Барои ин корҳоро ба осонӣ ва ба роҳат анҷом додани инсон дар инсонҳо як қувваи дигар **(нафс)** офарида шудааст. Барои дар ҳайвонҳо офарида шудани ин қувва ягон сабабе мавҷуд нест. Нафс чизҳову корҳоеро, ки барои бадан лозиманд, кардан мехоҳад. Бисёртар кардани ин корҳо ба нафс хуштар меояд. Хоҳишоти нафсро **(шаҳват)** мегӯянд. Истифодаи бисёри шаҳват бе маслиҳати ақл, ба қалбу бадан зарар меорад ва гуноҳ мешавад. Нигаред ба сах. 32 - и **“Саъодати абадия”.**

Як қисми онҳое, ки фикрҳои вайрон доранд, бо гуруснагӣ риёзат кашиданро нишон медиҳанд. Ҳамин тавр, хоҳишоти шаҳвату ғазаб ва саргармиҳоеро, ки Ислом намеписандад, аз решааш нест кардан мехоҳанд. Фикр мекунанд, ки Ислом нест кардани инҳоро амр мекунад. Муддати зиёд машаққати гуруснагиро кашида, мебинанд, ки ин

хоҳишоти бад нест намешавад. Ва фикр мекунанд, ки Ислом чизҳои имконнопазирро амр мекунад. *“Ислом ин гуна амр намекунад. Хӯйҳое, ки аз офариниши инсон бо ӯ ҳастанд, нест намешаванд. Кӯшиши аз инҳо халос шудан, мисли кӯшиши зангиро сафед кардан аст. Кӯшиши чизи имконнопазирро кардан, умрро беҳуда сарф кардан аст”.* Инҳо хато фикр карда, хато кор мекунанд. Ҳол он ки Ислом ин гуна амр мекунад гуфтанашон ҷоҳилӣ ва аҳмақие беш нест. Зеро Ислом нест кардани ғазабу шаҳвату сифатҳои инсонро амр намекунад. Ин тавр гуфтан, буҳтони бузурге бар сари Ислом мешавад. Агар Ислом ин гуна амр мекард, соҳиби дин Муҳаммад алайҳиссалом ин гуна сифатҳоро намедошт. Дар ҳоле ки **“Ман инсонам. Мисли ҳама ман ҳам ғазабнок мешавам”** мегуфт. Аҳён-аҳён ғазабнок шуданаш дида мешуд. Ғазабӣ шуданаш ҳамеша барои Аллоҳу таъоло мешуд. Аллоҳу таъоло дар сураи Оли Имрон, ояти яксаду сию чор касонеро, ки **(хашми худро фурӯ мебаранд),** мадҳ мекунад, на онҳоеро, ки ғазаб намекунанд. Оне, ки фикр мекунад, ки инсон бояд шаҳваташро нест кунад, бисёр ҳам фикри хатост. Издивоҷ кардани Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо нӯҳ ҳамсарашон, хато будани ин фикрро ҳам нишон медиҳад. Касеро ки шаҳваташ кам мешавад, барои барқарор карданаш бояд илоҷ истифода кунад. Ғазаб ҳамин гуна аст. Инсон завҷа ва фарзандашро бо сифати ғазабаш муҳофизат мекунад. Ба муқобили душманони Ислом, бо ёрдами ин сифат ҷиҳод мекунад. Инсон баъд аз соҳиби фарзанд шудан ва пас аз вафоташ ба хотири фарзандонаш бо шаъну шараф ёд карданаш бо ёрии шаҳваташ мешавад. Инҳо, сифатҳоеанд, ки Ислом мадҳ кардааст, писандидааст ва таъриф кардааст.

Ислом на нест кардани шаҳвату ғазаб, балки ҳоким шудан ба ҳардуи онҳо ва истифодаи онҳоро дар чаҳорчӯбаи дин амр мекунад. Чӣ хеле ки ба савора ва шикорчӣ на нест кардани аспу сагашон, балки онҳоро тарбия карда ба фоидаи худашон истифода бурданашон лозим аст, шаҳвату ғазаб ба мисли саги шикорчӣ ва аспи савора аст. Ин ду агар набошанд, неъматҳои охиратро шикор карда намешавад. Фақат аз инҳо фоида гирифтан, онҳоро тарбия карда мувофиқи дин истифода кардан лозим аст. Агар тарбия нашаванд, ҷонвар шуда ҳудудҳои динро гузаранд, инсонҳоро дар ҳалокат меандозанд. Риёзат кардан барои ин ду сифатро нест кардан набуда, балки барои тарбияи онҳо ва истифодаи онҳо дар чаҳорчӯбаи дин аст. Иҷрои ин барои ҳар кас имкон дорад. Маданият истифодаи қувваи атомӣ ва сохтани ҳавопаймоҳои

низомӣ нест. Маданият инҳоро ба фоидаи инсоният истифода бурдан аст. Ин ҳам бошад, бо итоату пайравӣ аз ислом ба даст меояд.

Агар ба қисми чаҳоруми андешаҳои нодуруст бирасем, мебинем, ки инҳо худашонро фиреб медиҳанд. Онҳо мегӯянд, ки "*Ҳама чиз дар азал навишта шудааст. Кӯдак пеш аз ба дунё омаданаш* ***(саъид)*** *ва ё* ***(шақӣ)*** *шуданаш маълум аст. Барои ҳамин ҳам ибодат кардан фоидае надорад"*. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) иваз нашудани қазо ва қадар, ҳама чиз дар азал навишта шуданашро фаҳмониданд ва асҳоби киром ҳам гуфтанд: "Ба тақдири дар азал буда бовар кунем, ибодат накунем". Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар муқобили ин суханҳо чунин гуфтанд: **"Ибодат бикунед! Иҷрои кардани ҳамаи он чизе, ки дар азал тақдир карда шудааст, ба ҳар як шахс осон мешавад".** Яъне касеро, ки Аллоҳу таъоло дар азал саид муайян кард, он дар дунё амалҳои саодатмандонро анҷом медиҳад. Аз ин бармеояд, ки ибодат кардани касоне, ки саид гуфта шудаанд ва исён кардани касоне, ки шақӣ гуфта шудаанд, монанди он аст, ки шахсоне, ки ҳаёти осоишта доштанашон дар азал тақдир карда шудааст, хӯрок мехӯранд ва муолиҷа мегиранд. Аммо онҳое, ки бемор шудану мурданашон дар азал тақдир шудааст, хӯрок намехӯранду муолиҷа намегиранд. Оне, ки аз гуруснагиву беморӣ мурданаш дар азал навишта шудааст, хӯроку илоҷ гирифтану истифода бурдани онҳо насиб намешавад. Агар доро шудани касе дар азал барояш тақдир шуда бошад, роҳҳои касб кардан ва ба даст овардани мол барояш кушода мешавад. Оне, ки мурданаш дар шарқ барояш тақдир шудааст, роҳҳои ба ғарб рафтанаш баста мешавад. Чи тавре, ки шунидаем, Азроил алайҳиссалом ба назди ҳазрати Сулаймон омада, ба марде, ки дар бари ӯ менишаст, бодиққат нигоҳ кард. Вақте Азроил алайҳиссалом меравад, ин мард аз ин нигоҳи сарди Азроил тарсида, аз Сулаймон алайҳиссалом хоҳиш мекунад, ки ба шамол амр кунад, то ӯро ба шаҳре аз шаҳрҳои дури Ҳиндустон барад ва аз Азроил алайҳиссалом наҷот ёбад. Вақте Азроил алайҳиссалом бори дигар омад, Сулаймон алайҳиссалом аз ӯ пурсид, ки чаро ба он мард нигоҳи сард кардааст. Азроил алайҳиссалом чунин ҷавоб дод: "Баъд аз як соат барои ҷони ӯро дар Ҳиндустон гирифтан амр шудаам. Вақте ки ӯро дар бари ту дидам, аз ҳайрат ба ӯ бодиққат нигоҳ кардам. Аммо ба амр итоат карда ба Ҳиндустон рафтам ва ӯро онҷо ёфтам ва ҷонашро ситонидам". [Ин қисса дар **"Маснавӣ"-**и Ҷалолиддини Румӣ (раҳимаҳумуллоҳу таъоло)[31] батафсил оварда шудааст]. Маълум

31 Ҷалолуддини Румӣ соли 672 [1273-и мелодӣ] дар Қунияи Туркия вафот кардааст.

мегардад, ки он чизе ки дар азал тақдир мешавад, як амри оддӣ набуда, балки илм аст. Нигаред ба саҳифаи 63! Ин мард барои иҷро шудани қадаре, ки дар азал навишта шудааст, аз Азроил алайҳиссалом тарсид. Сулаймон алайҳиссалом ба ӯ итоат кард. Тақдири дар азал буда ба сабабҳои бо ҳам алоқаманд ба ҷо оварда шуд. Ба мисли ин имон овардани касе, ки дар азал саид гуфта шудааст, бо риёзату бо дуруст кардани одатҳои бад насиб мешавад. Сураи **(Анъом)** ояти 125-ум ба ин маънӣ мефармояд: "**Аллоҳу таъоло ба қалби касе, ки ҳидояташро мехоҳад, исломро ҷой мекунад"**. Оне, ки шақӣ шуданаш дар азал тақдир шудааст, яъне ба ҷаҳаннам рафтанаш тақдир шудааст, мегӯяд: "Ибодат кардан лозим нест, ҳама саид ва шақӣ шуданаш аз азал маълум аст". Ин тавр фикр карда, ибодат намекунад. Ин гуна фикр кардаву ибодат накарданаш, аз азал шақӣ шудани он касро нишон медиҳад. Ба ҳамин монанд, касе ки ҷоҳил монаданаш дар азал тақдир шудааст, мегӯяд: "Ҳама чиз дар азал тақдир шудааст, хондану омӯхтани касе, ки ҷоҳил аст, фоиде надорад. Ҳамин тавр, намехонаду намеомӯзад ва ҷоҳил мемонад. Барои касе, ки зироат кишт карда ҳосили фаровон гирифтанаш тақдир шудааст, заинашро шудгор кардану тухм коштан насиб мешавад. Имон овардану ибодат кардани онҳое, ки дар азал саид гуфта шудаанд ва кофир шудану исён кардани онҳое, ки дар азал шақӣ гуфта шудаанд, ҳамин гуна аст. Касе, ки ахмақ аст, инро намефаҳмад. Мепурсад, "Байни имон овардану ибодат кардан ва аз азал саъид будан ва ё куфру исён кардану аз азал шақӣ будан чӣ муносибате ҳаст?". Ҳатто кӯтоҳақлон низ ин муносибатро фаҳмидан мехоҳанд. Кӯшиши ҳама чизро бо ақли кӯтоҳи худ ҳал карданро мекунанд. Дар ҳоле ки ақли инсон маҳдуд аст. Он чизҳоеро, ки ақл намегираду намефаҳмад, кӯшиши фаҳмидан кардан, худ як беақливу аҳмақие беш нест. Онҳое, ки ин тавр мекунанд, аҳмақ буданашон маълум мешавад. Исо алайҳиссалом чунин мефармояд: "Кӯрҳои модарзодро бино кардан ва ё мурдаро зинда кардан ба ман душвор наомад, аммо сухани ҳакро ба аҳмақон фаҳмонида натавонистам". Аллоҳу таъоло бо илму ҳикмати беохираш баъзе аз бандаҳояшро ба дараҷаи малоика баланд мебардорад. Ҳатто аз малоика ҳам баланд. Ва баъзеашро ҳам ба мартабаи сагу хуки мурда поён мефарорад. Тарҷумаи мактуби 18-ум инҷо ба итмом расид!

Дар китоби **"Мактубот"**-и Шарафуддин Аҳмад бин Яҳё сад мактуб гирдоварӣ шудааст. Соли 741 [1339-и мелодӣ] навишта шуда, соли 1329 [1911-и мелодӣ] дар Ҳиндустон ба табъ расидааст. Дар Истанбул, дар китобхонаи Сулаймония дастнависаш нигаҳдорӣ мешавад. Дар мактуби 78 ум чунин мефармояд:

“Саодат” маънои ҷаннатӣ буданро дорад. **“Шақоват”** ҳам ҷаҳаннамӣ буданро ифода мекунад. Саодату шақоват ба мисли ду хазинаи Аллоҳу таъоло аст, ки калиди хазинаи аввалӣ тоату ибодат аст. Ва калиди хазинаи дуюм маъсияту гуноҳҳо мебошанд. Аллоҳу таъоло саид ва ё шақӣ шудани ҳар як шахсро аз азал медонист. Ин илмро **(қадар)** меноманд. [Инро навишти пешонӣ ҳам мегӯем]. Оне, ки саид шуданаш дар азал муайян шудааст, итоати Аллоҳу таъолоро мекунад. Ва оне, ки шақӣ шуданаш маълум аст, ҳамеша гуноҳ анҷом медиҳад. Дар дунё ҳар кас саид ва ё шақӣ буданашро аз амалаш фаҳмида метавонад. Олимони дин, ки ҳамеша дар фикри охиратанд, саид ва шақӣ будани ҳар касро ин гуна мефаҳманд. Олими дине, ки ба дунё дода шудааст, инро фаҳмида наметавонад. Ҳар як иззату неъмат ба Аллоҳу таъоло бо ихлос итоат ва ибодат кардан аст. Ҳар як бадиҳову мушкилиҳо бошад, аз анҷом додани гуноҳ ҳосил мешавад. Дарду бало бар сари ҳар кас дар натиҷаи гуноҳ кардан меояд. Роҳат ва ҳузур бошад, аз роҳи итот ба даст меояд. [Одати Аллоҳу таъоло ин гуна аст. Инро касе иваз карда наметавонад. Он чизе, ки ба нафс осон ва ширин метобад, набояд саодат фикр кард. Ва он чизҳоеро, ки ба нафс душвор ва талх метобад, набояд шақоват ва фалокат фикр кард]. Нафаре, ки солҳо умрашро дар Қудс, дар Масҷиди Ақсо, бо тасбеҳ ва ибодат мегузаронд, аз сабабе ки шартҳои ибодату ихлосро наомӯхта буд, бо тарки як саҷда он қадар зарар дид, ки ҳалок шуд. Саги асҳоби Қаҳф бошад, бо вуҷуди он, ки наҷас буд, аз сабабе, ки аз паи сиддиқон рафта буд, он қадар мартабаи баландеро соҳиб шуд, ки ҳеҷ наафтод. Ин ҳол инсонро дар ҳайрат мегузорад. Асрҳост, ки олимон ин сирро фаҳмида наметавонанд. Ақли инсон ҳикмати инро намефаҳмад. Ба Одам алайҳиссалом гуфта шуд, ки аз гандум истеъмол накунад, аммо аз сабабе, ки истеъмол карданаш дар азал тақдир шуда буд, истеъмол кард. Ба Шайтон амр шуд, то ба Одам алайҳиссалом саҷда кунад, аммо саҷда накарданаш дар азал навишта шуда буд. Фармуд: “Маро ҷӯед”. Аммо инсонҳои беихлосро маҷбуран тарғиб накард. Мусофирони роҳи илоҳӣ ғайр аз “ҳеҷ чиз нафаҳмидем” гуфтан, дигар чизе гуфта натавонистанд. Ӯ ба имон овардану ибодат кардани инсонҳо ҳеҷ эҳтиёҷе надорад. Куфр варзидану гуноҳ анҷом доданашон ҳам ба Ӯ ҳеҷ зарареро намерасонад. Ӯ ба махлуқот ҳеҷ этиёҷе ҳам надорад. Илмро барои тоза кардани зулмат ва ҷаҳлро барои гуноҳ кардан сабаб гардонид. Аз илм, имону тоат тавалуд мешаваду аз ҷаҳл куфру гуноҳ. Тоат агар бисёр хурд ҳам бошад, набояд онро аз даст дод. Ва гуноҳ, агар бисёр хурд ҳам бошад, набояд

ба он наздик шуд. Олимони Ислом фармуданд, ки се чиз ба се чиз сабаб мешавад. Тоат сабаби ба даст овардани ризоияти Аллоҳу таъоло мешавад. Гуноҳ кардан сабаби ғазаби Аллоҳу таъоло мешавад. Ва имон овардан, сабаби бошараф ва пурқиммат будани инсон мегардад. Барои ҳамин ҳам, аз анҷом додани гуноҳони хурд ҳам мебояд эҳтиёт кард. Чунки ғазаби Аллоҳу таъоло айнан дар ҳамон гуноҳ буда метавонад. Шахси муъмин ҳар як муъмини дигарро бояд аз худ болотар ва беҳтар ҳисобад. Зеро шояд он муъмин бандаи бисёр ҳам дӯстдори Аллоҳу таъоло бошад. Тақдире, ки дар азал барои ҳар кас навишта шудааст, онро ҳеҷ кас иваз карда наметавонад. Аллоҳу таъоло хоҳад, ҳатто шахсеро, ки ҳамеша гуноҳ кардааст ва ҳеҷ тоате накардааст, мебахшад. Сураи Бақара ояти 30 низ ҳамин маъниро ифода мекунад, ки вақте малоик гуфтанд: **“Эй Рабби! Оё касеро меофаринӣ, ки дар замин фасод кунад ва хун бирезад?”** Аллоҳу таъоло дар ҷавоб нагуфт, ки: “Онҳо фасод намекунанд”, балки фармуд: “**Он чиро ман медонам, шумо намедонед”**. Фармуд: “Онҳоеро, ки лоиқ нестанд, лоиқашон мекунам, дурмондаҳоро наздик месозам. Онҳое, ки залилу бечорааанд, азиз медорам”. Агар шумо ба кори онҳо нигаред, ман ба имони дар қалбашонбуда менигарам. Шумо ба бегуноҳ буданатон менигаред, онҳо ба раҳмати ман паноҳ мебаранд. Чӣ тавре, ки бегуноҳии шуморо дӯст медорам, авф кардани гуноҳони онҳоро ҳам дӯст медорам. Оне, ки ман медонам, шумо дониста наметавонед. Имондоронро ба лутфи азалиям расонда, бо лутфи абадиям ҳамеша сарашонро сила мекунам. Тарҷумаи мактуби 78-ум ба итмом расид.

Шарафуддин Аҳмад бин Яҳё Мунирӣ (раҳматуллоҳи таъоло алайҳи) соли 782 [1380-мелодӣ] вафот кардааст. Дар Ҳиндустон, дар шаҳри Биҳор зиндагӣ кардааст. Қабраш ҳам дар он ҷост. Мунир номи яке аз деҳаҳои шаҳри Биҳор аст. Тарҷумаи ҳолаш дар китоби **“Ахбор-ул-ахёр”-**и Шоҳ Абдулҳақи Деҳлавӣ (раҳматуллоҳи таъоло алайҳи) батафсил оварда шудааст. Ин китоб форсӣ буда, соли 1332 [1914 – и мелодӣ] дар Ҳиндустон, шаҳри Диёбанд ва баъдтар дар Лаҳори Покистон ба табъ расидааст. Китобҳои **“Иршоду-с- соликин”, “Мадин-ул-маъонӣ”, “Мактубот”** бисёр китобҳои пурқиммат ҳастанд.

[Имоми Раббонӣ (раҳматуллоҳи алайҳи) дар мактубҳои мухталифаш чунин мефармояд: “Амркардаҳои Аллоҳу таъолоро **(фарз)** меноманд. Ва манъкардаҳояшро **(ҳаром)** гӯянд. Он чизҳое, ки фарз ва ё ҳаром нестанд, яъне инсон дар анҷом додан ё истифодаи онҳо озод

аст, **(мубоҳ)** мегӯянд. Фарзҳоро бачо овардан, аз ҳаромҳо дурӣ ҷустан ва мубоҳҳоро барои ризогии Аллоҳ анҷом доданро **(ибодат кардан)** меноманд. Барои саҳеҳ ва мақбул шудани ибодат, моро **(илм)** мебояд**,** яъне шартҳои дуруст анҷом додани ибодатро омӯхта, **(амал),** яъне мутобиқ ба ҳамон шартҳо ва бо **(ихлос)** анҷом диҳем. Ихлос ин фикр накардани пулу мол, мавқеъ, шуҳрат ва манфиатҳои дунявӣ буда, корро танҳо ба хотири он, ки Аллоҳу таъоло амр кардааст ва барои ризоияту муҳаббати Ӯро ба даст овардан, анҷом додан мебошад. Илмро бо омӯхтани китобҳи фиқҳ бо роҳнамоии Устод метавон ба даст оварда. Ва ихлосро бо хондани китобҳои тасаввуф ва бо гӯш андохтан ба суханони валиён ва аз ҳолу ҳаракатҳои онҳо ба даст овардан мумкин аст. Илмҳои Ислом ду навъанд: маълумотҳои динӣ ва маълумотҳои илмӣ. Инҳоро ба қадри лозима омӯхтан фарз аст. Масалан, дар бораи тарзи истифодаи илоҷ, миқдор ва истифодаи қувваи барқу мошинаи электрикӣ каме ҳам бошад, маълумот доштан фарз аст. Дар ғайри ин сурат ба марг сабаб шуда метавонад. Мусалмоне, ки ба фарзҳову ҳаромҳо бовар дораду аз танбалӣ ва ё аз таъсири дӯсти бад ибодатҳояшро бачо намеорад ва дар ин ҳол тавба накарда вафот кунад, то тамом шудани гуноҳҳояш дар ҷаҳаннам месӯзад. Мусалмоне, ки фарзҳоро наомӯзад, донад ҳам, аҳамият надиҳад, аз Аллоҳу таъоло натарсида онҳоро тарк кунад ва ҳеҷ ғамгин ҳам нашавад, аз мусалмонӣ баромада, кофир мешавад. Дар ҷаҳаннам то абад месӯзад. Анҷом додани ҳаромҳо ҳам ҳамин гуна аст. Илму шартҳои ибодатро наомӯхта ва надониста ибодат кардан, агарчи бо ихлос бошад ҳам, саҳеҳ намешавад. Гӯё, ки ҳеҷ ибодат накарда бошад, дар ҷаҳаннам месӯзад. Оне, ки шартҳоро медонаду диққат мекунад, ибодаташ саҳеҳ мешавад ва аз азоби ҷаҳаннам наҷот меёбад. Агар бо ихлос накарда бошад, ин ибодат ҳам ва ҳеҷ як кори некаш ҳам қабул намешаваду савобе ба даст намеорад. Аллоҳу таъоло написандидани ин гуна ибодату хайроту ҳасанотро возеҳ хабар додааст. Ибодате, ки бе илму ихлос анҷом дода мешавад, фоидае надорад. Инсонро аз куфру гуноҳ ва азоб наҷот дода наметавонад. Мунофиқоне, ки тамоми умр ибодат кардаанд, аммо дар ҳоли куфр вафот кардаанд, кам нестанд. Ибодате, ки бо илму бо ихлос иҷро мешавад, дар дунё инсонро аз куфру гуноҳ наҷот дода азиз мегардонад. Дар охират ҳам аз азоби ҷаҳаннам наҷот ёфтанашро Аллоҳу таъоло дар сураи Моида ояти 9 ва дар сураи Аср ваъда додааст. Аллоҳу таъоло дар ваъдааш содиқ аст. Ба ваъдааш албатта, вафо мекунад)].

- 6 -
АЛЛОҲ ТАЪОЛО ҲАСТ ВА ЯГОНА АСТ, ТАМОМИ МАВҶУДОТ ҒАЙРИ Ӯ ДАР ҲОЛАТИ НЕСТӢ БУДАНД ВА БОЗ НЕСТ МЕШАВАНД

Мавҷудоти атрофамонро бо узвҳои эҳсосамон мешиносем. Чизҳоеро, ки ба узвҳои эҳсоси мо таъсир мекунад, **(мавҷудот)** [махлуқот] мегӯянд. Таъсирҳо ба панҷ узви ҳисси мавҷудотро **(хусусият)** ва ё **(сифат)** меноманд. Равшанӣ, садо, об, ҳаво, шиша ҳар як **(мавҷудот)** аст. Вазн, яъне мавҷудоте, ки ванинӣ ва ҳаҷм доранд ва дар холигӣ ҷоеро ишғол мекунанд, **(ҷавҳар)** ва ё **(модда)** мегӯянд. Моддаҳо аз якдигар бо сифатҳову хусусиятҳояшон фарқ мекунанд. Ҳаво, об, санг ва шиша ҳар кадом як модда ҳастанд. Равшанӣ, садо бошад, модда нестанд. Чунки, равшанӣ ва овоз ҷой намегиранд, вазн надоранд. Ҳар як мавҷудот дорои **(энергия),** яъне **(қудрат)** ва ё қувва ҳастанд. Яъне кор анҷом дода метавонанд. Ҳар як модда дар се ҳолат буда метавонад: газ, моеъ ва сахт. Моддаҳои сахт шаклҳои худашонро доранд. Аммо моддаҳои газӣ ва моеӣ як шакли муайян надоранд. Инҳо шакли ҳамон зарф ё ҷисмеро мегиранд, ки дар дохили онанд. Ҳолати шаклгирии моддаро **(ҷисм)** меноманд. Моддаҳо ҳамеша дар шакли ҷисманд. Яъне шаклҳояшон гуногун аст. Ҳамаашон аз моддаи оҳан сохта шудаанд. Ҷисмҳо ду навъанд: ҷисмҳои содда ва мураккаб.

“Олам мутағаййир аст”, яъне ҳар замон, дар ҷисм дигаргуниҳо мешавад. Масалан ҳаракат карда ҷой иваз мекунанд. Бузург мешавад, хурд мешавад. Рангаш иваз мешавад. Ҷондор бошад, бемор мешавад, мемирад. Ин дигаргуниҳоро **(ҳодиса) м**егӯянд. Бе таъсири беруние ба модда ҳеҷ дигаргуние намешавад. Вақте, ки ҳодисае ба вуқуъ мепайвандад, сохти модда вайрон нашавад ва хусусияташ дигар нашавад, инро **(ҳодисаи физикӣ)** меноманд. Даронда шудани қоғаз, ин ҳодисаи физикӣ аст. Барои дар модда як ҳодисаи физикӣ ба вуҷуд овардан, як қувваи беруна лозим аст, ки таъсир кунад. Ҳодисаҳое, ки сохту хусусиятҳои моддаро иваз мекунанд, **(ҳодисаҳои химиявӣ)** меноманд. Сӯхта хокистар шудани коғаз ҳодисаи химиявӣ аст. Барои ҳодисаи химиявиро ба вуҷуд овардан дар як модда, таъсири як моддаи дигар низ лозим аст. Таъсири ду ва ё зиёда моддаро ба якдигар, ки сабаби ҳодисаи химиявӣ дар ҳар кадомашон мешавад, **(реаксияи химиявӣ)** мегӯянд.

Барои реаксияи химиявӣ анҷом додан бо модда, яъне таъсир карданашон бо хурдтарин порчаҳо мешавад. Ин хурдтарин порчаҳои моддаҳоро **(ҷавҳар-ул-фард)** ва ё **(атом)** меноманд. Ҳама ҷисмҳо аз атомҳо ташаккул ёфтаанд. Яъне, ҷисм маҷмуи атомҳо аст. Агар сохти атомҳо ба якдигар монанд ҳам бошад, бузургиашон ва вазнашон гуногун аст. Азбаски 105 намуд атом вуҷуд дорад, 105-то ҷисмро медонем. Бузургтарин атом ҳам ба андозае, ки ба микроскоп дида наметавонем, хурд аст. Дар як ҷо ҷамъшавии атомҳои ба ҳам монанд, **(ҷисми сода)** ва ё **(элемент)** – ро ҳосил мекунад. Аз сабабе, ки 118 намуди атом вуҷуд дорад, ҷисмҳои сода ҳам 118 намуд мешаванд. Оҳан, сулфур, меркурӣ, оксиген, ангишт ҳар кадом як элемент ҳастанд. Ҷисмҳое, ки аз атомҳои гуногун ба миён омадаанд, **(ҷисми мураккаб)** меноманд. Садҳо ҳазор ҷисмҳои мураккаб мавҷуд аст. Об, спирт, намак, оҳак ва ғайра ҷисмҳои мураккабанд. Ҷисмҳои мураккаб, аз якҷошавии ду ва ё зиёда ҷисмҳои содда ҳосил мешаванд. Ҷисмҳои содда бошанд, аз якҷошавии атомҳо бо якдигар ҳосил мегарданд.

Ҳамаи ҷисмҳо, масалан кӯҳҳо, баҳрҳо, ҳама намуди растаниҳо ва ҳайвонҳо ҳамеша аз он 118 элемент ба майдон омадаанд. Фасили ҳар як ҷисми ҷондору бечон, ҳамеша аз он 118 элемент сохта шудааст. Ҳамаи ҷисмҳо аз якҷояшавии як ё якчанд атомҳои ин элементҳо ҳосил мешаванд. Ҳаво, хок, об, гармӣ, равшанӣ, электр ва микробҳо ба қисм-қисм шудани ҷисмҳои мураккаб ва ё ба якҷояшавии ҷисмҳо сабаб мешавад. **(Бе сабаб ҳеҷ дигаргуни ё ивазшавӣ намешавад).** Дар ин дигаргуниҳо, элементҳо, яъне фасилҳои ин мавҷудотҳо, аз як ҷисм ба дигар ҷисм ҷой иваз мекунанд ва ё аз як ҷисм ҷудо шуда ба ҳолати озод мегузаранд. Нест шудани ҷисмҳоро мебинем. Аз рӯи мушоҳидаамон ҳукм карда фиреб мехӯрем. Зеро ин назари нест шудану ҳаст шудан, ин ивазшавии моддаҳо ҳасту халос. Нест шудани як ҷисм, масалан мурдаи дар мазор буда, ба ҳаст шудани дигар ҷисмҳо масалан, об, газ ва хок сабаб мешавад. Дар як ивазшавӣ, моддаҳои наве, ки мавҷуданд, агар ба узвҳои ҳиссамон таъсир накунад, ба майдон омадани онҳоро намефаҳмем.

Дар ҳар кадоме аз он 118 элемент, ивазшавӣ ва ҳодисаҳои химиявию физикиро дида метавонем. Як элемент, агар ба сохти таркибие дохил шавад, ба ҳолати ион мегузарад. Яъне, отомҳо электрон мегиранд ва ё медиҳанд. Атомҳои ҳар як элемент аз ҳаста ва зарротҳои хурде, ки **(электрон) –** ашон меноманд, ташкил ёфтаанд. Ҳаста дар мобайни

атом аст. Ғайр аз гидроген, ҳастаҳои ҳамаи дигар атомҳо аз доначаҳои хурди **(прутон)** ва **(нейтрон)** ташаккул ёфтааст. Прутонҳо дорои электри мусбат ҳастанд. Нейтронҳо дорои ҷувваи электрӣ намебошанд. Элелктронҳо донаҳои электрики манфӣ буда, дар атрофи ҳаста давр мезананд. Чӣ тавре ки электронҳо дар мадорашон давр мезананд, мадорашонро ҳам иваз мекунанд.

Дар ҳастаи атомҳо ҳам ивазшавӣ, порашавӣ дида мешавад, ки он аз элементҳое, ки **(радиоактив)** меноманд, ба назар мерасад. Дар ин порашавии ҳастаҳо, як элемент ба дигар элемент иваз шуда, моддаҳо нест мешаванд ва ба энергия **(қувва)** табдил меёбанд. Ин ивазшавӣ аз тарафи **(Эйнштейн)**[32] ҳатто ҳисоб карда шудааст. Аз ин бармеояд, ки чӣ тавре, ки дар ҷисмҳои мураккаб мебинем, элементҳо ҳамеша дар ҳоли ивазшавианд ва аз як ҳолат ба ҳолати дигар мегузаранд. (Ҳама моддаҳои ҷондору бечон дар ҳоли ивазшавианд. Яъне, кӯҳнааш нест шуда, наваш дар ҳолати ҳастшавӣ аст). Ҳама мавҷудоти зинда (ҳар як растанӣ, ҳар як ҳайвон), ки имрӯз вуҷуд дорад, пеш вуҷуд надошт. Дигар мавҷудот вуҷуд доштанд. Баъди як муддат мавҷудоте, ки имрӯз вуҷуд доранд, нест мешаванд ва дигар мавҷудот ҳаст карда мешаванд. Мавҷудоти бечон ҳам ҳамингуна аст. Ҳама мавҷудоти бечону ҷондор, масалан оҳан ки як элемент аст ё санге, ки аз якчанд ҷисми омехта иборат аст, устухон, ҳамаи моддаҳо, ҳамаи заррaҳо ҳамеша дар ҳоли ивазшавианд. Яъне кӯҳнаҳо нест шуда мераванд ва дигар моддаҳои нав ҳаст мешавад. Агар хусусиятҳои моддаҳое, ки мавҷуд аст, бо моддаҳое, ки нест шудаанд, монанд бошанд, ин ивазшавиро инсон намефаҳмад ва фикр мекунад, ки модда ҳама вақт вуҷуд дорад. Ин ба мисли онест, ки дар синамо лентаи филм дар ҳаракат буда, дар назди объектив ҳар замон расмҳои дигар омадаву мераванд, тамошобинон инро нафаҳмида фикр мекунанд, ҳамон як расм дар парда ҳаракат мекунад. Вақте қоғаз сӯхта хокистар мешавад, мо ин дигаргуниро мебинем ва қоғаз нест шуду хокистар ҳаст шуд мегӯем. Вақте ях об мешавад, ях нест шуд ва об ҳаст шуд мегӯем. Маълумотҳо оиди моддаҳои замони мо дар китоби **“Саодати абадия”** дар саҳифаҳои 546, 971 ва 1041-ум, ба тафсил оварда шудааст. Лутфан аз он ҷо ҳам хонед!

Дар оғози китоби **“Шарҳи ақоид”** чунин омадааст: “Аз сабабе, ки ҳамаи мавҷудот ба вуҷуд доштани Аллоҳу таъоло шаҳодат медиҳанд ва мавҷуд будани Ӯро нишон медиҳанд, махлуқотро **(олам)** номида-

32 Эйнштейн - физикдони яҳудӣ, ки соли 1375 [1955 – и мелодӣ] аз олам даргузашт.

анд. Мавҷудоти аз як ҷинс бударо ҳам олам мегӯянд. Масалан, олами инсон, олами малоик, олами ҳайвонҳо, олами моддаҳои беҷон. Ва ё ҳар як ҷисм як олам аст”.

Дар китоби **“Шарҳи мавоқиф”**[33]**,** саҳифаи 441-ум чунин омадааст: “Олам, яъне ҳама чиз, ҳодис аст, яъне махлуқ аст. Маънои онро дорад, ки пеш набуданд ва баъд ҳаст шудаанд. [Дар боло аз якдигар пайдо шуданашонро ҳам гуфта гузаштем]. Моддаҳо ва сифатҳои ҷисмҳо ҳам ҳодисанд. Дар ин ҷо метавонем сари ин чор чиз фикр кунем:

1 – Мувофиқи ақидаи мусалмонҳо, яҳудиҳо, насрониҳо ва маҷусиҳо моддаҳо ва сифатҳои ҷисмҳо ҳодисанд.

2 – Арасту ва файласуфони пайрави ӯ ба ин бовараанд, ки моддаҳо ва сифатҳои ҷисмҳо қадиманд. Яъне азалианд, ҳамеша ҳастанд. Хато будани ин суханҳоро илми кимёи замони муосир возеҳ исбот кардааст. Онҳое, ки ин гуна мегӯянд ё бовар доранд, аз мусалмонӣ мебароянд ва кофир мешаванд. Ибни Сино[34] ва Форобӣ[35] ҳам чунин андеша доранд.

3 – Файласуфони пеш аз Арасту ба чунин андеша буданд, ки моддаҳо қадиманд, вале сифатҳояшон ҳодисанд. Имрӯзҳо ҳам бисёре аз олимон чунин фикри хато доранд.

4 – Ҳодис будани моддаҳо ва қадим будани сифатҳоро касе даъво накардааст. Калинос аз ин чаҳор, ҳеҷ якеашро эътироф накардааст. Мусалмонҳо ҳодис будани моддаҳо ва сифатҳояшонро бо якчанд роҳ исбот кардаанд. Роҳи аввал ин, ки моддаҳо ва тамоми зарраҳо ҳамеша дар ҳоли ивазшавианд. Ҳеҷ як чизе, ки дар ҳоли ивазшавӣ аст, қадим буда наметавонад. Бояд ҳодис бошад. Чунки кори ҳар як моддае, ки аз моддаи пеш аз ӯ буда ба майдон меояд, ба гузаштаи беохир рафта наметавонад. Ин ивазшавиҳоро бояд оғозе бошад. Яъне, агар аввалин моддаҳое, ки аз нестӣ арзи ҳастӣ карданд, намебуданд, пайдоиши моддаҳо аз моддаҳои пеш аз онҳо буда то ба гузаштаи беохир мерафт, пайдошавии моддаҳо аз якдигар оғозе дошта наметавонист. Ва имрӯз ҳеҷ як модда вуҷуд набояд медошт. Вуҷуд доштани моддаҳо ва пайдо шудан аз якдигарашон нишон медиҳад, ки онҳо аз аввалин моддаҳое, ки аз нестӣ арзи вуҷуд кардаанд, пайдо гаштаанд.

---

33 Муаллифи **(Шарҳи Мавоқиф),** Саййид Шариф Алии Гурҷонӣ соли 816, [1413-и мелодӣ] дар Шероз вафот кардааст.

34 Ибни Сино Ҳусайн, соли 428, [1037-мелодӣ] вафот кардааст.

35 Муҳаммад Форобӣ, соли 339, [950-и мелодӣ] дар Шом вафот кардааст.

Дар баробари ин, агар санге аз осмон афтод, аз абадият омад, гуфтан аҳмақист. Чунки, абадият оғозу анҷом, аввалу охир надорад. Аз абадият омадан, аз нестӣ омадан аст. Чизе, ки аз абадият омаданаш даъво мешавад, наомаданаш лозим аст. Як чизи омадаро аз абадият омад гуфтан, як суханест ҷоҳилона ва на ба ақл ва на ба илм рост меояд. Ба монанди ин, пайдошавии инсон аз якдигар, аз гузаштаи абадӣ намеояд. Аз инсони аввалине, ки аз нестӣ арзи ҳастӣ кард, сар карда пайдо шуданашон лозим меояд. Агар инсони аввалине, ки аз нестӣ арзи вуҷуд кард, набошаду пайдоиши инсонҳо аз якдигар то ба гузаштаи абадӣ рафта мерасад гуфта шавад, ҳеҷ як инсон бояд имрӯз вуҷуд намедошт. Барои ҳама мавҷудот ҳамин тавр аст. Барои аз якдигар пайдо шудани моддаҳо, ҷисмҳо (ҳамин тавр омадааст, ҳамин тавр давом мекунад. Моддаҳои аввалинеро, ки аз нестӣ арзи ҳастӣ кардаанд, вуҷуд надорад гуфтан, як сухани ҷоҳилонаест, ки ба ақлу ба илм рост намеояд. Ивазшавӣ на абадӣ будан, на аз нестӣ арзи вуҷуд кардан, яъне **(воҷибулвуҷуд)** будан аст, балки **(мумкинулвуҷуд)** буданро нишон медиҳад.

Савол: Худи Офаридгори ин олам ва сифатҳояш қадим ва азалӣ аст. Пас, ин олам ҳам қадим буданаш лозим нест?

Ҷавоб: Мо мебинем, ки Офаридгори Қадим, ҳар замон моддаҳоро, зарраҳоро бо сабабҳои гуногун иваз мекунад, яъне нест карда, ба ҷои онҳо дигар моддаҳову мавҷудот меофарад. Офаридгори Қадим, замоне ки ирода мекунаду мехоҳад, ҳар замон моддаҳоро аз якдигарашон меофарад. Чӣ тавре, ки оламро, ҳар як моддаро, зарраҳоро бо сабабҳое офарид, вақте хоҳаду ирода кунад, бесабаб, бевоста аз нестӣ ҳам меофарад.

Онҳое, ки ба ҳодис будани дунё бовар доранд, ба фонӣ буданаш ҳам, яъне ба нест шудани ҳамаи мавҷудот ҳам бовар доранд. Нест шудани мавҷудоте, ки набуданд ва баъд офарида шудаанд, возеҳу равшан аст. Нест шудани бисёре аз мавҷудотро имрӯз дида метавонем. Барои мусалмон шудан, бояд бовар кард, ки моддаҳову ҷисмҳо, яъне ҳамаи мавҷудот аз нестӣ арзи вуҷуд кардаанд ва дубора нест хоҳанд шуд. Вуҷуд надоштани ҷисмҳо ва баъд офарида шудани онҳоро, дубора нест шуданашонро, яъне шаклҳову хусусиятҳояшон вуҷуд надоштанашонро мебинем. Ҷисмҳо нест шудаву моддаҳо бимонанд ҳам, азалӣ набудани моддаҳо, аз тарафи Аллоҳу таъоло хеле пеш офарида шудани онҳо, дар рӯзи қиёмат ҳаммашонро нест карданашро дар боло зикр кардем. Маълумотҳои илмии муосир барои бовар кардан ба ин масъала монеъ намешаванд. Бовар накардан, бар илм буҳтон задан ва душ-

мани Ислом буданро нишон медиҳад. Ислом маълумотҳои илмиро рад намекунад. Маълумотҳои илмӣ ҳам Исломро инкор намекунанд, ҳатто ӯро таъйид ва тасдиқ мекунад.

Олам ҳодис бошад, маънои онро дорад, ки Офаридгоре ҳаст, ки инро аз нестӣ ҳаст кард. Зеро ҳеҷ як ҳодиса худ аз худ нашуданашро дар боло овардем. Имрӯзҳо ҳазорҳо корхонаҳо вуҷуд дорад, ки ҳазорҳо намуди илоҷ, ашёи хона, моддаҳои тиҷоратӣ, олотҳои электронӣ, васоити ҳарбӣ месозанд. Бисёри инҳо баъди ҳисобҳои зиёду садҳо таҷрибаҳо ба даст омадаанд. Оё метавонем гӯем, ки аз инҳо ҳатто якеаш худ аз худ пайдо шудааст? Мегӯянд, ки инҳо дониставу хоста пайдо шудаанд ва барои ҳамаи инҳо як усто, як меъмор як офаранда буданаш лозим аст, ҷисмҳои беҷону ҷондор, ки дар ҳар замон ҷисмҳои нав ва бисёр ҳам зариф кашф ва пайдо мешаванд ва сохти бисёре аз онҳо ҳанӯз норӯшан аст, худ аз худ, тасодуфан ҳаст шудани миллион моддаву ҳодисаро нишон медиҳанд. Ин дурӯягӣ як аҳмақии ошкор набуда пас чист? Аз ин бармеояд, ки ҳар як модда, ҳар як ҳаракат офаридгоре дорад. Ин офаридгор **(Воҷибулвуҷуд)** аст. Яъне, аввал набудаву баъд пайдошуда нест. Ҳамеша ҳаст. Азбаски ҳаст, ба чизе эҳтиёҷ надорад. Агар ҳамеша вуҷуд доштанаш лозим намебуд, **(Мумкинулвуҷуд)** мешуд. Ба мисли олам ҳодис, яъне махлуқ мешуд. Махлуқ аз ивазшавии дигар махлуқ ва ё аз нестӣ ҳаст мешавад. Офаринандаи вай ҳам лозим мешуд. Агар чуноне ки дар боло зикр кардем, фикр кунем, ки ивазшавии махлуқот маҳдуд нест, офаридгорҳо ҳам абадӣ нашуданашон маълум шуда, офариниш аз аввалин офаридгор бояд оғоз ёбад. Ҳамин тавр, Офаридгори аввалине, ки офарида нашудааст, офаридгори ягонаи махлуқот аст. Пеш ва баъд аз Ӯ ҳеҷ офаридгоре нест. Офаридгор офарида намешавад. Ӯ ҳамеша ҳаст. Аггар лаҳзае набошад, ҳама чиз нест мешавад. Воҷибулвуҷуд аз ҳеҷ тараф ба ҳеҷ чиз муҳтоҷ нест. Офаридгоре, ки замину осмонро, атомҳоро, ҷондоронро бо низому ҳисоб офарид, қуввату қудрататаш беохир бояд бошад, олим бояд бошад, хостаашро дарҳол бояд офарад, ягона бояд бошад ва дар Ӯ ҳеҷ ивазшавие набояд бошад. Қуввату қудрататаш беохир набошад, олим набошад, ингуна махлуқоти бонизому боҳисоб офарида наметавонист. Ин офаридгор агар аз якто зиёд бошад, дар офариниши як чиз, хоҳишҳояшон мувофиқ наояд, нофаҳмиҳо ба вуҷуд омаданаш мумкин. Ва ҳама чиз бенизом мешуд. Барои маълумоти бештар, китоби **“Қасидаи амалӣ”-**и Алии Ӯширо[36] бо арабӣ ва туркӣ хонед!

36 Алии Ӯшӣ, соли 575, [1180 – и мелодӣ] вафот кардааст.

Дар Офаридгор ҳеҷ ивазшавие намешавад. Ҳоло чӣ гунае ки бошад, пеш аз оламро офаридан ҳам ҳамин гуна буд. Чӣ тавре ки ҳама чизро аз нестӣ ҳаст кард, ҳар замон ҳам, ҳоло ҳам дар ҳоли офаридан аст. Чунки ивазшавӣ махлуқ будан ваё аз нестӣ ҳаст шуданро нишон медиҳад. Ҳамеша вуҷуд доштани Ӯро, ҳеҷ нест нашуданашро дар боло зикр кардем. Аз ҳамин сабаб дар Ӯ ҳеҷ ивазшавие дида намешавад. Чи тавре ки махлуқот дар аввали офариданашон ба Ӯ муҳтоҷ буданд, ҳамин тавр ҳамеша муҳтоҷанд. Офаридгори ҳама чиз, ивазкунандаи ҳама чиз танҳо Ӯст. Барои бонизом будан ва барои хубтар зиндагӣ кардани инсон ва барои маданӣ шуданашон ҳама чизро вобаста ба сабабҳо офаридааст. Чи тавре ки сабабҳоро офарид, таъсири сабабҳоро ва натиҷа додани онҳоро ҳам Ӯ меофарад. Инсонҳо барои таъсир кардан ба моддаҳои сабабҳо як воситаанду бас.

Дар вақти гурусна будан хӯрдан, дар вақти беморӣ муолиҷа кардан, барои шамъ даргирондан гӯгирд задан, барои ба даст овардани водород дар болои рухом оксид рехтан, барои ҳосил кардани семент оҳаксангро бо қум омехта карда тасфондан, барои шир ба даст овардан гов парвариш кардан, барои қувваи барқ маркази гидро – электрикӣ сохтан, ҳар гуна фабрика сохтан, яъне ин гуна сабабҳоро истифода бурда, чизҳои нав офарида истодааст. Қуввату иродаи инсонро ҳам Аллоҳу таъоло ҳамчун як сабаб офарид. Инсонҳо ҳам дар офаридаҳои Аллоҳу таъоло як воситаанд. Аллоҳу таъоло ҳамин тавр офаридан мехоҳад. Аз ин бармеояд, ки “як чизро инсон офарид” гуфтан, як сухани ҷоҳилонаест, ки ба ақлу дин мувофиқ нест. Инсонҳо бояд он Офаридгореро, ки онҳоро офарид, зинда кард, чизҳоеро, ки ба он муҳтоҷ буданд офарид, бояд аз ҳама чиз дида бисёртар дӯст доранд, бандаи Ӯ бошанд. Яъне, Ӯро ибодат кардани махлуқот бояд бо паноҳ бурдан ба Ӯ, итоат кардан ва боэҳтиром будан амалӣ карда шавад. Дар ин бора дар оғози саҳифаи 7, ҷилди 3, дар мактуби 17-ум батафсил оварда шудааст. Худованди Воҷибулвуҷуд ва Ягона хабар медиҳад, ки номаш **(Аллоҳ)** аст. Бандаҳо, номҳои ба мо хабардодаи Ӯро ҳаққи иваз кардан надоранд. Кори ба ноҳақ кардашуда зулм буда, бисёр ҳам кори паст аст. Насрониҳову попҳо мегӯянд, ки Офаридгор се то аст. Навиштаҳои боло яккаву ягона будани Офаридгорро ва хато будани суханҳои насрониҳову попҳоро исбот мекунад.

Гар илм набошад, дин аз майдон дур меравад,
Кӯшиш бар наҷот бояд, бар сар то сари миллат.

Аз шӯрии рӯйи сиёҳи ин ҷаҳолат,
Кифоя нест магар ин дарси фалокат.

Ин дарси фалокат сабаби чӣ чизе шуд, фикр кун,
Майнаат об шуда, аз чашмат мисли об меравад.

Ин ҳодисоти охир, чист медонистӣ гар қатрае,
Гарки ба худ наоем мо, миллат меравад.

Чун ба такони нав тоқат намеорад ин бор,
Хоб монанди марг аст, бедор намешавад.

Ахлоқро дуруст кардану илм омӯхтан бояд,
Побанди дину афсари босилоҳ будан шояд.

Илми динӣ, қувваи ҳарбӣ ба пеш бояд рафт,
Ҳардуяш бо ҳам медиҳад ҳузур ба миллат.

ЛУҒАТ

– Аҳл - аъзои хонавода; махсусан барои хонаводаи паёмбар Муҳаммад (алайҳиссалом) истифода мешавад.

– Ансор - мардуми шаҳри Мадина, ки пеш аз фатҳи Макка мусалмон шудаанд.

– Ақоид - ҷ. ақида: эътиқод, боварӣ.

– Арафот - маконе дар наздикии Макка, ки ҳоҷиён он ҷоро зиёрат мекунанд.

– Башир - башоратдиҳанда, муждарасон; муждаовар, қосиди хабари хуш ованда.

– Бидъат - ақида ва қоидаҳои нав дар дин, ки мухолифи таълимоти ҳукмрони дин мебошад; дар ислом ҳар унсур ва қоидаи нав, ки баъди Муҳаммад (алайҳиссалом) пайдо мешуд, бидъат ном мегирифт.

– Биъсат - баъаса, фиристодагӣ ва ирсол; соли биъсат: соле, ки Муҳаммад (алайҳиссалом) ба паёмбарӣ **мабъус** шуд.

– Буроқ - номи аспи Муҳаммад пайғамбар (алайҳиссалом), ки дар шаби Меъроҷ савори он аз Макка то ба Байтулмуқаддас ва аз он ҷо ба осмон рафтааст.

– Воҷибулвуҷуд - он ки вуҷуди ӯ ба зоти худи ӯ вобаста аст ва муҳтоҷи ғайр нест; Худо.

– Забония - малоикаҳои дӯзах, ки дӯзахиёнро азоб медиҳанд.

– Зиндиқ - бедин, бехудо.

– Зуҳд - парҳезгорӣ, порсоӣ, бемайлию беҳавасӣ ба дунё, тарки дунё

– Ибоҳӣ *нигаред ба* **ибоҳатӣ -** мулҳиде, ки ҳамаи чизро мубоҳ шуморад ва анҷоми марҳамотро ҷоиз шуморад, касе ки ҳар чиз ва ҳар кореро мубоҳ донад ва иртикоби ҳар гуноҳеро ҷоиз медонад.

– Илҳом - дар дил афтодани фикри коре, рағбати иҷрои коре, ки ба дили кас илқо мешавад; талқин ва ангезиш дар бораи коре, ки мувофиқи эътиқоди динӣ аз тарафи Худо ба дили касе андохта мешавад.

– Ихлос - эътиқод, боварӣ; боихлос, боиродат.

– Иҷмоъ - ҷамъан, билиттифоқ, муттафиқан, ҳамагӣ, дастаҷамъона, дастаҷамъӣ.

– Иҷозатнома - ҳуҷҷате, ки соҳиби илми динӣ будани шахсро нишон медиҳад ва ӯро барои имомӣ карданаш рухсат медиҳад.

– Иҷтиҳод - дарк кардан, дарёфтани масъалаҳои шаръӣ бо муқои-

са аз Қуръон, ҳадис ва ривоятҳо; расидан ба дараҷаи донишмандӣ дар илми фиқҳ, муҷтаҳид шудан.

– Каромат - кори фавқулоддае, ки аз авлиё содир мешавад, он кори ғайриоддӣ, ки агар аз пайғамбарон содир шавад, муъҷиза мемонанд.

– Ладунӣ- он чӣ аз ғайри иштироки табиату зеҳн ва ғайри кӯшиш аз тарафи Худо ато шудааст, худодод.

– Мабъус - фиристода, барангехта, яъне пайдошуда, ба ҷониби касе равонашуда.

– Макрӯҳ - нопок, кароҳатовар, зишт, нохуш; нораво.

– Мандуб - амалест, ки дар назари шореъ анҷом додани он афзал аз тарки он аст, аммо тарки он ҷоиз аст.

– Маърифат - илм доир ба тасаввуф, ҷаҳоншиносӣ, яке аз чор дараҷаи ирфони сӯфия: шариат, тариқат, маърифат, ҳақиқат.

– Мосиво - ғайри он, ба ҷуз он, дигар аз он.

– Моликӣ - пайрави мазҳаби моликия, ки имомаш Имоми Молик мебошад.

– Мубоҳ - ҷоиз, раво.

– Мукаллаф - он ки иҷрои коре ба зимаи ӯ гузошта шудааст, мукаллаф будан, муваззаф будан, уҳдадор будан; он ки ба синни балоғат расидааст, ба балоғатрасида.

– Мулҳид - мункири Худо (*дар дини ислом*); даҳрӣ, бедин, кофир.

– Мумкинулвуҷуд - он чи вуҷуд доштанаш имконпазир аст; имконулвуҷуд.

– Мумтанеъулвуҷуд: он чи ҳастии он муҳол аст, имконпазир нест.

– Муташобиҳот: оёти махфиюлмаънӣ, оятҳое аз Қуръони маҷид, ки дорои маънӣ бошад, ки ҳақиқати он маълум набошад.

– Муртад - аз дин баргашта.

– Муршид - ростнамоянда, ҳидояткунанда, ба камолрасонанда; устод, муаллим, тарбияткунанда, адабомӯзанда; носеҳ ва панддиҳанда, воиз; дар истилоҳи тасаввуф касе аст, ки роҳи рост бинамояд, пир, шайх; иршодкунанда.

– Мушрик - он ки ба шарик доштани Худо (бисёрхудоӣ) эътиқод дорад, пайрави мушрикон**;** он ки ба ягонагии Худо бовар надорад.

– Муфассир - тафсиркунанда (бештар Қуръонро).

– Муҷтаҳид -ҳалкунандаи масъалаҳои мушкили динӣ аз рӯи муҳокимаҳои ақлӣ, дар асоси ҳукми Қуръон, ҳадис ва иҷмоъ (фикри акса-

рияти фақеҳон); олиме, ки дар улуми динӣ ба дараҷаи иҷтиҳод расида бошад.

– Наҷс - *нигаред* ба **наҷосат -** нопокӣ, мурдорӣ, палидӣ; саргин.

– Нас(с) - ояти Қуръон, ки маънои он возеҳ ва равшан бошад; ояте, ки мувофиқи он ду кори ба ҳамдигар монандро аз ҷиҳати некӣ ва бадӣ аз ҳамдигар фарқ ва имтиёз мекунанд.

– Насх - беэътибор шудан; бекор кардан чизеро бо чизе ,ки беҳтар аз он бошад; баъзе оятҳои Қуръон, ки баъдтар нозил шудаанд, баъзе оятҳои пешинро насх кардаанд, ба монанди ояти шароб.

– Нисоб - он миқдор моле, ки аз он закот додан лозим аст.

– Руъят - дидан, ба чашм дидан, мушоҳида; биниш.

– саид - хушбахт, некбахт, хуштолеъ, бахтиёр.

– Сидра - дарахте дар биҳишт ё дар осмони ҳафтум дар тарафи рости арш.

– Суфӣ - пайрави тариқати тасаввуф.

– Талфиқ - фароҳам овардан, ба ҳам пайваст кардан ва мураттаб гардонидани нутқ, зинат додани нутқ бо гапҳои бофта.

– Тасаввуф - ҷараён ё тариқате, ки пайравони он ба покшавӣ аз хоҳишҳои нафсонӣ кӯшида, ашёи олам ва табиатро мазҳар (маҳалли зуҳури) Ҳақ (Худо) медонистанд, либоси пашмина пӯшида, ба зуҳду тақво машғул мешуданд; сӯфигарӣ

– Таъвил - баён кардан, шарҳ додан, тафсир кардан, маънидод кардан

– Ушр - даҳяк; закоте, ки ба андозаи даҳяки мол гирифта мешуд

– Фақеҳ - донишманди илмҳои шаръӣ; донандаи қонун ва аҳкоми шариати ислом; қонуншиноси шариат.

– Фиқҳ - илм доир ба аҳкоми шариати ислом, илми аҳкоми шариат.

– Ҳанбалӣ - пайрави мазҳаби ҳанбалия, ки имомаш Имоми Аҳмад ибни Ҳанбал аст.

– Ҳаннона - навҳакунанда, нолон, гирён; номи дарахт ё кундаи хушке, ки барои ҷудо шудан аз ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом гиряву нола мекард

– Шақӣ - бадбахт*; муқобили* **саид.**

– Шақоват - бадбахтӣ; *муқобили* **саодат**

– Шофеъӣ: пайравони мазҳаби шофеия, ки имомаш Имоми Шофеъӣ аст